молиявӣ ба барқарорсозии ёдгориҳои таърихӣ оғоз намуд. Тайи ду даҳсолаи охир як қатор иншооти таърихиву фарҳангӣ ва ёдгориҳои меъморӣ таъмиру тармим гардида, ба макони сайру саёҳати сокинони кишвар ва сайёҳони хориҷӣ табдил дода шуданд.

Дар баробари ин, Ҳукумат "Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020" - ро қабул намуд, ки дар асоси он барои таъмиру барқарорсозӣ, корҳои бостоншиносӣ ва тарғиби мероси моддиву маънавии халқамон маблағҳои муайян пешбинӣ гардидаанд.

Тибқи маълумоти Вазорати фарҳанг ҳоло дар кишвар зиёда аз 2900 ёдгории таърихиву меъморӣ мавҷуд аст. Вале то ба имрӯз дар 695 ёдгории таърихиву меъморӣ корҳои илмиву бостоншиносӣ ва навсозиву барқарорсозӣ оғоз нагардида, онҳо дар ҳолати ниҳоят хароб қарор доранд. Ҳарчанд ки доир ба баъзеи ин ёдгориҳо дар сарчашмаҳои таърихӣ ишораҳо мавҷуданд, вале дар замони истиқлолият дар ин самт маълумоти иловагӣ кам ҷамъоварӣ шуда, дар баъзе аз ин мавзеъҳо корҳои ҷустуҷӯиву ҳафриётӣ ҳанӯз шурӯъ нашудаанд.

То имрӯз мо барои таъмиму барқарорсозии ёдгориҳои зикршуда, аз ҷумла қалъаи Ҳисор даҳҳо миллион сомонӣ сарф кардем. Вале натиҷаи корҳо қаноатбахш нест. Масъулон ба ин масъала муносибати ҷиддӣ намекунанд, чунки завқ надоранд. Дигарҳо дар ҷойи холӣ аз ҳеҷ чиз як чиз месозанд ва ба маърази тамошои мардуми худ ва сайёҳон мегузоранд, миллаташонро муаррифӣ мекунанд ва даромад мегиранд.

Мо дар даврони соҳибистиқлолӣ се маротиба мақбараи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро дар шаҳри Панҷакент, оромгоҳҳои Мир Саид Алии Ҳамадониро дар шаҳри Кӯлоб се-чор маротиба, Туғрали Аҳрориро дар ноҳияи Айнӣ ва Камоли Хуҷандиро дар шаҳри Хуҷанд таъмиру барқарор намудем. Инчунин, чанде аз мақбараҳои мутафаккирони пешин, аз ҷумла Ҳазрати Султон, Муҳаммад Шақиқи Балхӣ, Ҳазрати Бурхи Валӣ, Муҳаммади Башоро ва биноҳои қадимаро дар шаҳру ноҳияҳои кишвар обод кардем.

Аз Фонди Президенти мамлакат биноҳои асосӣ ва гирду атрофи қалъаҳои Ҳисор, Ҳулбук ва Хуҷанд барқарор гардида, ҷиҳати идома додани корҳои илмиву бостоншиносӣ, ба тартиб даровардани деворҳо ва сохтмони манораву кушкҳо маблағҳои иловагӣ равона шуда истодаанд. Барои барқарор кардан ва таъмиру таҷдиди қалъаҳои Муъминобод ва Балҷувони вилояти Хатлон, Муғтеппаи Истаравшан, Санҷаршоҳи Панҷакент ва Вомари Рӯшон дар доираи барнома маблағ ҷудо шуда, корҳо дар ин самт идома доранд.

Бояд гуфт, ки аз ҷониби мутахассисони соҳаи фарҳанг корҳои лоиҳакашии ёдгориҳои таърихӣ низ суст ба роҳ монда шуда, то ба ҳол лоиҳаи мақбараҳои олимону мутафаккирони ислому ирфон Хоҷа Аюби

Ансорӣ, Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ, Мавлоно Фатҳуллоҳи Чустӣ ва Хоҷа Нақшрон омода нашудааст. Лоиҳаи қалъаҳои Кӯлоб, Шаҳритус, Исфара, дайри буддоии Аҷинатеппаи Вахш ва сангнигораҳои ноҳияи Айнӣ то ҳол ба анҷом нарасидааст. Ғайр аз ин, ёдгориҳои Тахти Сангини ноҳияи Қубодиён, Аҷинатеппаи ноҳияи Вахш дар ҳолати ногувор қарор дошта, таъмирталаб мебошанд ва дар даврони истиқлолият кам таҳқиқ шудаанд. Ёдгории Тахти Сангин то ҳол роҳи durуст надорад ва сайёҳон бо мушкилӣ ба ин мавзеъ мерасанд.

Бояд гуфт, ки корҳои муваққатан пӯшонидан ва ободкардани шаҳраки Саразм низ ба таъхир афтода, омӯзишу таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ин мавзеъ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки бозёфтҳои маданияти қадимаи халқи тоҷик ба ҳазорсолаи чоруми то мелод мансуб буда, аввалин шаҳрҳову нахустин давлатҳои таърихии мо дар ҳамин сарзамин ба вуҷуд омадаанд, ки намунаи беҳтаринашон шаҳраки қадимаи Саразм мебошад.

Ҳукумат аз соли дуҳазорум ба ёдгории Саразм ҳамчун намунаи барҷастаи осори таърих таваҷҷуҳ зоҳир карда, бо қарори худ Маркази ташаккули тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон - “Мамнӯъгоҳи таърихиву бостоншиносии Саразм” - ро таъсис дод ва барои корҳои ҷустуҷӯиву бостоншиносӣ ва ободу барқарор кардани он ҳамасола маблағ ҷудо мекунад. Дар баробари ин, бо дастури Ҳукумат маводи зарурӣ ҷиҳати пешниҳод кардани Саразм ба рӯйхати мероси таърихии халқи тоҷик ба ЮНЕСКО омода ва ирсол гардида, Саразм ҳамчун намунаи шаҳри қадим аз тарафи ин созмони ҷаҳонӣ эътироф ва моҳи июни соли 2010 ба феҳристи мероси фарҳанги умумибашарӣ ворид гардид.

Вобаста ба ин, таъкид месозам, ки корҳо дар самти ба феҳристи мероси фарҳанги умумибашарии ЮНЕСКО ворид намудани дигар ёдгориҳои таърихии кишвар назаррас нестанд. То ба ҳол ёдгориҳои Тахти Сангин, Аҷинатеппа, Ҳулбук, қалъаҳои Ҳисор, Кӯлоб, Хоҷамашҳад дар ноҳияи Шаҳритус, Панҷакенти қадима, Бунҷекати ноҳияи Шаҳристон ва Ямчун воқеъ дар ноҳияи Ишкошим ба рӯйхати ЮНЕСКО ворид нашудаанд.

Аз шумораи умумии ёдгориҳои таърихие, ки дар мамлакат вуҷуд доранд, мо то имрӯз номгӯйи ками онҳоро ба рӯйхати созмонҳои байналмилалӣ ворид кардаем. Бинобар ин, зарур аст, ки дар ин самт корҳои омӯзишӣ ва ташкилӣ вусъат бахшида шаванд.

Ман дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар иброз доштам, ки ”дастовардҳои маънавию моддии мардуми шарифи мо ба феҳристи умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гарданд ва нақши тамаддунсози миллати тоҷикро минбаъд низ боло бардоранд”.

Вобаста ба ин, вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илм, Академияи илмҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки бо ихтисоси таърих ва

бостоншиносӣ мутахассис тайёр мекунанд, вазифадор карда мешаванд, ки корҳои бостоншиносиро дар ёдгориҳои таърихиву фарҳангии мамлакат вусъат бахшанд ва ҷустуҷӯҳои илмиро дар ин мавзеъҳо мунтазам идома дода, ҷиҳати таъмиру тармим, зиёд кардани нигораҳо ва ба тартиб даровардани онҳо чораҷӯӣ кунанд ва ёдгориҳои таърихиро бо мақсади ворид намудан ба феҳристи ёдгориҳои ҷаҳонӣ ба ЮНЕСКО пешниҳод намоянд. Ҳамчунин, мо бояд дар назди ёдгориҳои зикршуда инфрасохтори зарурӣ бунёд намоем ва мавзеъҳои таърихии Ҳулбук, Кӯлоб, Хуҷанд, Балҷувон, Муғ, Ямчун, Кангурттут, Хушдилон (Торбулоқ), Карон, Тахти Сангин, Хоҷамашҳад, Саразм, Аҷинатеппа, Панҷакенти қадим ва дигар ёдгориҳои таърихиву фарҳангиро пурра барқарор карда, онҳоро ба макони сайру саёҳат табдил диҳем.

Дар робита ба ин, бо дарназардошти аҳаммияти шаҳри қадимаи Саразм пешниҳод менамоям, ки соли 2020-ум 5500-солагии Саразми бостонӣ ҳамчун маркази ташаккули маданияти кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон ҷашн гирифта шавад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шудани соли 2018, ки ҳадафи асосии он муаррифии шоистаи миллати тоҷик мебошад, дар навбати аввал, ба эҳёи ҳунарҳои миллӣ ва афзоиши дастранҷи шахсони эҷодкору соҳибистеъдоди кишварамон мусоидат хоҳад намуд. Ниёгони мо аз замонҳои хеле қадим ба ҳунармандӣ ва косибӣ рӯ оварда, дар тӯли асрҳои зиёд ҷиҳати эҷоди садҳо навъи ҳунар роҳ кушодаанд.

Намунаҳои ҳунари гузаштагони мо дар рӯйи санг, деворнигораҳо, тангаҳои тиллоӣ ва мисиву нуқрагӣ ва пӯсти ҳайвоноту дарахтон ҳифз шуда, аз насл ба насл то замони мо расидаанд. Вале бо мурури замон баъзеи онҳо аз байн рафта, қисми дигарашон дар маҳалҳои гуногуни диёрамон дар миёни аҳолӣ то ба имрӯз боқӣ мондааст, ки ҳар кадоми он намунаи барҷастаи мероси моддиву маънавии халқи тоҷик ба шумор меравад.

Дар осори ҳунарии мардуми тоҷик аз қадим нақшу нигори нафис мавқеи асосӣ дошта, таассуроти ғании онҳо, ки асосашро табиати зебои Тоҷикистони биҳиштосо ва завқи баланди фарзандони ҳунармандаш ташкил медиҳад, дар чӯб, санг, гаҷ, деворнигора, матоъ ва монанди инҳо бо маҳорати хос ифода шудаанд. Дар маҳсули дасти мисгарон, заргарон, кулолгарон, читгарон, бофандагон, чеварон, созтарошон ва дигар ҳунарҳои роиҷ намунаҳои рангу бор ва нақшу нигореро дидан мумкин аст, ки ҷанбаи қадимаи таърихиву фарҳангӣ дошта, дар айни замон бо осори маънавии шифоҳиву хаттии халқ пайванди мустаҳкам доранд.

Танҳо дар мисоли як ҳунари нодир – кундалкашӣ ё кундалсозӣ садҳо рангу нақшу нигор мушоҳида мегардад ва хушбахтона, ин ҳунари нафису дилкаш дар кишвари мо хеле инкишоф ёфтааст.

Лекин бояд гуфт, ки баъзе ҳунарҳо, аз қабили кулолгарӣ, заргарӣ, матоъбофӣ, читгарӣ, намадбофӣ, бурёбофӣ, алочабофӣ, истеҳсоли маҳсулоти дастии гаҷкорӣ ё сафоливу шишагӣ ва аз сангҳои нимқимату ороишӣ кам рушд карда, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо ба фаромӯшӣ рафтаанд.

Бо мақсади эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, ки яке аз роҳҳои ба шуғл ҷалб кардани аҳолӣ мебошад, мо имсолро соли рушди ҳунармандӣ эълон кардем ва аллакай барои фурӯши маснуоти дар хона истеҳсолшаванда ва навъҳои зиёди ҳунарҳои мардумӣ имтиёзҳо муқаррар карда, онҳоро аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод намудем.

Гузашта аз ин, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, кумитаҳои кор бо занон ва оила, рушди сайёҳӣ, ҷавонон ва варзиш, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш додем, ки барои эҳёи ҳунарҳои мардумӣ тадбирҳои амалӣ андешанд.

Ҳунари навозандагӣ ва сароядагӣ низ ҳамчун мероси маънавӣ як ҷузъи муҳимми фарҳанг мебошад. Мақомхонӣ ва фалаксароӣ намунаи маҳсули эҷоди гузаштагони дури мо, аз ҷумла Борбади Марвазӣ буда, дар тӯли таърих таҳаввулу ташаккул ёфтааст ва дертар дар шакли дувоздаҳмақому шашмақом маъмул гардидааст.

Баробар бо ривоҷи мақомхонӣ тавассути ҳунармандон асбобҳои нодири мусиқӣ барои ин навъи санъат пайдо шуданд, ки асрҳост ба қалби одамон шодиву сурур ва рӯҳу илҳом мебахшанд. Ба ҳамин монанд дар сарзамини тоҷикон намунаҳои зиёди касбу ҳунарҳо пайдо шудаанд, ки қисме аз онҳо то замони мо расидаанд ва баъзеяшон бояд эҳё карда шаванд.

Созтарошиву наққошӣ, мисгариву заргарӣ, чевариву гулдӯзӣ, читгариву алочабофӣ, шоҳиву адрасбофӣ, гилему қолинбофӣ ва монанди инҳо аз ҳамин қабил ҳунарҳо мебошанд. Хушбахтона, ҳоло атласу адрасбофӣ торафт тараққӣ карда, чевариву чакандӯзӣ низ миёни мардум маҳбубият пайдо карда истодааст.

Ҳоло зарур аст, ки барои ҳунармандон шароит фароҳам оварем ва доираи истифодаву фурӯши маҳсулоту маснуоти онҳоро на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он низ тавсеа бахшем. Ин як роҳи беҳтарини эҳёи фарҳангу ҳунарҳои миллӣ ва дар айни замон ба ҷаҳониён муаррифӣ кардани миллат ва давлат мебошад.

Вале хотирнишон месозам, ки навъҳои зикршудаи ҳунар то ҳанӯз ба ҷаҳониён кам муаррифӣ шудаанд. Мувофиқи маълумоти Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз аз мероси ғайримоддии халқи тоҷик “Шашмақом”, “Оши палав” ва “Наврӯз” ба

фехристи ЮНЕСКО ворид гардида, “Фалак” ва “Чакан” пешниҳод шудааст.

Мо на танҳо Наврӯз, балки ҷашнҳои Меҳргон ва Садаро эҳё кардем. Вале омӯзиши ин ҷашнҳои миллӣ васеъ ба роҳ монда нашуда, ҷанбаҳои мардумии онҳо пурра таҳқиқ ва муаррифӣ нагардидаанд ва ҷашнҳои Меҳргону Сада то ҳанӯз ба таври шоиста муаррифӣ нашудаанд.

Вақти он расидааст, ки муҳаққиқон доир ба ин се ҷашн ва дигар маросиму ойинҳои миллиамон “Донишномаи ҷашнҳои миллии тоҷикон” -ро таҳия карда, ба нашр расонанд ва суннату арзишҳои мардуми моро ба оламиён муаррифӣ намоянд.

Вобаста ба ин, Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои фарҳанг, корҳои хориҷӣ, Академияи илмҳо ва Сарредаксияи Энсиклопедияи миллии тоҷик вазифадоранд, ки ҷиҳати муаррифии ҳарчи бештари мероси ғайримоддии халқи тоҷик чораҷӯӣ карда, сарчашмаҳои таърихиеро, ки оид ба ҷашну маросим ва ҳунарҳои қадимаи мо маълумот медиҳанд, таҳияву чоп намоянд ва онҳоро ба хонандагони дохиливу хориҷӣ пешниҳод созанд.

Дар баробари ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки якҷо бо вазоратҳои фарҳанг, саноат ва технологияҳои нав, кумитаҳои рушди сайёҳӣ, оид ба корҳои занон ва оила, ҷавонон ва варзиш, телевизион ва радио, иттифоқҳои эҷодӣ, инчунин, олимони мардумшиносу бостоншинос ба масъалаи эҳё кардану тараққӣ додани ҳунарҳои мардумӣ эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоянд.

Аз ҷумла, озмунҳои мухталиф доир карда, дар маркази шаҳру ноҳияҳо мағозаву растаҳои махсуси фурӯши маснуоту ашёи истеҳсолкардаи ҳунармандонро барои аҳолӣ ва сайёҳон ташкил намоянд ва барои шахсони бешуғл курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ таъсис диҳанд.

Зиёиёни кишвар, аз ҷумла адибону рӯзноманигорон ва умуман, аҳли эҷодро лозим аст, ки дар ташвиқу тарғиби фарҳанги миллӣ, касбу ҳунарҳои мардумӣ ва мероси моддиву ғайримоддии халқамон фаъолона иштирок намоянд.

Дӯстони азиз!

Солҳои охир мо ба рушди сайёҳӣ афзалият дода, барои бунёди инфрасохтори муосир тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодаем. Бунёди меҳмонхонаҳои ҳозиразамон дар шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳо, марказҳои фароғату истироҳат боиси боло рафтани мавқеи кишварамон дар соҳаи сайёҳӣ гардида, шумораи сайёҳон ба мамлакат торафт меафзоянд.

Дар ин кори хайр баробари сохторҳои давлатӣ бахши хусусӣ низ фаъол мебошад.

Дар муддати кӯтоҳ ба фаъолият оғоз кардани осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои “Баҳористон”, “Сафеддара”, “Шоҳамбарӣ”, “Зумрад”,

“Хоҷа Обигарм”, “Оби гарм”, “Чаҳорчаман”, “Гармчашма”,” Сароб”, “Зайрон” ва дигар марказҳои муосири истироҳату табобат ба зиёд шудани шумораи меҳмонони хориҷӣ ва сайёҳон мусоидат менамояд.

Мо доираи минтақаҳои сайёҳии кишварамонро васеъ карда, баробари дараҳои Варзобу Ромит ва ноҳияи Балҷувон дар дигар мавзеъҳои Ватани маҳбубамон ҷойҳои сайру саёҳат бунёд мекунем ва онҳоро ба макони истироҳату фароғати шаҳрвандон ва сайёҳон табдил медиҳем.

Имрӯзҳо сайёҳони зиёд хоҳиши саёҳат тавассути хатсайри “Роҳи бузурги абрешим”-ро доранд. Дар ин ҷода масир ё хатсайри “Харгӯш” метавонад воситаи хуби ҷалби сайёҳон шавад, зеро аз қадим бо ин роҳ корвонҳо ба шаҳрҳои соҳили Амударё ворид шуда, Чинро бо Осиёву Аврупо мепайвастанд.

Дар масири ин роҳ то пойтахти мамлакат пайраҳаҳои махсус, қалъаҳои “Ямчун”, “Вранг”, “Зонг”, чашмаҳои “Авҷ”, “Ҷелондӣ”, “Фотимаву Захро”, “Гармчашма”, шаҳраки “Карон”, қалъаҳои “Кӯлоб”-у “Ҳулбук”, чашмасору обшорони Сари Хосор, мақбараҳои Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Мавлоно Тоҷиддин, Шақиқи Балхӣ ва даҳҳо чашмаҳои шифобахшу обҳои мусаффо ҷойгиранд, ки сайёҳон ва шаҳрвандони мо имкон доранд ҳам саломатиашонро барқарор кунанд ва ҳам аз ин ёдгориҳо дидан намоянд.

Яъне мо имконият дорем, ки бо истифода аз онҳо сайёҳии табобатиро хеле тараққӣ диҳем.

Бовар дорам, ки эълон шудани Соли рушди сайёҳӣ ба ободу зебо гардидани ин мавзеъҳои сайру саёҳат мусоидат мекунад ва барои ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон ба кишварамон заминаи хуб фароҳам меорад.

Дар ин раванд, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва омодаву эҳё намудан, пешниҳод кардани беҳтарин таомҳои миллӣ дар мавзеъҳои сайёҳиву меҳмонхонаҳо, ки метавонад боиси беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ гардад, инчунин, тавсеа бахшидани маърифати экологии мардум ниҳоят зарур мебошад.

Вобаста ба ин, олимони моро зарур аст, ки заминаҳои таърихии ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар мисоли ҳунарҳои мардумӣ ва рушди сайёҳӣ, ки яке аз василаҳои муҳимми пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад, ҳаматарафа таҳқиқ намоянд.

Дар ин замина, ҷалби васеи аҳолӣ ба китобхонӣ ва оммавигардонии мутолиаи китоб, гузаронидани озмунҳои шеърхониву байтбарак, инчунин, донистани забонҳои хориҷӣ муҳим мебошад.

Зеро сайёҳон бо мардум муошират менамоянд, аз таъриху фарҳанг ва осори гаронбаҳои халқ пурсон мешаванд. Агар мо аз таъриху фарҳанги халқамон хуб огоҳӣ дошта бошем, забондон бошем, мероси халқамонро метавонем ҳарчи бештар муаррифӣ намоем.

Интишори “Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик” дар ду ҷилд вобаста ба омӯзиши урфу одат, анъана, расму ойин, маросими хурсандиву азодорӣ ва касбу ҳунарҳои мардумӣ иқдоми хубест, ки бояд идома дода шавад.

Академияи илмҳо ва Сарредаксияи илмии “Энсиклопедияи миллии тоҷик” бояд ҷилдҳои боқимондаи онро низ сари вақт ва бо сифати хуб аз нашр бароварда, дастраси хонандагони дохиливу хориҷӣ гардонанд.

Зиёиёни арҷманд!

Бояд тазаккур дод, ки забони миллӣ барои дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ кардани миллат нақши калидӣ дорад. Гузашта аз ин, забони тоҷикӣ ба сифати яке аз забонҳои ширину шоирона ва шевотарини дунё аз ҷониби бузургтарин шарқшиносони ҷаҳонӣ эътироф гардидааст.

Бузургони миллати тоҷик дар тӯли таърих бо ин забони ҷаззоб осори арзишманди адабӣ, бадеӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ба мерос гузоштаанд. Таърихи забони миллии мо шоҳиди он аст, ки маҳз забон бо иқтидор ва тавонмандиҳои худ миллати тоҷикро дар арсаи муборизаҳои сиёсӣ, мафкуравӣ ва фарҳангӣ муқовиматпазир сохтааст.

Мо ифтихор мекунем, ки Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Мавлонои Балхиву Бедил ва ҳазорон нафари дигар қалби ҷаҳониёнро бо ин забони ноб, яъне забони модариву давлатии мову шумо тасхир кардаанд.

Бинобар ин, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба рукни муҳимми фарҳангсозу миллатсоз - забони давлатӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи зиёиёни мамлакат дар шароити кунунӣ маҳсуб меёбад.

Бояд ёдовар шуд, ки забони тоҷикӣ давраҳои мухталифи таърихиро паси сар карда, дар аҳди Сомониён забони расмии давлатӣ эълон гардида буд.

Бо талошу заҳмати фарзандони маърифатпарвари халқ забони тоҷикӣ давра ба давра ташаккул ва таҳаввул ёфта, қаламрави истифодаи он аз Мовароуннаҳру Хуросон фаротар рафта, ба Қафқозу Осиёи Хурд, Ироқу нимҷазираи Ҳинд доман паҳн кард ва садсолаҳо нақши забони байналмилалиро иҷро намуд.

Саҳми тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон дар зинда нигоҳ доштани забон беназир аст. Зеро макони пайдоиши ин забон маҳз Мовароуннаҳру Хуросон мебошад.

Барои насли имрӯзаи мо омӯхтани таърихи забони тоҷикӣ муҳим буда, донистани равандҳои таҳаввул ва ташаккули рушди он шарти зарурӣ мебошад.

Мо бояд кӯшиш намоем, ки дар замони ҷаҳонишавӣ истиқлоли фарҳангӣ ва забонии худро ҳифз кунем ва рукнҳои пойдории миллат ва кишварро тавассути забон таҳким бахшида, онҳоро ҳарчи бештар устувор гардонем.

Дар замоне, ки мо ба сӯйи истиқлолияти миллӣ ва фарҳангӣ роҳ кушодаем, лозим аст, ки забони худро ба дараҷаи як забони шево тақвият бахшем, то ба корвони фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамсафарӣ карда тавонем.

Дар робита ба ин масъала, бори дигар шумо - зиёиён ва олимони кишварро даъват мекунам, ки дар бобати дуруст истифода бурдани мафҳуми “забони тоҷикӣ” бетараф набошед ва назару мавқеи худро равшану боҷуръатона баён намоед.

Андешаву назари онҳоеро, ки дину мазҳаб ва имону миллати худро ба бегонагон фурӯхтааанду ҳаққи маънавии тоҷик буданро надоранд, қотеъона маҳкум кунед.

Бори дигар хотирнишон месозам, ки зиёиён, аз ҷумла аҳли қалам дар назди забон, адабиёт ва завқи мардум масъулияти зиёд доранд.

Мо тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, забони давлатиамонро - “забони тоҷикӣ” ва номи давлатамонро “Тоҷикистон” эълон намудем.

Аз ин лиҳоз, ҳар як шахси баору номус ва ватандӯст вазифадор аст, ки номи забону давлаташро бо дарки масъулият муаррифӣ намояд ва онҳоро чун гавҳараки чашм ҳифз созад.

Мо бояд мафҳумҳои “миллати тоҷик”, “забони тоҷикӣ”, “таърихи тоҷикон”, “фарҳанги тоҷикӣ” ва “адабиёти тоҷикӣ”-ро баробари номи муқаддаси Тоҷикистон, модари хеш ва мисли ҷони худ дӯст дорем ва онҳоро бо ифтихор ба забон оварем.

Мо бояд ба омӯзиши забони адабӣ ё забони меъёрии тоҷикӣ пайваста саъю кӯшиш кунем ва барои тозагии баён, ифодаи соддаву равон ва саҳеҳии фикру андеша талош намоем.

Бинобар ин, сохтору мақомоти дахлдори давлатиро зарур аст, ки назорати қатъии риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” - ро дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла забони китобҳои илмиву таълимӣ ва маводи иттилоотӣ таъмин намоянд.

Иҷрои талаботи қонуни зикршуда, дар навбати аввал, вазифаи зиёиён мебошад.

Шумо тавассути воситаҳои ахбори омма огоҳед, ки чанд рӯз пештар дар ҷараёни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон мо тамоми масоили мавриди таваҷҷуҳи тарафайнро баррасӣ кардем ва ҳамаи монеаҳоеро, ки дар тӯли беш аз 26 сол садди роҳи муносибатҳои ҳасанаи халқҳоямон буданд, аз байн бардоштем.

Аз ҷумла эълон доштем, ки мо бояд барои истифодаи озодона ва рушди забонҳои модарии тоҷикон дар Ӯзбекистон ва ӯзбекҳо дар Тоҷикистон, пешрафти илму маориф, фарҳанг ва риояи расму ойин ва маросиму суннатҳои миллӣ шароит фароҳам оварем.

Акнун вазифаи зиёиён аст, ки ин масъалаҳоро тавассути баргузор намудани ҳамоишу конфронс, суҳбату машваратҳои илмиву фарҳангӣ ва омӯзишу таҳқиқи якҷоя баррасӣ намоянд.

Басо рамзист, ки имсол мо 140-солагии зодрӯзи поягузори адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Садриддин Айниро ҷашн мегирем. Саҳми устод Айнӣ дар пешрафти назму насри нави тоҷикӣ, илми адабиётшиносӣ, таърихнигорӣ, ҳунаршиносӣ, рӯзноманигорӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, мақолаҳои публитсистӣ, фарҳангнигорӣ ва монанди инҳо хеле бузург мебошад.

Барҳақ, устод Айнӣ дар тафаккури адабиву фарҳангии халқи тоҷик инқилоб ба вуҷуд оварда, онро ба шоҳроҳи нав ворид кардааст.

Махсусан, муборизаҳои ӯро дар мавриди тоза нигоҳ доштани забони адабӣ ё меъёрии тоҷикӣ ва оммафаҳму равон сохтани он зикр кардан зарур аст.

Мехоҳам таъкид кунам, ки мо дар сиёсати забон, қабл аз ҳама, дар мавриди забони тоҷикии меъёрӣ аз мерос ва андешаҳои устод Садриддин Айнӣ истифода мекунем. Зеро ба қавли устод Айнӣ “ барои васеъ кардани забони илмӣ ва адабии тоҷик беҳтар аст, ки ба адабиёти классикӣ ва хазинаи забони зиндаи тоҷикӣ роҳ ёбем”.

Ҳоло бори дигар хотиррасон месозам, ки иҷрои ин вазифаҳо, яъне таъмин намудани пешрафт ва тавсеаи доираи истифодаи забон, тараққиёти минбаъдаи илм, маориф, фарҳанг ва дигар масъалаҳои зиндагии ҷомеа, пеш аз ҳама, ба дӯши аҳли зиё ҳамчун нерӯи пешсафу пешбаранда вогузор мегардад.

Давлати мо наздик ба бисту ҳафт сол аст, ки дар роҳи истиқлолияти сиёсӣ ва низоми дунявӣ устуворона қадам ниҳода, ба дастовардҳои хеле назаррас ноил шудааст.

Моро зарур аст, ки ин комёбиҳои миллати тоҷикро васеъ тарғиб намоем ва ҷиҳати ҳифзу ҳимояи дастовардҳои истиқлолият аҳлона саъю талош карда, Ватани азизамонро боз ҳам ободу зебо гардонем.

Дар ин амри хайр ва корҳои созанда шумо - зиёиёни мамлакат бояд фаъол бошед ва аҳли ҷомеаро ҳидояту раҳнамоӣ намоед.

Имрӯз аксари иттифоқҳои эҷодӣ, аз ҷумла адибон, рассомон, меъморон, оҳангсозон, рӯзноманигорон, синамогарон, намояндагони соҳаҳои иҷтимоӣ, бахусус, омӯзгорон, олимон, табибон ва аҳли фарҳанг дар таҳкими давлатдории миллӣ ва муаррифӣ кардани Тоҷикистони азиз фаъолона иштирок дошта, аз манфиатҳои давлату миллат пуштибонӣ менамоянд.

Мо ба нерӯи созандаи шумо - зиёиёни Ватан бовару эътимод дорем ва минбаъд низ пайваста ба ин нерӯ такя карда, дар иттиҳоду ҳамбастагӣ давлат ва ҷомеаро ба сӯйи пешрафту тараққиёт раҳнамоӣ хоҳем кард.

Дар ин кори пуршараф ва дар айни замон, заҳматталаб ба ҳамаи шумо – зиёиёни муҳтарам барору комёбӣ орзумандам.

Бо итминони комил ба имконияту иқтидори зеҳнӣ ва донишу хиради шумо изҳор медорам, ки зиёиён ҳамеша нерӯи пешбаранда ва раҳнамои имрӯзу фардои неки миллати тоҷик хоҳанд буд.

Бори дигар Наврӯзи байналмилалиро ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва аҳли зиёи кишвар самимона табрик гуфта, ба шумо саломативу сарбаландӣ ва ба Ватани маҳбубамон Наврӯзи ҷовидона орзу менамоям.

**Ҷашни Наврӯзи Аҷам ба хурду бузурги Тоҷикистон ва ҳамаи шумо – зиёиёни муҳтарам муборак бошад!**

## СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ЧОРАБИНИИ САТҲИ БАЛАНД БА МУНОСИБАТИ ОҒОЗИ ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ «ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР, СОЛҲОИ 2018-2028»

**22.03.2018, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико**

**Муҳтарам ҷаноби Раис!**
**Муҳтарам Дабири кулл!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Дар оғоз мехоҳам ба Раиси иҷлосияи 72-юми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Мирослав Лейчак барои даъват ва ташкили чорабинии сатҳи баланд ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» изҳори сипос намоям.

Чорабинии имрӯза ба санаи биступанҷуми баргузории Рӯзи байналмилалии захираҳои об, ки ҳар сол дар минтақаву кишварҳои мухталиф таҷлил мегардад, баробар омад.

Ин рӯйдод аҳаммияти чорабинии моро бахшида ба оғози Даҳсолаи байналмилалии амал дучанд мегардонад.

Итминони комил дорам, ки ин ҳамоиш ба фаъолияти пурвусъати Созмони Милали Муттаҳид дар самти ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти глобалии марбут ба истифода ва ҳифзи захираҳои об саҳифаи наверо зам хоҳад кард. Имрӯз дар ҷаҳон минтақае нест, ки дар масъалаи захираҳои об мушкилот надошта бошад ва ба нақши ин неъмати бебаҳо дар рушди устувор аҳаммияти махсус надиҳад. Зеро тамоми самтҳо ва соҳаҳои фаъолияти инсонӣ бо захираҳои об алоқаи зич доранд.

Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки захираҳои об на танҳо неъмати беҳамто, балки меҳвари асосии рушди устувор мебошанд ва ин амр фаъолияти дастҷамъона ва муносибати ҷиддиро ба истифода ва ҳифзи ин захираҳо ба хотири наслҳои оянда тақозо дорад.

**Муҳтарам хонумҳо ва ҷанобон!**

Имрӯз мо ба сӯйи татбиқи Даҳсолаи байналмилалӣ, ки ҳадафи он ҳамкорӣ ба хотири дастёбӣ ба идоракунии устувор ва истифодаи оқилонаи захираҳои об аст, роҳ пеш мегирем.

Нуктаи умедбахш ин аст, ки мо ин роҳро на аз сифр, балки бо таҷрибаи бойи ташаббусҳои гузаштаи ҷаҳонии вобаста ба захираҳои об тайи понздаҳ соли гузашта оғоз мекунем. Махсусан мо тавонистем, ки тавассути талошҳои муштарак дар чаҳорчӯби ташаббусҳое, чун «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об

барои ҳаёт, 2005-2015» ва «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013», корҳои зиёдеро ба сомон расонем.

Дар ҷараёни татбиқи ин ташаббусҳо мо таҷрибаи арзишманде андӯхтем, ки дар анҷом додани вазифаҳои нави сермасъул дар бахши захираҳои об ба мо кумак хоҳад кард. Ҳамаи ин ташаббусҳо дар тавсеаи маърифати мо доир ба табиат ва нақши ҳаётбахши об дар сайёра саҳми арзишманд гузоштанд.

Дар баробари ин, ташаббусҳои ҷаҳонӣ ба ҷалби ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар идоракунии захираҳои об, татбиқи лоиҳаҳое, ки ба беҳтар кардани дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокиву беҳдошт ва ҷорӣ кардани технологияҳои наву замонавӣ нигаронида шудаанд, мусоидат намуданд. Мехостам нақши ташаббусҳои ҷаҳонии моро дар татбиқи ҳадафҳои байналмилалии ҳамоҳангшуда, аз ҷумла Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, махсус зикр намоям.

Тайи ин солҳо мо кӯшишҳои якҷояи худро ба густариши ҳамкорӣ ва ҳамшарикӣ, ба вуҷуд овардани механизмҳои ҳамкорӣ ва муколама барои дарёфти ҳалли оқилона ва мутақобилан судманд дар идора ва нигаҳдории захираҳои маҳдуди оби тозаи ошомидании сайёра равона сохтем. Ҳамаи ин талошҳо барои таҳияи барномаи нави рушди устувор, ки дар он захираҳои об мавқеи меҳвариро ишғол менамоянд, асоси мустаҳкаме гузоштанд. Хусусияти барномаи нави рушди устувор ин аст, ки захираҳои об дар он ҳамчун унсури асосии рушд эътироф гардидаанд.

Гуфтан мумкин аст, ки ноил шудан ба рушди устувор бе татбиқи мудирият ва истифодаи оқилонаи захираҳои об ғайриимкон мебошад.

Дар пешбурди ин ҳадаф кишварҳои аъзои Гурӯҳи дӯстони об нақши муҳим бозида, аксари онҳо дар пешрафти барномаи ҷаҳонии об саҳми арзандаи худро гузоштанд.

Бо истифода аз фурсат мехостам ба намояндагони ҳамаи кишварҳои аъзои гурӯҳи зикршуда барои талошҳои доимиашон изҳори сипос намоям. Инчунин бо қаноатмандӣ ба ҳамаи кишварҳои ҳаммуаллифи қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти рақами 71/222, ки солҳои 2018-2028-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон кард, ташаккур мегӯям.

Ҳадафи асосии Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" иҷрои вазифаҳо дар соҳаи захираҳои об ва эҷоди майдони васеъ барои густариши таҷрибаи андӯхта ва ҳамкориҳо дар ин соҳа мебошад. Гузашта аз ин, Даҳсолаи нав ба гузариш ба марҳалаи асосии татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор мусоидат хоҳад кард.

Мо умедворем, ки Даҳсола ва механизми иҷрову назорати он барои ҳамоҳангсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии чораҳои андешидашуда ва қадамҳо дар роҳи расидан ба идоракунии якҷояи захираҳои об заминаи

муносибе ба вуҷуд хоҳад овард. Дар айни ҳол мехоҳам таъкид намоям, ки механизмҳои кунунии ҳамкорӣ ва шарикӣ ниёз ба такмил доранд.

**Мухтарам иштирокчиён!**

Чи тавре ки қаблан зикр гардид, соли 2016 бо ташаббуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва Президенти Бонки Ҷаҳонӣ Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об даъват шуда буд ва боиси шарафмандии ман аст, ки баъзе натиҷаҳои кори онро ба шумо пешкаш намоям. Ҳафтае пеш -14 март – Панел санади ниҳоиро таҳти унвони «Ҳар қатра об ба ҳисоб гирифта шудааст: Рӯзнома барои амал» содир намуд, ки аз се қисм иборат мебошад:

1) асоснокӣ барои амал;

2) рӯзномаи ҳамгироиёнаи амал дар сатҳҳои маҳаллӣ, кишварӣ ва минтақавӣ;

3) суръат бахшидан ба тағйирот, ба роҳ мондани муносибатҳои ҳамшарикӣ ва ҳамкории байналхалқӣ дар сатҳи глобалӣ.

Ин санад тавсия ва ташаббусҳои Панелро дар соҳаи ҳалли масъалаҳои об дар сатҳҳои гуногун бо мақсади расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор, аз ҷумла шашум Ҳадафҳои рушди устувор, ҷамъбаст менамояд. Тавсияҳои Панел ба тағйир додани он вазъ, ки ҷаҳон масъалаи обро чи гуна мефаҳмад, ба он чи гуна баҳо медиҳад ва онро чи гуна идора мекунад, равона шудаанд.

Дар ҳадафҳои мазкур муҳиммияти арзиш бахшидан ба об ва фаҳмиши арзиши иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва табиии он, муносибати ҳамоҳангшуда ба идоракунии захираҳои об, паст кардани хатари офатҳои табиӣ, ноил шудан ба устувории инфрасохтор ва иқтисодиёт ба таври хоса нишон дода шудаанд. Дар ин ҳадафҳо ҳамчунин масъалаҳои зиёд кардан ва самаранокии маблағгузорӣ ба инфрасохтори об, рушди инноватсионӣ, тавсеаи ҳамкории байналмилалӣ ва ҳамёрӣ дар ин ҷода алоҳида дарҷ гардидаанд.

Ба ин манзур Панел ҷиҳати пешбурди чунин сиёсате, ки метавонад дар муддати панҷ соли наздик маблағгузориро ба инфрасохтор ду маротиба афзоиш диҳад, даъват ба амал меорад. Дар ин раванд, албатта, ба таъмини оби ошомидании бехатар ва шароити муносиби беҳдошт, ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсон афзалияти махсус дода шудааст.

Тавсияҳои Панел, дар навбати аввал, ба пешвоёни сиёсӣ ва ашхосе, ки афкори иҷтимоиро ташаккул медиҳанд ва аз бахшҳои хусусиву давлатӣ намояндагӣ намуда, метавонанд ба сиёсат дар арсаи об таъсир расонанд ё онро муайян созанд, нигаронда шудаанд.

Онҳо инчунин аз ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор даъват ба амал меоранд, ки ҷиҳати таҳия ва андешидани чораҳо, ҳамчунин тақвият

бахшидан ба кор дар самти ҳалли масъалаҳои об дар ҳамаи сатҳҳо муттаҳид шаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари иштирокчии Панел ва ташаббускори Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» минбаъд ҳам тавсияҳои Панелро дар ҳамаи сатҳҳо дастгирӣ намуда, пеш хоҳад бурд.

Бо истифода аз фурсат мехостам ба муҳтарам Дабири кулл ва ҳамкоронашон барои талошҳои ҳамешагӣ ҷиҳати пешбурди барномаи об дар Созмони Милали Муттаҳид миннатдорӣ баён намоям.

Дар ин миён мехостам нақши пешбари Департаменти Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоиро дар татбиқи Даҳсола ва омодасозии Нақшаи амали Даҳсола бо дастгирии фаъоли механизми байнисоҳавии Созмони Милали Муттаҳид – Захираҳои об - махсус зикр намоям.Ба андешаи ман, Нақшаи амал метавонад барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар раванди татбиқи Даҳсола роҳнамои муҳимму саривақтӣ бошад.

**Муҳтарам хонумҳо ва ҷанобон!**

Маълум аст, ки роҳи якҷояи мо барои татбиқи вазифа ва мақсадҳои нав дар соҳаи захираҳои об ҳамвору осон нест.

Дар баробари ин, моро зарур аст ба як қатор масъалаҳое, ки дар назди мо вазифаҳои иловагӣ ва дастҷамъонаро мегузоранд, таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Дар ин замина, мо бояд омилҳоеро, ки чаҳорчӯб ва имконоти ҳамкорииояндаро дар соҳаи захираҳои об муайян мекунанд, дар назар дошта бошем:

Якум - тағйирёбии иқлим, ки ба микдор ва сифати захираҳои об таъсиргузор аст ва кӯшишҳои моро барои ноил гардидан ба рушди устувор заиф месозад.

Дар давоми якчанд даҳсолаи охири асри 20 мо дар Тоҷикистон зиёда аз 1000 пирях, яъне тақрибан 30 фоизи пиряхҳоро аз даст додем ва ин раванд босуръат идома дорад. Танҳо пиряхи аз ҳама бузурги қитъавии Федченко дар ин муддат ба андозаи як километр хурд шуда, масоҳати он то 11 километри мураббаъ кам гардид ва ҳаҷми яхи худро беш аз 2 километри мукааб аз даст дод.

Тайи солҳои охир таҳти таъсири тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон, ки 93 фоизи қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, афзоиши офатҳои табиии марбут ба об мушоҳида мегардад, ки зарари моддиву маънавии зиёде ба бор меоранд. Офатҳои табиӣ инчунин кӯшишҳои моро барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор заиф сохта, боиси ба вуҷуд омадани мушкилоти бештар дар самти паст кардани сатҳи камбизоатӣ мегарданд.

*Дуюм* – ин афзоиши аҳолӣ ва талабот ба захираҳои об мебошад, ки вазифаҳои нав ва мураккабро пеш меорад.

Дар ҷаҳон талабот ба захираҳои об бо суръати зиёд афзоиш меёбад, ки ин, дар навбати худ, боиси ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҷиддии нигаронкунанда миёни соҳаҳои иқтисодиёт мегардад. Шиддати рақобат барои манобеи об дар шароити камбуди он метавонад ҳатто дар дохили як кишвар боиси пайомадҳои манфӣ гардад.

Мо бовар дорем, ки ба таври васеъ ҷорӣ кардани равишҳои якҷояву алоқаманд дар идоракунии захираҳои об барои беҳтар намудани механизмҳои мавҷуда дар соҳаи ҳамкории байнисоҳавӣ ва байниҳукуматӣ имкониятҳои наверо ба вуҷуд меорад.

*Сеюм* – ин ҷанбаи гендерии масоили об аст, ки бояд дар назар гирифта шавад.

Занон бояд ба раванди рушд бо тақвияти нақши онҳо дар идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои об фаъолона ҷалб карда шаванд. Ҷалби самараноки занон ба ин ҷараён кафолати дастовардҳои моро дар ҳалли масоили об ва, умуман, ноилшавӣ ба рушди устувор таъмин месозад.

*Чорум* – воситаҳои татбиқ, ки тавассути онҳо мо бояд нақшаҳо ва амалҳои худро таҳким бахшем.

Манзури ман, аз ҷумла, захираҳои инсониву молиявӣ, сармоягузорӣ ва технологияҳои пешқадам мебошад. Ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва фарҳанги истифодаю истеъмоли об метавонад як василаи муҳимми кӯшишҳои муштарак бошад.

Густариши шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳо дар соҳаи таъмини об ва беҳдошт имкониятҳои навро ба вуҷуд меорад.

Тоҷикистон тайи понздаҳ соли охир барои ҳалли масоили дастрасӣ ба обу беҳдошт қариб як миллиард доллари амрикоӣ сарф кардааст. Дар натиҷа Ҳукумат дар панҷ соли охир дастрасии тақрибан 1,2 миллион нафарро ба оби ошомидании босифат ва 600 ҳазор нафарро ба оби ошомидании бехатар таъмин гардонид.

*Панҷум* – ин унсури фаромарзии ҳамкорӣ дар соҳаи об мебошад, ки дар таъмини сулҳу субот ва тавсеаи ҳамкориҳо нақши меҳварӣ мебозад.

Имрӯз беш аз 276 ҳавзаи дарёии байналмилалӣ бо фарогирии ҳудуди 148 кишвар, ки беш аз 40 фоизи аҳолии ҷаҳон дар онҳо маскун мебошад, вуҷуд дорад. Ҳамкории самаранок метавонад василаи муассири тавсеа дар соҳаи об гардад ва норасоии иқтидори он метавонад хатари ҷиддӣ ва хароҷоти зиёдро ба вуҷуд оварда, ба вазъи иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои маҳсур бо хушкӣ таъсири манфӣ расонад.

Дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон тақвияти иқтидори институтсионалии ҳамкории байнисарҳадии обӣ ба рушди мутавозини ҳамаи кишварҳои соҳилӣ мусоидат мекунад. Ҳоло дар Осиёи Марказӣ раванди густариши ҳамгироии минтақавӣ фаъолона идома дорад, ки, ба назари мо, бояд ба беҳтар гардидани ҳамкории минтақавӣ дар масъалаҳои обу энергетика кумак намояд.

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Дар фарҷом меҳоҳам зикр намоям, ки расидан ба рушди устувор, шукуфоӣ ва амният танҳо тавассути ҳамкории оқилонаву самаранок дар соҳаи об, ҳамкорие, ки бар пояи эътимоди мутақобила ва ба назар гирифтани талаботу ниёзҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, инчунин, ҷустуҷӯйи мунтазами роҳҳои беҳтар намудани муколама ва ҳамкорӣ асос ёфта аст, муяссар мегардад. Таъмин намудани пешрафти воқеӣ дар ин соҳаҳо аз ҳамаи мо иродаи қавии сиёсӣ, захираҳои кофӣ ва тасмимҳои дарозмуддатро тақозо мекунад.

Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва шарикони дигар 20-22 июни соли равон дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, таваҷҷуҳи асосиро ба ҳалли масоили зикршуда равона хоҳад кард.

Мо тасмим дорем, ки дар Конфронс чаҳорчӯби муколамаи имрӯзаро идома ва густариш диҳем, то ки он ба тақвияти талошҳо ба хотири татбиқи Даҳсола такони тоза бахшад.

Илова бар ин, Конфронси Душанбе дар остонаи ҷаласаи навбатии Анҷумани сиёсии сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди устувор, ки дар он Ҳадафи Шашуми рушди устувор баррасӣ мешавад, метавонад барои таҳияи тавсияҳои мушаххас ҷиҳати тақвияти талошҳо барои расидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳо дар соҳаи захираҳои об заминаи саривақтӣ ва муҳим бошад.

Бо истифода аз фурсат меҳоҳам ҳамаи шуморо барои иштироки фаъол дар Конфронси Душанбе даъват намоям.

**Ташаккур барои таваҷҷуҳатон.**

# СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР НАВРӮЗГОҲИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ, 25.03.2018

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонони арҷманд!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҷашни байналмилалии Наврӯз – Соли нави мардумони ориёиро, ки якҷо бо фасли баҳор, яъне айёми эҳёи табиат сарзамини мо, аз ҷумла пойтахти азизамон – шаҳри Душанберо боз ҳам дилкашу зебо гардонидааст, ба кулли мардуми мамлакат ва ҳамаи сокинони пойтахти кишвари соҳибистиқлоламон табрик мегӯям.

Наврӯз, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати истиқлолияти давлатӣ бо тамоми ғановату рангорангии он эҳё гардид, ҳоло ба ҷашни милливу давлатии мо – тоҷикон ва рамзи худшиносиву ифтихори миллӣ, ваҳдату ҳамдилии мардум ва пайванди наслҳо табдил ёфтааст.

Наврӯз, дарвоқеъ яке аз куҳантарин ҷашнҳои мардумӣ буда, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад. Таҷлили Наврӯз аз қадимтарин замонҳо то ба имрӯз ҷузъи таркибии ҳастиву ҳувияти қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Далели асосии умри тӯлонӣ доштани Наврӯз табиӣ будани он аст. Зеро маҳз дар арафаи Наврӯз табиат эҳё шуда, замин қабои сабз ба бар менамояд, марди деҳқон ба кишти баҳорӣ оғоз мекунад ва бо умеду нияти ба даст овардани ҳосили фаровон ба замин дона кишт мекунад. Дигар ин, ки Наврӯз айёми тавозуни байни табиат ва инсон буда, баробари дигаргунии куллӣ дар табиат рӯҳи инсонро низ ба куллӣ тағйир медиҳад ва ӯро ба рӯзи неку рӯзгори обод умедвор месозад.

Наврӯз бо ҳама ҳусни табииву заминиаш намунаи як фарҳангу тамаддуни олӣ ба ҳисоб рафта, аз давраҳои дерин барои муҳаббату самимият ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати байни инсонҳо заминаи беҳтарини маънавӣ фароҳам овардааст. Дар робита ба ин, бояд гуфт, ки яке аз ҷанбаҳои асосии фалсафаи Наврӯз ба сифати ҷашни моҳиятан оммавию мардумӣ дар баробарӣ миёни одамон зоҳир мегардад. Яъне Наврӯзро хурду бузург озодона ҷашн мегиранд ва баробар хурсандӣ мекунанд.

Наврӯзи имсола барои мо ҷашни таърихӣ мебошад.

Дар рӯзи ин ҷашни бостонӣ ва рӯзи ҷаҳонии об Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар ҷаласаи махсуси худ Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028"-ро расман оғоз бахшид.

Ин рӯйдод дар ҳақиқат мояи ифтихори кулли мардуми Тоҷикистон аст.

Зеро ташаббуси чоруми кишвари мо дар сатҳи глобалӣ ва ба хотири ҳалли яке аз мушкилоти асосии зиндагии аҳли башар – дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ дар муддати даҳ соли оянда дар миқёси сайёра амалӣ мегардад. Вобаста ба ин, мехоҳам хотирнишон созам, ки ҳарчанд мо дар саргаҳи обҳои мусаффо қарор дорем, бояд ба шукронаи ин неъмати бузурги табиат ҳамеша сариштакор бошем ва аз захираҳои об оқилонаву сарфакорона истифода намоем.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Шаҳри Душанбе ҳамчун маркази сиёсии давлати соҳибистиқлоли тоҷикон дар рушди фарҳанги миллӣ ва таҳкими маънавиёти ҷомеа нақши калидӣ дорад. Ҳамзамон бо ин, сокинони пойтахти кишвари азизамон дар таҳкими давлатдории миллӣ нақши арзишманд бозида, дастовардҳои Ватани маҳбубамонро дар арсаи байналмилалӣ ба тарзи шоиста муаррифӣ мекунанд.

Итминон дорам, ки сокинони пойтахт минбаъд низ барои татбиқи барномаҳои қабулкардаи Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла ба хотири амалӣ гардонидани нақшаи чорабиниҳои вобаста ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» саҳми арзишманду ватандӯстонаи худро мегузоранд.

Имрӯз пойтахти кишварамон ба маркази тарғиби ҳунарҳои мардумӣ ва дастгириву рушди суннату ойинҳои бостонии халқамон табдил ёфтааст.

Дар ин шаҳри зебо мунтазам озмунҳои гуногун ва намоиши ҳунарҳои мардумӣ баргузор мешаванд, ки дар онҳо намунаҳои ҳунарҳои мухталифи халқӣ аз шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба намоиш гузошта мешаванд.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ изҳор намоям, ки ин иқдоми хуб, хусусан, дар давраи омодагӣ ба Наврӯзи имсола ва рӯзҳои таҷлили он густаришу вусъати бештар пайдо кард.

Итминон дорам, ки кулли мардуми кишвар, аз ҷумла сокинони бонангу номуси шаҳри Душанбе бо шукронаи соҳибихтиёриву соҳибватанӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар оянда низ ба хотири таҳкими иқтидори иқтисодии давлатамон, ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон, рӯзгори боз ҳам осудаи ҳар як оилаи Тоҷикистони азизамон бо ҳисси баланди милливу ватандорӣ саъю талош хоҳанд кард.

Дар ин лаҳзаҳои бисёр фараҳбахши идона бори дигар кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамаи сокинони пойтахтро ба ифтихори Наврӯз - ҷашни бузурги миллӣ ва Соли нави аҷдодиамон табрик гуфта, ба ҳар яки шумо тандурустиву сарбаландӣ, иқболи нек ва рӯзгори пурфайз орзу менамоям.

**Наврӯзи фархундапай муборак бошад, ҳамдиёрони азиз!**

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Аминов Муҳаммад*** *- муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 934003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.:( +992) 918 74 04 49*

***Носирова Фарзона*** *- ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 934003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.:( +992) 901 03 13 87*

Дар мақолаи мазкур асосҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ ва низоми хизмати давлатӣ мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор дода шудааст. Аз тарафи муаллифон ҳамзамон намудҳои алоҳидаи хизмати давлатӣ баррасӣ шудаанд.

***Калидвожаҳо:*** *асосҳои ҳуқуқӣ, хизмати давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонун, қонуни конститутсионӣ, санади меъёрии ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ.*

## ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Аминов Мухаммад*** *- старший преподаватель кафедры права и государственной службы Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 934003, г.Душанбе, ул.Саида Носира 33, тел.: (+992) 918 74 04 49*

***Носирова Фарзона*** *- ассистент кафедры права и государственной службы Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 934003, г.Душанбе, ул.Саида Носира 33, тел.: (+992) 901 03 13 87*

В статье вкратце анализируются правовые основы государственной службы, системы и в том числе существующие виды государственной службы в Республике Таджикистан. Авторы в статье рассматривают также отдельные виды государственной службы.

***Ключевие слово***: *правовая основа, государственная служба, Республика Таджикистан, закон, конституционный закон, нормативно-правовой акт, государственный орган.*

# LEGAL FRAMEWORK OF PUBLIC ADMINISTRATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Aminov Muhammad*** - *senior lecturer of the Department of Law and Public Service of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 934003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 918 74 04 49*

***Nosirova Farzona*** - *Assistant of the Department of Law and Public Service of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 934003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 901 03 13 87*

The article briefly analyzes the legal framework of the civil service, the system, including the existing types of public administration in the Republic of Tajikistan. The authors also consider certain types of public administration in the article.

***Keywords:*** *legal basis, public administration, Republic of Tajikistan, law, constitutional law, regulatory act, state body.*

Хизмати давлатӣ дар баробари дигар шаклҳои хизмати ҷамъиятӣ яке аз шаклҳои фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Хизмати давлатӣ – ин падидаи ҳуқуқии маҷмӯии мураккаб буда, дар худ самтҳои гуногуни фаъолияти касбиеро, ки дар мақомоти давлатӣ амалӣ мешаванд, дар бар мегирад. Асосҳои ҳуқуқии ташкили хизмати давлатиро санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои давлатию хизматӣ ташкил медиҳанд.

Аз ҷумлаи чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки заминаи асосии хизмати давлатӣ ба шумор меравад, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ҳамзамон қонунҳои конститутсионӣ («Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», «Дар бораи мақомоти прокуратура»), қонунҳо («Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи худидоракунии шаҳрак ва деҳот»), кодексҳо («Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Кодекси одоби хизматчии давлатӣ»), фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии хизмати давлатиро ташкил медиҳанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон усули (принсипҳои) асосии ташкили хизмати давлатиро муқаррар намудааст, ки мувофиқи қисми 2 моддаи 27 шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд. Кафолати чунин баробарҳуқуқӣ дар моддаи 17 Конститутстия низ инъикоси худро ёфтааст. Мутобиқи он давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, баробарӣ ва ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Санади махсусе, ки муносибатҳои хизматиро танзим менамояд, ин қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба шумор меравад. Ин қонун яке аз аввалин санадҳои ҳуқуқиест, ки ба бунёди соҳаи хизмати давлатӣ ва ташкили он асос гузошт. То қабули қонуни мазкур ҳамаи муносибатҳои бо хизмати давлатӣ иртиботдошта бо «Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешуданд. Ҳамаи кормандоне, ки то қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар асоси шартнома дар мақомот, муассиса ва ташкилоти давлатӣ фаъолияти меҳнатиро адо менамуданд, онҳо ба ҷумлаи хизматчии давлатӣ шомил мешуданд ва фаъолиятеро, ки анҷом медоданд, хизмати давлатӣ эътироф мешуд. Баъди қабули Қонуни мазкур муносибатҳои дар боло номбаргардида танзим карда шуданд ва хизмати давлатӣ бошад, соҳаи алоҳида ва мустақили ҳуқуқ муаррифӣ гардид. Дар баъзе маъхазҳои ҳуқуқӣ соҳаи хизмати давлатиро ҳуқуқи хизматӣ [2.123] низ меноманд. Қонун, инчунин, доираи амал ва танзими муносибатҳои хизмати давлатиро тавассути дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ муқаррар намудааст.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки самти хизмати давлатиро танзим менамоянд, вобаста ба аҳамият ва эътибори ҳуқуқии худ ба якчанд гурӯҳ тақсим мешаванд:

-Санадҳои байналмилалие, ки масъалаҳои муҳими соҳаи хизмати давлатиро танзим мекунанд.

-Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки онҳоро бевосита Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

-Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд.

-Санадҳои ҳуқуқие, ки бо фармоиши директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расидаанд.

Дар моддаи 5 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 № 233 низоми муосири амалкунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст. Мувофиқи он низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ иборат аст. Низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси он хусусиятҳое, ки ба ҳар як намуди низоми хизмати давлатӣ дар алоҳидагӣ хос аст, тасниф карда шудаанд.

Хизмати давлатии шаҳрвандӣ ҳамчун фаъолияти касбӣ мазмун ва моҳияти ба худ хос дорад [1.98]. Мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» хизмати давлатии шаҳрвандӣ ба хизмати давлатии сиёсӣ ва хизмати давлатии маъмурӣ тақсим карда шудааст.

Ба мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ - мансабҳои давлатие дохил мегарданд, ки номгӯи онҳоро Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст. Хизмати давлатии сиёсӣ хизмате

мебошад, ки баамалбарории сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатӣ иртибот дорад ва хизматчиёни давлатии сиёсӣ барои татбиқи он масъул мебошанд.

Хизмати давлатии маъмурӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатие амалӣ карда мешаванд, ки онҳо асосан бо роҳи озмун мансабҳои маъмурии хизмати давлатиро ишғол мекунанд.[2,127] Ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ - мансабҳои давлатие дохил мегарданд, ки номгӯи онҳоро Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст. Хизмати давлатии маъмурӣ хизмате мебошад, ки он бо амалисозии ваколати ҳокимиятии мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ алоқаманд аст ва онҳо мувофиқи Феҳрист мансабҳои маъмурии хизмати давлатиро ишғол мекунанд.

Ғайр аз хизмати давлатии маъмурӣ ва хизмати давлатии сиёсӣ боз намудҳои алоҳидаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ мумкин аст вуҷуд дошта бошад. Ба ин қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» аз 2 декабри соли 2002 №61 мисол шуда метавонад. Мувофиқи он, хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз намудҳои хизмати давлатӣ мебошад ва татбиқи фаъолияти сиёсати хориҷӣ, таъмину ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои Тоҷикистонро дар муносибатҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд. Ҳамзамон ба хизмати давлатии шаҳрвандӣ хизмати консулӣ низ дохил мешавад, ки он яке аз ҷузъҳои таркибии хизмати дипломатӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми баамалбарории фаъолияти хизматӣ, хизматчиёни давлатӣ дар муносибатҳои хосе иштирок мекунанд, ки муҳтавои онҳо аз намуди хизмат ва аз мақоме, ки дар он чунин муносибатҳо ҷой доранд, вобаста мебошанд.

Хизмати давлатӣ аз тарафи шаҳрвандон дар мақомоти давлатӣ амалӣ гардида, ҳамзамон дар он вазъи ҳуқуқии хизматчии давлатӣ муайян мегардад. Низоми хизмати давлатӣ аз як тараф самтҳои муайяни фаъолияти мақомоти давлатиро дар бар гирифта, дар қонунгузории амалкунанда инъикоси худро ёфта бошад, аз тарафи дигар, уҳдадориҳои мансабии хизматчиёни давлатӣ вобаста ба мансаби давлатии хизмати давлатии ишғолнамудаи онҳо гуногун мешавад.

Хулоса, хизмати давлатӣ яке аз намудҳои фаъолияти давлат оид ба созмондиҳии иқтидори кадрии дастгоҳи давлатӣ ва танзими ҳуқуқии ҳамаи самтҳои фаъолияти хизматчиёни давлатӣ мебошад, ки онҳо мансабҳои мушаххаси давлатиро дар дастгоҳи давлатӣ ишғол мекунанд ва функсияи мақомоти давлатиро бо мақсади таъмини фаъолияти самаранок амалӣ менамоянд.

**Адабиёт:**

1. Хидмати давлатӣ. Ойев Х. Душанбе.2009.
2. Государственная служба Российской Федерации: Первые шаги и перспективы / Под. ред. Г.В. Атаманчука. М., 1999.
3. Государственная служба/ Под. ред. А.В. Оболонского. М., 1999.

4. Государственное и муниципальное управление: Справочник - Магистр. 1997.
5. Государственный строй Соединенных Штатов. СПб.,1909.
6. Государственная служба. Общие проблемы. Зарубежный опыт. Вып. первый. М., 1994
7. Государственная служба. Учебник под ред. В.Г. Игнатова. Изд. центр «Март». М - Ростов на Дону. 2004.
8. Государственная служба. Нормативные акты основных правовых систем. Под ред. А.А. Дёмина. М. 2004.
9. Дёмин А.А Государственная служба. Учебное пособие. М. 2002.

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ: АСОСҲО ВА ВОҚЕИЯТ

***Ёдгори Сайдамирхуҷа*** - *донишҷӯи курси 4-уми факултети муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, тел: (+992) 881 111 790, E-mail: saidamirxudzha97@mail.ru*

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат” аз 14 ноябри соли 2016 қабул карда шуд.

Дар мақола муаллиф кӯшидааст, ки баъзе асосҳои эътироф гардидани мақоми шоистаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Пешвои миллат дар ҷомеа, махсусан дар байни ҷавонон таҳлил намояд.

***Калидвожаҳо:*** *Президент, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, сулҳ, наҷотбахш, лидери умумимиллӣ, миллати тоҷик, ҷавонон*

## ЛИДЕР НАЦИИ: ОСНОВЫ И ОБЪЕКТИВНОСТИ

***Ёдгори Сайдамирхуджа*** - *студент 4-го курса факультета международных отношений Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г.Душанбе, ул.Саида Носира 33, тел: (+992) 881 111 790, e-mail: saidamirxudzha97@mail.ru*

14 ноября 2016 в соответствии со статьей 60 Конституции Республики Таджикистан был принят Конституционный закон «Об Основателе мира и национального единства-Лидера нации».

В статье автор пытается проанализировать некоторые основы признания достойного звания Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона как Лидера нации в обществе, особенно среди молодёжи.

***Ключевые слова:*** *Президент, Лидер нации, Эмомали Рахмон, мир, спаситель, общенациональный лидер, таджикская нация, молодёжь.*

## THE LEADER OF THE NATION: FOUNDATIONS AND OBJECTIVITY

***Yodgori Saidamirhudzha*** - *fourth-year student at the Faculty of International Relations of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 881 111 790, E-mail: saidamirxudzha97@mail.ru*

November 14, 2016 in accordance with Article 60 of the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Constitutional Law "On the Founder of Peace and National Unity-Leader of the Nation" was adopted.

In the article the author tries to analyze some bases of recognition of the worthy title of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon as the Leader of the Nation in society, especially among the youth.

***Key words:*** *President, Leader of the nation, Emomali Rahmon, peace, savior, national leader, Tajik nation, youth.*

Аз нимаи дуюми солҳои ҳаштодум нишонаҳои заиф шудани Иттиҳоди Шӯравӣ, алалхусус, баъди рӯйи кор омадани дастандаркорони сиёсати “бозсозӣ”(перестройка) баръало ҳис карда мешуд. Аз ин фурсате, ки “бозсозӣ” фароҳам оварда буд, баъзе ҷумҳуриҳои ИҶШС истифода намуда, батадриҷ роҳи баромадан аз ҳайати ин кишвари абарқудратро пеш гирифтанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун як ҷумҳурии иттифоқӣ бо дарназардошти вазъи бамиёномада мебоист роҳи ояндаи худро муайян намояд. Вале берун рафтан аз ҳайати иттиҳод мушкилиҳои зиёдеро пешорӯ мегузошт, ки ҷумҳурӣ наметавонист онро нодида гирад ва мебоист ба онҳо омода бошад. Аммо раванди таҷзияе, ки дар иттиҳоди бузург оғоз ёфта буд, фурсати фикру омодагиро намедод. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, эъломияи таърихӣ дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 9 сентябри соли 1991 рост омад.

Бад-ин тартиб, халқи тоҷик баъди ҳазор сол боз соҳиби давлати миллӣ гардид ва ба қавли Пешвои миллат “ҳеҷ кас бовар надошт, ки истиқлолияти миллӣ ин гуна осон ба даст меояд”, зеро тавре ки ҳамагон медонанд, имрӯз халқҳое ҳастанд, ки даҳсолаҳо бахри ба даст овардани истиқлолият мубориза мебаранд, вале соҳиби давлати миллӣ гардида наметавонанд, ҳарчанд аҳолӣ, ҳудуд ва фарҳанги худро доранд, вале миёни чандин кишварҳо парешон ҳастанд.

Истиқлолият эълон гардид, ормони ҳазорсолаи халқи тоҷик ҷомаи амал пӯшид, аммо, мутаассифона, мушкилиҳои ғайричашмдошт бо миён омаданд. Душманон, хоинон ва бадбинони халқи куҳантаъриху куҳантамаддуни тоҷик тавонистанд, ки аз содагиву бетаҷрибагии баъзе аз гурӯҳҳо ё худ қишрҳои ҷомеа ва ҳатто зиёиён истифода намуда, оташи ҷанги шаҳрвандиро аланга диҳанд. Бо ҳамин, Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон ба мушкилии барои халқу миллат ва давлати ормонии тоҷик дар он шабу рӯз басо вазнин ва ҳатто ҳалокатовар рӯ ба рӯ гардид ва эҳтимоли ба нобудӣ рафтанаш аз эҳтимол дур набуд. Баъди ҳазор сол таърих барои мо имкон дод, ки бо номи худ, давлати миллии худро дошта бошем. Аз ин рӯ, дар он тӯфоне, ки дар рӯзҳои аввали истиқлолият бадхоҳони давлатдории тоҷикон барпо намуда буданд, агар давлати мо аз

даст мерафт, руҳи ниёгони мо ва миллати шарифи мо моро ҳаргиз намебахшиданд[2]. Гарчи ин давлати нав дар як порам кӯҳистони сарзамини паҳновари аҷдодиамон таъсис гашта бошад ҳам, чашми бадбинон инро ҳам хоҳиши дидан надоштанд ва тарҳи тақсими онро тарҳрезӣ намуда буданд. Ин тарҳро натанҳо неруҳои хориҷӣ, балки баъзе аз неруҳои сиёсии дохилӣ низ дастгирӣ менамуданд.

Хушбахтона, дар ҳамин лаҳзаи басо ҳассос Худованд раҳме намуду баҳри даво ба дарди ҷигарсӯзи миллати тоҷик фарзанди фарзонаеро ба майдони сиёсат овард. Воқеан, касе интизор набуд, ки дар ин лаҳзаҳои басо душвор наҷотбахши ин марзу бум, сарҷамъкунандаи ин миллати парешонгашта ва ниҳоят, оварандаи сулҳи беназир як ҷавони рустоӣ мешавад, зеро дар ин давра шахсиятҳои кордону пуртаҷриба коре карда натавониста, худро ба канор кашида буданд. Ҳатто дар гӯшаи хаёли худи ин абармард низ намеомад, ки рӯзе мерасад ва ӯ наҷотбахши ин миллату ин сарзамин мегардад.

Агар мо боре ба таърихи фаъолияти як даҳсолаи аввали ин марди мубориз назар андозем, чи корнамоиҳоеро намебинем, ба таври мисол:

1. Бо талошҳои пайгиронаи ин марди шариф давлатдории миллии тоҷикон аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт;
2. Фаъолият ва талошҳои Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари давлат буд, ки якпорчагии ин марзу бум ҳифз карда шуд;
3. Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки бо ҷаҳду талошҳои зиёд дар як муддати ниҳоят кӯтоҳ системаи мукаммали давлатдориро бар ивази системаи фалаҷгашта созад ва ниҳодҳои давлатдориро эҳё намояд.
4. Гурезагони иҷбориро, ки ба кишварҳои мухталиф баҳри наҷоти ҷони худу аҳли оилаашон гуреза шуда буданд, баргардонида ба ватан овард ва ба савганди хӯрдааш дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ дар шаҳри бостонии Хуҷанд вафо кард.

Ҳамаи ин дастовардҳои Эмомалӣ Раҳмон чунин саҳлу осон ба даст наомадааст. Балки ӯ чандин маротиба ҷони худро ба хатар гузошта, ба минтақаҳои махсусан хавфнок ба мисли Ғарму Тавилдара, инчунин ба ҳудуди кишвари ҷангзадаи ҳамсоя - Афғонистон сафар намудаасту бо роҳбарони гурӯҳҳои мухолифин мулоқотҳо баргузор намудааст. Ҳатто борҳо суиқасд ба ҷонаш низ сурат гирифтааст, ки суиқасд дар шаҳри Хуҷанд мисоли равшани он аст. Ин ҳама хавфу хатар қалби саршор аз меҳри ватану миллати ӯро шикаста натавонист, баръакс, инро дида, ӯ ҷасуртар ва халқ дар атрофаш муттаҳидтар гашт.

Натиҷаи ҳамин ҷаҳду талошҳо, бедорхобиҳо ва ҷоннисориҳо буд, ки халқи тоҷик ӯро ҳамчун пешво қабул намуд ва дар ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гашт. Миёни ҳамаи ин хизматҳояш баимзорасии Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва таъмини амалигардии он ҷойгоҳи хоса дорад.

Бо дарназардошти ҳамаи ин халқи тоҷик ӯро чун сардори худ эътироф намуда, ба ӯ додани унвони олии ҷумҳурӣ - Қаҳрамони Тоҷикистонро ҷонибдорӣ карданд. Воқеан ҳам, дар ҳамон соатҳои басо тақдирсоз мардуми фарҳангсолори Тоҷикистон ба қавли ҳаким Фирдавсии Тусӣ:

Асли қавме, бегумон, сарвар бувад,
Қавми бесарвар тани бесар бувад.

саривақт сарфаҳм рафтанд, зеро дар он айём ба баёни Ҳусайн Воизи Кошифӣ:

«На аз рафиқ вафо монда буду на аз ҳаёт умед».

Ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда, ӯ тавонист, ба савганди хӯрдааш пойдор бошад, дар дили ҳазорон фирории дилсардгашта боз аз нав шуълаи умеди фардоро афрӯзад, тавонист, халқи парешонгаштаро сарҷамъ намояд. Боиси ифтихор аст, ки имрӯз таҷрибаи сулҳи мо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун як мактаби бузурги сулҳофарӣ ва ҳалли низоъҳо эътироф гардида ва омӯхта мешавад.

Дар урфият мегӯянд, ки «шароиту вазъият шахсиятро месозад». Воқеан, дар ин имтиҳони мураккабтарини таърихӣ, ки масъалаи буду набуди давлату миллат ҳал мешуд, Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун шахсияти дорои хусусиятҳои баланди роҳбарӣ ба майдон оварда, ба пешвои мардумӣ ва сарвари умумимиллӣ табдил дод. Муҳимтарин хусусияти шахсияти сиёсии ӯ дар он аст, ки дар симои ӯ тамоми руҳия ва хислатҳои беҳтарини халқи тоҷик ифода ёфта, ӯ дар муҳити мардумӣ ҳамчун падидаи худӣ, ҳамчун бахше аз худи мардум, ҳамчун “порае аз пайкари халқ” пазируфта шуд.

Ҳамин тавр, бо зуҳури Эмомалӣ Раҳмон мардуми Тоҷикистон соҳиби пешво ё худ сарвари ягонаи миллӣ гашт ва дар натиҷа, яке аз муҳимтарин масъалаҳои миллӣ ва таърихии давлатдории мо, яъне масъалаи сарвари сиёсии миллат ва пешвои эътирофшудаи давлатӣ ҳалли муносиби худро пайдо намуд. Дар ҳоле ки ба таври оммавӣ ин ҳиссиёт дар қалби мардум ҷо шуда буд, ба он танҳо эътибори ҳуқуқӣ намерасид. 9-уми декабри соли 2015 дар китоби таърихи миллати точик боз як саҳифаи дурахшони дигар илова гардид. Иҷлосияи навбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат»-ро қабул намуд.

Баъдан, мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи ҶТ Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» аз 14 ноябри соли 2016, № 1356 қабул карда шуда, Қонуни ҶТ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» аз эътибор соқит дониста шуд.

Бояд дар назар дошт, ки масъалаи сарвари миллӣ ва пешвои эътирофшудаи давлатӣ як мавзӯи бисёр ҳассоси ҳаётии давлатдорӣ буда, дар мавриди он таваҷҷуҳ ба нуқтаҳои зерин хеле муҳим аст:

1. Масъалаи сарвари миллиро набояд бо падидаҳои манфие чун шахсиятпарастӣ, авторитаризм, мадҳу ситоиши роҳбар ва ғайра баробар намоем. Сарвари миллӣ шахсиятест, ки маҳз бо ифои нақши воқеии сарнавиштсоз барои давлату миллати худ сазовори эътирофи умумимиллӣ гашта, масъалаи пешвоии ӯ ба таври табиӣ ва воқеӣ аз тарафи ҷомеа қабул гардидааст. Сарвари миллӣ ба таври сунъӣ ё бо мадҳу ситоиш сохта намешавад, балки он маҳсули як марҳилаи таърих, натиҷаи дар роҳи давлату миллат ҷонбозӣ ва азхудгузаштагии шахсият, инъикоси воқеияти ҷомеа ва натиҷаи эътирофи мардум аст.

2. Таҳлили ҳаводиси солҳои навадуми асри гузашта нишон доданд, ки дар он солҳо ҷомеаи мо илова бар мушкилоти дигар ба буҳрони сарвари умумимиллӣ низ рӯ ба рӯ гашта буд. Ҳар як гурӯҳи аҳолӣ аз пайи сарварони ҳизбию гурӯҳӣ ва маҳаллии худ рафта, дар айни замон ин пешвоён ҳамдигарро эътироф намекарданд. Ҳамин тавр, ҷомеа ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ фурӯ рафта, фоҷиаи миллиро пеш овард. Бинобар ин, агар дар он марҳила шахсияти дар сатҳи умумимиллӣ эътирофгаштае вуҷуд медошт, ки бо тамоми ҷасорат ва иродаи қавӣ зимоми идораи мамлакатро ба дӯш мегирифт ва чун кафили ҳифзи давлатдорӣ, суботи ҷомеа ва ваҳдати миллӣ тамоми нируҳои сиёсиро дар атрофи худ ҷамъ меовард, шояд пеши роҳи ҷанги шаҳрвандӣ гирифта мешуд. Ин аст, ки дар баъзе аз марҳилаҳои таърихӣ ҳузури сарвари миллӣ барои миллат ва давлат ба як масъалаи сарнавиштсоз табдил мешавад.

3. Набояд чунин пиндошт, ки масъалаи сарвари миллӣ як масъалаи кӯҳна буда, ба ҷомеаҳои анъанавии асрҳои гузашта дахл дорад. Зеро аз назари илми сиёсат зуҳури сарвари миллӣ ва пешвои эътирофшудаи давлатӣ як зарурати ҷиддии давлатдорӣ ва давлатсозӣ буда, на танҳо дар гузаштаи дур, балки дар таърихи ҷаҳони муосир низ ҳастию бунёди аксари давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба номи шахсиятҳои алоҳидаи рамзӣ ва калидӣ вобаста аст. Чунин шахсиятҳо дар марҳилаҳои ҳассостарини таърихи давлатҳои худ зуҳур карда, на танҳо масъалаи буду набуд, балки роҳи минбаъдаи рушди ин кишварҳоро муайян намудаанд. Масалан, таъриху давлатдории ИМА бо номи Ҷ. Вашингтон, таъриху давлатдории муосири Франсия бо номи Шарл де Гол, таъриху давлатдории муосири Хитой бо номи Ден Сяо Пин, таъриху давлатдории муосири Туркия бо номи Камол Отатурк ва ғайра вобастагии зич дорад. Дар кишварҳои атрофи мо бошад, касе наметавонад нақши калидии В. Путинро дар наҷоту эҳёи давлатдории Русияи муосир ва ё нақши таъинкунандаи Н. Назарбоевро дар ташаккул ва рушди давлатдории миллии қазоқҳо инкор намояд.

4. Яке аз муҳимтарин нақшҳои сарвари миллӣ ва пешвои давлатӣ дар сарнавишти давлатҳо аз он иборат аст, ки шахсиятҳо бо донишу таҷрибаи бузурги худ мактаби давлатдории миллиро поягузорӣ намуда, шароити ҳифз, рушд ва интиқоли арзишҳою анъанаҳои давлатдории миллиро фароҳам меоваранд. Хушбахтона, имрӯз зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон мактаби давлатдории миллии муосири тоҷикон ташаккул ёфтааст, ки он яке аз омилҳои кафолатдиҳандаи рушд, субот, амният, давомдорӣ ва ҷовидонагии давлатдории мо мебошад. [2].

Аз нуктаҳои дар боло зикршуда метавон ба чунин хулоса омад, ки зуҳур ва ташаккули сарвари сиёсии миллат як зарурати асосии марҳилаи эҳё ва барқарории давлатҳо буда, зуҳури он муайянкунандаи тамоми таърихи минбаъдаи давлатҳо ва миллатҳост.

Ин ҷо мо сайри таърихӣ ва асосҳои эътироф ва эълони “Пешвои миллат”-ро ҷамъбаст намуда, назаре ба сиёсати пешгирифтаи ин шахсият нисбат ба ҷавонон, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксариятро ташкил медиҳанд, меафканем.

Мутафаккири чинӣ Куан Тсзу қайд намудааст: “Агар маҳсули яксола хоҳед, гандум коред, агар маҳсули даҳсола хоҳед, дарахт шинонед ва агар шаст сол баъдро дар назар дошта бошед, пас ба таълиму тарбияи ҷавонон даст занед”.

Воқеан, дар ҷаҳони муосир рӯ овардан ба масъалаи ҷавонон ва истифода аз имкониятҳои зеҳниву ҷисмонии онҳо яке аз шартҳои ноил шудан ба инкишофи устувори давлат ва ҷомеа мебошад. Имруз ҷавонони мо ҳамчун неруи бузурги бунёдгару созандаи мамлакат эътироф шудаанд. Аз ин рӯ, давлату ҳукумат, алалхусус, Пешвои миллат ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҳаёти наврасону ҷавононро самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати давлат қарор додааст.

Зеро имрӯз Тоҷикистон аз назари демографӣ дар ҳоли рушди доимӣ қарор дошта, зиёда аз 70 %-и аҳолӣ, яъне қувваи асосии пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Табиист, ки бе иштироки фаъолонаи чунин неруи бузург рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии давлатро тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Ҳамин аст, ки ҳамагӣ баъди шаш моҳи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ парлумони кишвар Қонун “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон”-ро ба тасвиб расонд. Бояд гуфт, ки дар ин марҳилаи нави таърихӣ Тоҷикистон миёни кишварҳои ИДМ яке аз аввалинҳо шуда ин иқдомро пеш гирифт, ки ин нишонаи таваҷҷуҳи давлату ҳукумат хосатан, роҳбари давлат бахри фароҳам овардани шароити мусоид барои ба камол расидани насли нави худогоҳу худшинос ва соҳибмаърифату ватандӯст мебошад.

Баъди мулоқоти Президенти кишвар бо намояндагони ҷавонони кишвар аз 23 майи соли 1997 худи ҳамон сол мақоми ваколатдори соҳа-

Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати ҶТ ва моҳи ноябри соли 2006 дар заминаи ин мақомоти давлатӣ Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, вале таваҷҷуҳ хеле аз ин пештар аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон", ки соли 1993 сурат гирифт, зоҳир мегардид, ки ин мисоли гуфтаҳои болост.

Табиист, ки ҳар як ҷавон дар зиндагии худ шахсеро ҳамчун марҷаи тақлид ё худ идеал эътироф намуда, кӯшиш менамояд, ки ба монанди ӯ сухан гӯяд, рафтор кунад ва ҳатто шакли зоҳирияшро мутобиқ созад, яъне ҳар як ҷавон намунаи ибрати худро дорад. Намунаи ибрат инсоне шуда метавонад, ки дар рафтор, гуфтор ва кирдори он нуқсон ҷой надорад. Намунаи ибрат инсони хирадманд, ҷасур, ростқавл, бовиҷдон, боинсоф, дастгиру меҳрубон, шаклан ва ботинан зебову зебопараст мебошад. Намунаи ибрат аз ҷониби ҷавонон бо он сабаб интихоб мегардад, ки онҳо мехоҳанд, ба шахсе пайравӣ кунанд ва ба мисли ӯ ба қуллаҳои баланди мурод расанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин гуна шахсият бе шакку шубҳа Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишвар Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

**Адабиёт:**

1. А.Раҳнамо. Эмомалӣ Раҳмон-Пешвои миллат: Ҷанбаъҳои назариявӣ ва амалии масъала. Душанбе, Ирфон-2016, 54 саҳ.

2. Анвари Ҳусейн. Пешвои миллат. Душанбе, Истеъдод -2016, 16 саҳ.
3. Р.Раҳимзода. Дар ситоиши Пешвои миллат. Душанбе. Матбааи ВКД ҶТ-2016, 31саҳ.
4. А.Холиқзода. Бунёдгузори давлати миллӣ-Пешвои миллат. Душанбе. Эр-граф-2015, 172 саҳ.
5. Қурбон Восеъ. Садафи ваҳдат-Пешвои миллат. Душанбе. Дониш-2016, 733 саҳ.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Китобномаи шарҳиҳолӣ. Душанбе. Эр-граф-2013, 348 саҳ.

## ҚАРОРҲОИ ИДОРАКУНӢ: МОҲИЯТ, ТАСНИФОТ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ҚАБУЛИ ОНҲО

***Назриев Карим** - ассистенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №16, тел.: (+992) 988 01 53 11.*

Мавзӯи мақолаи мазкурро таҳқиқи моҳият ва таърифи мафҳуми «қарори идоракунӣ», ҳамчун яке аз муҳимтарин иқдом дар фаъолияти ҳаётии инсон, ҷомеа ва давлат ташкил медиҳад. Самаранокии фаъолияти идоракунӣ аз бисёр ҷиҳат аз тавоноӣ дар ҳаллу фасли ғайриқолабии вазифаҳо ва проблемаҳои роҳбар вобастагӣ дорад. Қобилият ва тавоноии дуруст қабул намудани қарор салоҳиятнокии роҳбари ҳар кадом дараҷаи идоракуниро ташкил медиҳад.

***Калидвожаҳо:** парадигмаи идоракунӣ, қарор, қарори идоракунӣ, роҳбарӣ, қабули қарори идоракунӣ, таснифоти қарори идоракунӣ*

## УПРАВЛЕНЧЕСКИЕ РЕШЕНИЯ: СУЩНОСТЬ, КЛАССИФИКАЦИЯ И ТЕХНОЛОГИЯ ПРИНЯТИЯ

***Назриев Карим** - ассистент кафедры политологии Таджикского национального университета, г. Душанбе, Буни хисорак, студенческий городок, учебный корпус №16, тел.: (+992) 988 01 53 11.*

Предметом статьи является исследование сущности и определения понятия «управленческое решение», как одной из центральных действий жизнедеятельности человека, общества и государства. Эффективность управленческой деятельности во многом зависит от умения руководителя решать нестандартные задачи и проблемы. Способность и умение правильно принимать решения составляют компетентность руководителя любого уровня управления.

***Ключевые слова:** парадигма, управление, решение, управленческое решение, руководства, принятие управленческого решения, классификация управленческих решений.*

## MANAGERIAL DESCISIONS: ESSENCE, CLASSIFICATION AND TECHNOLOGY OF ACCEPTANCE

***Nazriev Karim** - assistant of the Department of Political Science of the Tajik National University, Dushanbe, campus of the Tajik National University, educational building №16, tel .: (+992) 988 01 53 11.*

The subject of the article is the study of the essence and definition of the concept of "managerial decision", as one of the central activities of the life of a person, society and the state. The effectiveness of managerial activity largely depends on the ability of the manager to solve non-standard tasks and problems. The possibility and ability to make correct decisions is the competence of the head of any level of management.

***Key words***: *paradigm, management, decisions, management decision, leadership, management decision making, management decisions classification.*

Қарори идоракунӣ чун қоида омили меҳварӣ ва марказии раванди идоракунии ҷомеа ба шумор рафта, ҳадафҳои асосӣ ва воситаҳои амалигардонии онро фаро мегирад. Қарори идоракунӣ восита ва методи танзими муносибатҳои ҷамъиятист, ки талаботу манфиатҳои одамонро қонеъ гардонида, носозгориҳои ҳаёти иҷтимоӣ тавассути қабули қарори оқилона бартараф карда мешаванд. Қарори идоракунӣ – ин раванде ба ҳисоб меравад, ки он аз ба миён омадани проблемаҳо оғоз гардида, ба амалӣ ва ба бартараф намудани ҳалли он масъалаҳо ба фарҷом мерасад.

«Парадигмаи муосири идоракунӣ тақозо менамояд, ки системаи идоракунӣ бояд дар маҷмуъ, бо истифодаи технологияи таъсири пешакӣ, ки асоси онро раванди пешбинии илмӣ ва пешбининамоӣ ташкил медиҳад инкишоф ёбад. Идоракунии самараноки тамоми системаҳо, ки хоси соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонист, дар замони муосир бидуни пешбинии субъектҳои он имконнопазир аст.

Ифодаи маъруфи «идоракунӣ – яъне пешбинӣ намудан» бо фаъолияти мутахасиссони соҳаҳои мухталиф нисбат дошта, бо ҷанбаи муҳтавои масъулият пурра мегардад.[3,5]

Қарори идоракунӣ – ин интихобе аст, ки бояд онро роҳбар барои иҷрои ухдадориҳо, салоҳиятҳо ва ноилшавӣ ба ҳадафҳои ташкилот анҷом диҳад. Қарори идоракунӣ асоси идоракунӣ маҳсуб мешавад. Қарор – ин интихоби алтернатива аст. Ҳамарӯза мо садҳо қарор қабул менамоем, аммо андеша намекунем, ки онҳоро чи гуна амалӣ намоем.

Тафовутҳои асосии байни қарори идоракунӣ ва қарор дар ҳаёти шахсии одамон инҳо мебошанд:

1. ***Ҳадаф***. Субъекти идоракунӣ (фард ё гурӯҳ) карорро на барои манфиатҳои шахсии худ, балки ба мақсади ҳалли проблемаҳои ташкилоти махсус қабул менамояд.

2. ***Пайомад***. Интихоби шахсии фард метавонад ба ҳаёти шахсии худ ва наздиконаш таъсир расонад, вале қарори идоракунӣ ба тамоми ҷомеа таъсиргузор мебошад.

Менеҷер самти фаъолиятро на танҳо барои худ, балки баҳри ташкилот, дар маҷмӯъ ва ё кормандон интихоб карда, қарори он мумкин аст ба ҳаёти бисёр одамон таъсир расонад. Агар ташкилот бузург ва

пурнуфуз бошад, қарори роҳбарони он ҳатто ба ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа низ таъсир мерасонад.

3. ***Тақсими меҳнат***. Агар дар ҳаёти хусусии инсон, қарори қабулшударо худи ӯ татбиқ намояд, пас дар ташкилот тақсими меҳнати махсус вуҷуд дорад: баъзе кормандон (менеҷерҳо) агар дар қабули қарори вобаста ба проблемаи мавҷуда агар машғул бошанд, кормандони дигар татбиққунандаи қарори қаблан қабулшуда мебошанд.

4. ***Касбият.*** Дар ҳаёти шахсии одамон ҳар як инсон мустақилона вобаста ба таҷриба ва қобилият ва истеъдоди зеҳнии худ метавонад қарор қабул намояд. Дар идоракунии ташкилот қабули қарор андаке мушкилтар буда, омодагии касбиро талаб дорад. На ҳар корманди ташкилот, балки танҳо афроде, ки мусаллаҳ ва фарогири донишҳои касбӣ ва малака мебошанд, салоҳияти мустақилона қабули қарори махсусро доранд.

Таснифоти қарори идоракунӣ метавонад дар шакли зерин нишон дода шавад:

- Қарори фаросатӣ (интиуитивӣ, беихтиёрона)
- Қарори ба муҳокима асосёфта
- Қарори маъқул (ратсионалӣ, ақлонӣ)

1. ***Қарори фаросатӣ (интиуитивӣ)***. Қарори фаросатии холис – ин интихобе аст, ки ба ҳиссиёт асос ёфтааст. Он мумкин аст, заминаи ақлонӣ дошта бошад ва ё набошад, ки онро танҳо инсон интихоб менамояд. «Ҳиссиёти шашум» ин ифодаи қарори фаросатӣ аст. Питер Шодербек қайд менамояд, ки «дар ҳамон ҳолат шумораи иттилоот оид ба проблема мумкин аст кумаки арзанда дар қабули қарори роҳбари ҳалқаи миёна расонад, ки ба муҳокимаи интиуитивӣ такя шавад.»

2. ***Қарори ба муҳокима асосёфта***. Ин интихобест, ки ба донишҳо ва таҷриба такя мешавад. Инсон бо ба инобатгирии ҳодиса ва падидаҳо ва ташхиси онҳо бо таҷриба ва донишҳо манзараи эҳтимолии ояндаро дида, қарорро қабул менамояд. Ақли солим ҳамеша бартарафкунандаи ҳамаи мушкилиҳост, агар он дар қарори муҳокимавӣ зоҳир шуда бошад.

3. ***Қарори маъқул (ратсионалӣ, ақлонӣ)*** ба методҳои таҳлили иқтисодӣ, асоснокнамоӣ ва соданамӣ асос ёфтааст.

Қарори идоракунӣ – интихоби директивӣ таъсири мақсаднок ба объекти идоракунӣ, ки ба таҳлили вазъият асос ёфта, аз барномаи ноилшавӣ ба ҳадаф таркиб ёфтааст. Қабули қарори идоракунӣ – тасмими асосӣ дар ҳалқаи технологии идоракунӣ мебошад. Қарори идоракунӣ дар зимни ваколати роҳбар, дар доираи ҳуқуқ, меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ва дастури мақомоти идоракунӣ қабул мегардад. Хусусияти фарққунандаи қарори идоракунӣ дар он зоҳир мешавад, ки он дорои вижагиҳои зерин мебошад: ҳадаф, пайомад, тақисми меҳнат ва касбият. Қарори идоракунӣ раванди иқтисодии муқаррарашудаест, ки дар чорчӯбаи идоракунии ташкилот анҷом дода шуда, се марҳала дорад – омодагӣ, қабул ва татбиқи қарори идоракунӣ, ки дар худ зоҳиршавии проблема, шаклгирии вазифа, муқоисаи гунаҳо (вариантҳо)и алтернативии

қарор, инчунин мураттабсозии нақшаи татбиқи қарор ва роҳбарии фаврии татбиқи қарорро фаро мегирад.

Раванди идоракунӣ бисёрҷанба буда [4], аммо дар он системаи амал мушаххас гардидааст, ки онро шартан технологияи қабули қарор меноманд. Омодагӣ, қабул ва татбиқи қарор ҳамчун раванди меҳнати идории роҳбар технологияи махсус – маҷмӯи мунтазам истифода бурдани методҳо ва тарзҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои идоракунӣ мебошад. Аммо қабл аз ҳама,  вазифагузорӣ, ки таъминкунандаи ноилшавӣ ба ҳадаф мебошад, талаб карда мешавад. Ин вазифаҳо мумкин аст, дар шакле зоҳир шаванд, ки онро шартан *«дарахти вазифаҳо»* унвон намоем.

Ҷамъоварии иттилооти зарурӣ (далелҳои коркарднашуда ва рақамҳо аз манобеи мухталиф) ва дастёбӣ ба он дар асоси коркард ва таҳлили иттилоот доир ба вариантҳои алтернативии қарор муҳимтарин марҳилаи қабули қарор ба шумор меравад. Иттилоот бояд доир ба захираҳои мавҷуда (замин, сармоя ва ғ.) ва талабот ба он барои татбиқи ҳар алтернатива, талаботи ҳуқуқӣ ва дигар маводи лозима маълумот диҳад. Иттилооти босифат чандон арзон ҳам нест, ба ин хотир зарурат пеш меояд, ки барои дарёфти он хароҷотро  танзим намуд.

Ҷиҳати дигар қобили қайд аст, ки бояд пайомадҳои имконпазири татбиқи гунаҳо(вариантҳо)и алтернативии қарор арзёбӣ гардад. Дар бисёр ҳолатҳо андешаи солим ва таҷрибаи амалии менеҷер мумкин аст, ҷойи иттилооти гаронарзиши беасос ва мавҷуднобударо иваз намояд.  Қабули қарор, маъмулан мувофиқи ҳадаф ва вазифаҳои ташкилот ба амал меояд.

Татбиқи қарор дар ҳаёт аз менеҷер дониши муайян ва қобилиятро тақозо менамояд. Дар шароити номушаххасӣ ва ё нокифоягии иттилоот ҳар кадом қарори мушаххас мумкин аст, таъсири мухталиф вобаста ба омилҳо расонад, ки он аз доираи кордонии менеҷер берун аст.

Масъулият зимни қабули қарор маънии онро дорад, ки дар пайомадҳои татбиқи қарор – муваффақият ва дар ҳолати оқибатҳои нохуш бар дӯши роҳбар – менеҷер аст. Баъзан, бефаъолиятии роҳбар замоне ба вуҷуд меояд, ки  дар қабули қарор масъулиятро бар уҳда намегирад. Роҳбари муосири ташкилот бояд худро тавре нишон диҳад, ки ӯ гуё ба амалкард ва ё ба бефаъолиятии худ ҷавобгариро бар уҳда дорад. Масъулияти иҷтимоӣ  - вижагии хоси шахсият аст, ки дар натиҷаи тарбия ва баҳисобгирии меъёрҳои ахлоқии ҷомеа ҳосил мегардад.[2.55]

Ба раванди ташаккулёбии масъулияти иҷтимоӣ инҳо таъсиргузор мебошанд:

- имконият ва қобилияти шахс дар масъалаи иҷрои вазифаҳо ва тавоноии баромадан аз уҳдаи мушкилиҳо;
- мавҷудияти захираҳо барои иҷрои вазифаҳо;
- дараҷаи масъулияти изҳоршуда барои натиҷаҳо.

Аз нуқтаи назари технологӣ раванди қабули қарорро метавон дар намуди оқибатҳои марҳалаҳо ва ташрифот тасаввур кард, ки бо ҳам робитаи бевосита ва баръакс доранд. Дар бисёр маъхазҳои хориҷӣ тамоми

раванди қабули қарор аз раванди омодагӣ, қабул ва амалисозии қарор дар ҳамаи мароҳили асосии он шахсиятҳоеро дар бар мегирад, ки дар қабули қарор муваззаф мебошанд.

Дар марҳалаи омодагии қарори идоракунӣ таҳлили иқтисодии вазъият дар микро ва макросатҳ ба амал оварда шуда, ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот, ҳамчунин дар шаклгирии проблема ва қарори тақозошуда зоҳир мегардад.

Дар марҳилаи қабули қарор коркард ва арзёбии қарори алтернативӣ ва самти амалҳо, ки дар асоси ҳисоби бисёргуна гузаронида мешавад; меъёрҳои яккачини интихоби қарори муносиб ба миён меоянд; интихоб ва қабули қарори беҳтарин ба амал бароварда мешавад.

Дар марҳилаи татбиқи қарор ченакҳо барои мушаххаскунонии қарор ва расонидани он то ба сатҳи иҷро истифода шуда, назорат аз болои ҷараёни татбиқи он, ворид кардани ислоҳоти зарурӣ ва арзёбии натиҷаи бадастомадаи иҷрои қарор ба амал бароварда мешавад.

Баҳри такмили самаранокии иҷрои қарорҳои қабулшудаи идорӣ тавсияҳои зерин матраҳ мегарданд:

1) ба таври объективӣ арзёбӣ намудани таҷриба ва касбияти иҷрокунандагон;

2) ҳавасмандагардонии иҷрокунадагон баҳри татбиқи босифати қарори идоракунӣ;

3) иҷрои ҳатмии чорабиниҳои нақшавии ташкилӣ-техникӣ баҳри татбиқи қарор. [2]

Ҳар қарори идоракунӣ натиҷаи мушаххаси худро дошта, бинобар ин ҳадафи фаъолияти идоракунӣ пайдо намудани чунин шакл, метод, воситаҳо ва василаҳое аст, ки битавонанд ноилшавӣ натиҷаҳои ба матлуб ва мувофиқро дар шароит ва ҳолатҳои мушаххас фароҳам оваранд. Қарори сиёсӣ ва тасмими идоракунӣ муҳимтарин падидаҳо дар раванди идоракунии кишвар ва ҷомеа ба ҳисоб рафта, пайомадҳои ногувор дошта метавонанд, агар ташхиси дурусти объекти идоракунӣ ба амал бароварда нашуда, қарори қабулшуда илмӣ набошад. Иштибоҳи андаке дар раванди қабули қарор метвонад, оқибат ва ҳодисаҳои ногуворро ба миён биоварад, аз ин рӯ, ин кори ҳамагон нест. Зарур аст, ки ҳангоми қабули қарори сиёсӣ ва махсусан, қарори идорӣ эҳсосот тобеи ақл бошад ва раванди идоракуниро дучори бухрон нагардонад, балки дар рушди ҷомеа ва давлат мусоидат намоянд.

**Адабиёт:**

1. Зокиров Г.Н. Қарори сиёсӣ // Донишномаи сиёсӣ. Ҷилди 2. Душанбе, 2015. С. 89-90.

2. Кузнецова Л.А. Разработка управленческого решения: учеб. пособие – Челябинск: Челябинский государственный университет, 2001. – С. 55-56

3. Скиданов И.П. Управленческое предвидение (методология, диагностика, дидактика). – СПб.: СПбГАСУ, 2006.– С. 5

4. Управленческое решение как основа управленческого процесса. [Электроный ресурс] / режим доступа: http://mylektsii.ru/5-121364.html.

## ЗИНАҲОИ СИЁСӢ-ФАРҲАНГИИ ИНКИШОФИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛАТИ ТОҶИК (аз ибтидои солҳои 20-уми асри XX то имрӯз)

***Комилбеков Амид Ёрбекович*** *– н.и.с., дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш . Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992) 935 575 855, e-mail: amid.komilbek@mail.ru*

***Қобилов Муҳаббатшо Замирович*** **-** *муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш . Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992)93 301 15 13*

Дар мақола раванди ташаккули сиёсию фарҳангии миллати тоҷик аз ибтидои солҳои 20-уми асри XX то замони муосир баррасӣ гардидааст.

Муаллифон воқеияти таърихиро дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ таҳлил ва зинаҳои давлатдории миллати тоҷикро аз замони барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар солҳои 20-уми асри XX то замони муосир муайян намудаанд.

***Калидвожаҳо:*** *Иттиҳоди Шӯравӣ, Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, зинаҳои давлатдорӣ, робитаҳои фарҳангию дипломатӣ, арбобони барҷастаи илму санъат, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ, вазъи сиёсӣ, давлатдории тоҷикон*

## ЭТАПЫ ПОЛИТИЧЕСКОГО И КУЛЬТУРНОГО РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ ТАДЖИКСКОЙ НАЦИИ (с начала 20-х годов XX века до сегодняшнего дня)

***Комилбеков Амид Ёрбекович*** *– к.п.н., доцент, заведующий кафедрой международных отношений и политических процессов Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992) 935 575 855, e-mail: amid.komilbek@mail.ru*

***Кобилов Мухаббатшо Замирович*** *– старший преподаватель кафедры международных отношений и политических процессов Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992)93 301 15 13*

В статье рассматриваются проблемы формирования политической культуры таджикского народа со времён образования СССР и установления советской власти до сегодняшнего дня. Авторы, изучив

исторические реалии, определили этапы образовании государственности таджикской нации в начале 20 –х годов XX века до сегодняшнего дня.

***Ключевые слова***: *Советский Союз, Центральная Азия, этапы государственности, культурно-дипломатические отношения, деятели науки и искусства, социально-экономическое положение, политическая обстановка, государственности таджиков.*

## STAGES OF POLITICAL AND CULTURAL DEVELOPMENT OF THE STATEHOOD OF THE TAJIK NATION (FROM THE BEGINNING OF THE 1920S TO THE PRESENT DAY)

***Komilbekov Amid Erbekovich*** *– Candidate of Political Science, Associate Professor, Head of the Department of International Relations and Political Processes, Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 935 575 855, e-mail: amid.komilbek@mail.ru*

***Qobilov Muhabbatsho Zamirovich*** *- senior lecturer, Department of International Relations and Political Processes, Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 93 301 15 13*

The article deals with the problems of the formation of the political culture of the Tajik people since the formation of the USSR and the establishment of Soviet power to this day. The authors studied the historical realities and determined the stages in the formation of the statehood of the Tajik nation in the early 20s of the twentieth century to the present day.

***Keywords:*** *the Soviet Union, Central Asia, stages of statehood, cultural and diplomatic relations, scientists and art workers, socio-economic situation, political situation, statehood of the Tajiks.*

Барқароршавии Ҳокимияти шӯравӣ дар солҳои 20-уми асри XX дар таърих ва фарҳанги мардуми Тоҷикистон воқеаи муҳиме ба шумор мерафт. Замоне, ки Бухорои шариф дар натиҷаи мухолифатҳои байнихудии хонҳои Қӯқанд, Хева ва амири Бухоро пароканда гардида буд, мардуми азияткашида дар азобу шиканҷа қарор доштанд. Мардуми Осиёи Марказӣ дар робита бо мардуми рус дар як муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ тавонистанд ватани хешро ба ҷумҳуриҳои хеле тараққикардаи саноатӣ, кишоварзӣ ва фарҳангӣ табдил диҳанд. Агар мо ба гузаштаи беш тар аз 70-солаи сохти шӯравии Тоҷикистон дар ҳайати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ назар кунем, он комёбиҳои бузурге, ки мардуми Тоҷикистон дар соҳаҳои давлатдорӣ, фарҳанг, иқтисодиёт, иҷтимоиёт,

фарҳанг, сохтмон, саноат ба даст овардааст, онро нодида гирифтан нашояд.

Дар давраи зикршуда барқарор шудани давлатдории шӯравии халқи тоҷик бо якчанд зинаҳои тараққиёти таърихӣ, ки дар он фарҳангу маданият ва тамаддуни баланд таҷассум ёфтааст, дохил мешавад.

Зинаи аввал аз ҷиҳати муттасил будани ҳодисаҳо, давраи аввали инқилоб, ташкилёбии Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро, Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон то тақсимоти миллии ҳудудии Осиёи Миёна, яъне аз соли 1917 то соли 1924 - ро дар бар мегирад.

Зинаи дуюм аз ташкилёбии Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон аз моҳи октябри соли 1924 то соли 1929, яъне таъсисёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон давом кардааст. Албатта, барои бунёдгузории давлатдории ин давра саҳми арбобони давлатии тоҷик – Нусратулло Махсум (Лутфуллоев Нусратулло) ва Шириншоҳ Шоҳтемур ниҳоят бузург буда, онҳо барои хизматҳои шоистаашон бо унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон қадр карда шуданд.

Зинаи сеюм - ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 16-уми октябри соли 1929 то эъломияи истиқлолият, яъне то 9-уми сентябри соли 1991 давом кардааст.

Агар сухан дар бораи комёбиҳои ҳар як зина равад, дар зинаи аввал ҳеҷ гуна сохтмони назарраси фарҳангӣ бунёд карда нашудааст, чунки ин давра давраи муайянкунии сохтори давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Дарвоқеъ, дар ин зина мардуми тоҷик ба бунёду бунёдкорӣ, сохтмони шаҳр ва ободонӣ оғоз намуда будаанд. Сохтмони иншооти маданӣ дар зинаи дуюми тараққиёти ҷумҳурӣ бағоят сермаҳсул буд.

Мавриди зикр аст, ки деҳаи на он қадар калони Душанбе 15 марти соли 1925 чун пойтахти Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба худ мақоми шаҳрро гирифтааст, аз соли 1929 то соли 1961 Сталинобод ном дошт. Дар ин давра бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва иншооти фарҳангӣ оғоз ёфтанд. Аввалин идораи алоқаю телеграф, мактаб-интернатҳо, аввалин истгоҳи барқӣ-дизелӣ, ки дорои 200 нуқтаи равшиндиҳӣ буд, сохта шуданд. Дар соли 1929 бо роҳи оҳани нав аввалин қатора ба Душанбе омад, корхонаҳои саноатӣ, аввалин китобхона соли 1923 ва клубҳо дар соли 1926 кушода шуданд. Дар ин солҳо, яъне солҳои 1923-1924 нахустин рӯзнома ва китоби алифбо ба забони тоҷикӣ аз чоп баромад. Соли 1925 нашриёти давлатии Тоҷикистон таъсис ёфт. Аввалин дармонгоҳҳо ва беморхонаҳо сохта шуданд.

Дар ин замина робитаҳои иқтисодию фарҳангии халқи тоҷик бо дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Аз шаҳрҳои Маскав, Ленинград, Киев, Харков, Одесса ва ғайра ба Душанбе мутахассисони соҳаҳои гуногун – меъморон, лоиҳакашон, ҳунармандон, олимон бо сарварии П.И. Ваулин ва С.В. Кутин омаданд. Аввалин ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва қарорҳо қабул

карда шуданд, ки ҳамаи баргузории чорабиниҳо ба манфиати халқи тоҷик буд [3,250].

Зинаи сермаҳсули тараққиёти фарҳанги миллати тоҷик зинаи сеюм мебошад, ки бештар аз 60 сол (1929-1991) идома ёфта, он замоне буд, ки Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар қатори дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба яке аз мамлакатҳои тараққикардаи Осиёи Миёна табдил ёфт. Эҳтимол ягон соҳаи фарҳанге набошад, ки дар он ҷумҳурӣ ба пешравӣ муваффақ нагардида бошад. Ташкили муассисаҳои маданӣ, аз ҷумла Академияи илмҳои Тоҷикистон (соли1951), Донишгоҳи агропедагогӣ (Донишгоҳи кишоварзӣ) соли 1931 дар шаҳри Душанбе, Донишкадаи педагогӣ дар шаҳри Хуҷанд соли 1932, Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 1939 дар шаҳри Душанбе, Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) соли 1947, Донишкадаи политехникӣ (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ) дар соли 1956 имкониятҳо ва заминаи мусоидро барои омода намудани мутахассисон дар соҳаҳои гуногуни илм, техника ва маориф фароҳам оварданд.

Мо имрӯз аз як зумра чеҳраҳои бузурги илму фарҳанги хеш ифтихор дорем. Онҳо арбобони барҷастаи илму санъати тоҷик буда, тавассути эҷодиёт ва таҳқиқоти худ миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуданд. Устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Султон Умаров, Муҳаммад Осимӣ, М. Баҳоваддинов, П. Бобоҷонов, С. Ҳабибуллоев, Рауф Баротов, Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар, Сотим Улуғзода; оҳангсозону ҳунарпешагон ва адибон – Аҳмад Бобоқулов, Зиёдулло Шаҳидӣ, Муҳаммадҷон Қосимов, Боқӣ Раҳимзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Зуҳур Ҳабибуллоев, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Малика Собирова, Кароматулло Қурбонов, Отахон Латифӣ, Одина Ҳошимов, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Аскар Ҳаким, Гулрухсор, Гулназар, Бозор Собир, Муҳаммадҷон Шукуров, Саттор Турсун, Фарзона донишмандон Акбар Турсон, Мӯсо Диноршоев, Мунзифа Ғаффорова, Юсуф Исҳоқӣ, Минҳоҷ Ғуломов, Ҳусейн Мансуров ва дигарон; муаррихон – Мулло Эркаев, Раҳим Масов, Иброҳим Усмонов; ҳуқуқшиносон – О. Усмонов, М. Муллоев, Ф. Тоиров, М. Маҳмудов, А. Имомов; ҳунармандон – Маҳмудҷон Воҳидов, Ҳошим Гадоев, Ҷӯрабек Муродов Марям Исоева, Убайдулло Раҷабов, Боймуҳаммад Ниёзов, Зафар Нозимов, Малика Қаландарова, Давлати Худойназар, Ато Муҳаммадчонов ва дигарон аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Аз ҳама муҳим он буд, ки тоҷикон ҳамчун миллат шинохта шуданд, сарҳади давлатӣ муайян карда шуд, бартарии забони русӣ ва забони тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ эътироф карда шуда буд, анъанаҳои нав бо тақозои замон ба миён омаданд. Тоҷикистон ба ҷумҳурии манбаи ашёи хоми давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ табдил ёфт. Дар ин зина бо заҳмату

кӯшишҳои як гурӯҳ олимону санъаткорон иншооти бузурги фарҳангӣ бунёд карда шуданд. Масалан, “Хонаи нависандагон” аз рӯйи лоиҳаи Салихов Э., “Кохи Ваҳдат” аз тарафи меъмор Ерзовский Э.В., лоиҳаи меъмории биноҳои Комитети амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ аз рӯйи лоҳаи Пархов Ю.Л. сохта шуданд. Бо пешниҳоду лоиҳаҳои Ҳ.Юлдошев ва С.Л. Анисимов бинои Сирки тоҷик дар шаҳри Душанбе сохта шуд [2, 369].

Барои бунёди биноҳои истиқоматӣ, маъмурӣ, истеҳсолӣ ва фарҳангӣ саҳми санъаткорону меъморон Мелашеевич И.И. (ҳайкалтарош), Р. Каримов, Р. Муқимов, В.Г. Вселовский, Б.А. Зуҳуриддинов, Н.Х. Ёқубов, Х.Р. Содиқов ва дигарон ниҳоят бузург мебошад.

Зинаи чоруми давлатдории тоҷикон аз ҳодисаҳои таърихии солҳои 1990-1991, яъне аз эълони давлати соҳибихтиёри мустақил оғоз ёфта, то ба озодии комили давлатӣ идома меёбад. Аммо фоҷиаҳои солҳои 1992-1993 ба сари мардуми мамлакат бадбахтиҳои зиёде овард, ки ба соҳаи маданияту фарҳанг ҳам бетаъсир намонд. Мутахассисон ва ходимони барҷаста, аз ҷумла олимон, меъморон, рассомон, лоиҳакашон, нависандагон ва дигарон ба кишварҳои дигар муҳоҷират карда, аз сарзамину миҳани аҷдодӣ дур мондаанд. Дар натиҷа бисёр муассисаҳои соҳаи маданӣ – кинотеатрҳо, театрҳо, китобхонаҳо, иттиҳодияҳои эҷодӣ, нашри китобҳо ва ғайра, ки аз фаъолият бозмонда буданд, аз нав ба фаъолияти худ оғоз намуданд. Барои аз нав барқарор кардани соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ маблағи хеле зиёд лозим буд. Вазъи иқтисодию иҷтимоии ҷомеа хеле заиф буд. Ин ҳама бо кӯшишу заҳматҳои зиёди сарвари тоҷикони ҷаҳон, Асососгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар муддати кутоҳ бартараф карда шуд. Аз ҷониби Президент ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуну қарорҳое қабул карда шудаанд, ки ба манфиати тоҷикону тоҷикистониён буданд. Аз ҷумла, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Иҷлосияи тақдирсоз, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994, Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллии мардуми тоҷик 27–уми июни 1997 дар шаҳри Маскав, таҷлили ҷашну рӯзҳои Истиқлолият ва 1100-солагии давлати Сомониён соли 1999, анҷумани фарҳангии байналхалқӣ, ҷашни 80 – солагии шаҳри Душанбе, бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 20–солагии Истиқлолият, анҷумани тоҷикони ҷаҳон, Даҳсолаи об барои ҳаёт ва ғайра.

Ба ризоияти умумӣ ва сулҳи пойдор муваффақ гардидани тоҷиконро коршиносони хориҷӣ ҳамчун падидаи беназири асри XX арзёбӣ кардаанд. Аз ҷумла, яке аз коршиносони Олмон Арне Клеманс Зайферт чунин ишора мекунад: «Дар ҳақиқат муҳокимаҳои сиёсие, ки солҳои охир пас аз имзои Созишномаи умумӣ дар бораи сулҳ ва ризоият ба вуқуъ пайваст, дар

ҷомеаи тоҷикон таҷрибаи беназиреро дар фазои Аврупо ва Осиё тавлид кард». Ва ё коршиноси англис Кэтрин Баренс дар ин мавриd чунин андешаронӣ кардааст: «Ҷараёни мунокишаи тоҷиконро хуб баррасӣ намуда, муайян сохтан лозим аст, ки чӣ тавр ин сабақи тоҷикон метавонад барои хубтар фаҳмидани ҷанги шаҳрвандӣ дар манотиқи дигар ба мо кӯмак расонад» [4,5].

Омили муҳими ҳамбастагии иҷтимоии миллат кӯшишҳои эҳёи хотираи таърихии мардум, тармими ғояҳои миллӣ, ки қодир буданд дар раванди муттаҳидии ҷомеъаи Тоҷикистон сулҳофарӣ, ҳамоҳангӣ ва тарғиби инсондӯстӣ дар байни мардум, рафъи мухолифатҳо, барқарор кардани муносибатҳои шарикию ҳамкорӣ нақши муайян иҷро менамоянд [1,99].

Дар маҷмуъ, ба ақидаи мо, таърихи халқи тоҷик ва фаҳанги сиёсии он, махсусан, давраи нав ва навтарин пурра омухта нашудааст ё барои омӯзиш ба таври бояду шояд роҳ монда нашудааст. Ин марҳилаҳои таърихӣ маводи гаронбаҳоро барои муҳаққиқон ва коршиносон медиҳанд. Омӯхтани зинаҳои таърихии фарҳангӣ ва сиёсии миллати тоҷик аз нимаи дувуми асри XIX ва давраи Осиёи Марказиро забт намудани Русияи подшоҳӣ ва барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ ба андозаи хеле бузург гиреҳи сабабҳои он ҳодисаву воқеаҳоеро, ки халқи тоҷик дар се даҳсолаи охир шоҳиди он шуда буд, боз мекунанд. Маҳз дар ин давра ҷомеаи тоҷикон бори нахуст бо масоили раванди суръатгирифтаи оламшумули ба ном глобализатсия, яъне ҷаҳонишавӣ рӯ ба рӯ гардид.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон раванди фаъоли омехташавии фарҳангҳои гуногун, ба мисли фарҳанги Иттиҳоди Шӯравӣ, фарҳанги Ғарб, фарҳанги исломӣ ва фарҳанги тиҷоратии Хитой ба назар мерасанд[5,96]. Аз ин рӯ, миллати тоҷик бояд решаи ориёии худро низ фаромӯш насозад ва кӯшиш намояд, ки арзишҳои ба ҷомеа фоидаовари онро эҳё намояд.

Фарҳанги ориёӣ фарҳанги панҷуми бузург дар миёни фарҳангҳо ва тамаддунҳои ҷаҳонӣ мебошад, ки дар ҷомеаи тоҷикон ҳузур дорад. Дар чунин зинаи таърихӣ насли наврас ва ҷавонон бояд аз ояндаи дуру наздики худ бохабар бошанд ва маҳорати таҳлилгароияшон инкишофёфта бошад.

**Адабиёт:**

1. Додихудоева Л. Ҷанбаҳои байналхалқӣ ва дохилии раванди сулҳ дар Тоҷикистон. Маҷмӯаи тезисҳои Симпозиуми байналмилалии “Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон”, Душанбе: 2001. 320 с.
2. Зиёзода Т.Н. Что можно извлеч из советского опыта для разработки школьных учебников истории. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), 4(68) 2011.

3. Зарифӣ Х. Таджикистан в контексте безопасности Центрально-азиатского региона. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 4(68) 2011,

4. Комилзода Ш. Нақши Тоҷикистон дар ҷаҳонинамоии сулҳ. Паёмномаи фарҳанг, нашрияи илмию таҳлилӣ, № 2 (19) 2012,

5. Кобилов М.З. Мультикультурализм и его перспективы в современном глобальном мире. Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). №3/6(211) 2016

6. Нуриддинов Р.Ш., Нуриддинов П.Р. Сиёсати ҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе: "Эр-граф", 2016. 352 с.

# ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ФАРОНСА

***Муминов Бахтовар Ҳамидҷонович*** *– донишҷӯи соли IV факултети муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,734003, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992) 900 99 94 90, e-mail: bakhtovar.muminov@gmail.com*

Ҳар як давлати дунё конститутсия ё қонуни асосии худро дорад ва мутобиқ ба он сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро амалӣ менамояд. Дар мақола муаллиф саъй намудааст, ки оид ба низоми хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Фаронса маълумот дода, баъзе аз паҳлуҳои онро таҳлил намояд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *конститутсия, парламент, идоракунии омехта, давлати дунявӣ, департамент, коммуна, интерпиллатсия, Шӯрои конститутсионӣ, префект, магистратура*

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ И ГОСУДАРСТВЕННАЯ СЛУЖБА ВО ФРАНЦИИ

***Муминов Бахтовар Хамиджонович*** *– студент IV курса факультета международных отношений Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003,г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992) 900 99 94 90, e-mail: bakhtovar.muminov@gmail.com*

Каждое государство мира имеет конституцию или основной закон и на её основе проводит свою внутренную и внешную политику. В статье автор предпринимает попытку проанализировать все аспекты государственной службы и государственного управления во Франции.

***Ключевые слова:*** *конституция, парламент, смешанное управление, светское государство, отдел, коммуна, интериллация, конституционный совет, префект, магистратуа*

# PUBLIC ADMINISTRATION AND CIVIL SERVICE IN FRANCE

***Muminov Bakhtovar Hamidjonovich*** *- 4th year student of the Faculty of International Relations of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan*

*734003,Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 900 99 94 90, e-mail: bakhtovar.muminov@gmail.com*

Each state of the world has a constitution or a basic law and on its basis conducts its internal and external policies. In the article the author makes an attempt to analyze all aspects of public service and public administration in France.

***Keywords:*** *constitution, parliament, mixed administration, secular state, department, commune, interpillation, constitutional council, prefect, magistracy*

**Конститутсияи Ҷумҳурии Фаронса**

Ҷумҳурии Фаронса дар қисмати ғарбии Аврупо воқеъ буда, яке аз аъзои фаъоли Иттиҳодияи Аврупо ба ҳисоб меравад. Масоҳати он 551,0 ҳаз км$^2$ ва пойтахташ шаҳри Париж мебошад. Қонуни асосии Ҷумҳурии Фаронса ин контитутсияи “ Ҷумҳурии панҷум” аз 4 октябри соли 1958 ба ҳисоб меравад.

Фаронса яке аз давлатҳое мебошад, ки таърихи куҳани контитутсионӣ (аз соли 1791) дорад. Фаронса севумин давлатест, ки дар ҷаҳон 3-юми сентябри соли 1791 дар раванди таҳаввулоти бузурги фаронсавӣ конститутсияи худро қабул намудааст. Дар ин ҷо саволҳое ба миён меоянд, ки чаро маҳз “Конститутсияи Ҷумҳурии панҷум” аз 4 октябри соли 1958 ҳамчун конститутсияи амалкунанда ба ҳисоб меравад? Ва кадом омилҳо буданд, ки “Конститутсия Ҷумҳурии панҷум” то имрӯз ҳамчун қонуни асосӣ шинохта шудааст? Вижагии ин конститутсия дар чист?

**Конститутсияҳои Ҷумҳурии Фаронса**

1. Аввалин конститутсия - 3-юми сетябри соли 1791 дар раванди таҳаввулоти сиёсии Фаронса қабул карда шуда буд.
2. Дувумин конститутсия - соли 1814 баъди ба сари қудрат омадани Наполеон қабул гардид, ки онро Конститутсияи Ҷумҳурии якум меноманд.
3. Севумин конститутсия - Конститутсияи Ҷумҳурии дуюм, ки соли 1848 дар раванди монархияи июлӣ қабул гардидааст.
4. Чаҳорумин конститутсия - Конститутсияи Ҷумҳурии сеюм, ки соли 1875 баъди аз шакли идоракунии монархӣ ба президентӣ гузаштан қабул шуд.
5. Панҷумин Конститутсия – Конститутсияи Ҷумҳурии чорум, ки соли 1946 баъди ба шакли идоракуни ҷумҳурии парламентӣ гузаштани кишвар қабул гардид.
6. Шашумин конститутсия - Конститутсия Ҷумҳурии панҷум, ки соли 1958, баъди ба шакли идоракунии ҷумҳурии омехта гузаштан қабул шудааст ва ҳоло амал мекунад.

Ҳамин тавр, аз соли 1791 то соли 1958 дар таърихи Фаронса шаш конститутсия қабул гаштааст. Конститутсияе, ки 13-уми октябри соли 1946

қабул шуд, ки онро Конститутсия Ҷумҳурии чорум низ меноманд аз конститутсияҳои қаблӣ бо чунин хусусиятҳо фарқ мекард:

-шакли идоракунии давлат шакли ҷумҳурии парлумонӣ буд

- дар мамлакат низоми бисёрҳизбӣ маъмул буд

-парламент аз ду палата иборат буд

-мамлакат дорои якчанд мустамлика буд, ки дар якҷоягӣ Ҷумҳурии Иттифоқии Фаронса номида мешуд.

Яке аз омилҳои заволи Ҷумҳурии чорум, пеш аз ҳама, ноустувор будани низоми ҳукумати бисёрҳизбӣ буд, ки ҳукуматҳо тез-тез иваз мешуданд, инчунин давлатҳое, ки дар мустамликаи Фаронса буданд, барои ба даст овардани истиқлолият шӯриш мекарданд, алалхусус, бухрони Алҷазоир машҳур гардида буд. Ҳамин омилҳо буданд, ки соли 1958 ҳукумати Ҷумҳурии чорум ба истеъфо рафт.

Аз тарафи Маҷлиси миллӣ 1 июни соли 1958 генерал Шарл де Голл сарвазир интихоб карда шуд. Вақте ки Шарл де Голл мансаби сардори ҳукуматро соҳиб гардид, Маҷлиси миллиро пароканда намуд. Бо супориши де Голл комиссияи махсус лоиҳаи конститутсияи нави Фаронсаро таҳия кард ва 28 сентябри соли 1958 бо тариқи райъпурсии умумихалқӣ бо 72,25 фоизи орои мардум, яъне 17,7 миллион шаҳрвандон конститутсияи нав қабул гардид. Ба лоиҳаи конститутсия 4,6 миллион нафар раъйи муқобил доданд. Мувофиқи Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд аз соли 1789 ва преамбула ба конститутсияи соли 1946 Конститутсия Ҷумҳурии Панҷум 4 октябри соли 1958 эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуд.

**Афзалиятҳои конститутсияи соли 1958 аз инҳо иборатанд**:

- шакли идоракунии парламентӣ ба шакли идоракунии омехта табдил гардид;

-мустамликаҳои мамлакат бо ибтикори Ҷумҳурии панҷум соҳибистиқлол гардиданд;

- ба шакли олии ҳуқуқӣ баромад кардани ҳуқуқ ва меъёрҳои байналмилалӣ дар дохили мамлакатроиҷ гардид;

-парламент низоми ду палатагиро аз даст надод;

- кишвар дорои ҳудуди ягона гардид.

Конститутсияи Ҷумҳурии Фаронса, ки 4 октябри соли 1958 қабул гардидааст, ва ба он 8 маротиба тағийру иловаҳо ворид гардидааст: (қонунҳои № 62-1292 аз 6 ноябри 1962, №74-904 аз 29 октябри 1974, №76-527 аз 18 июни 1976, №92-554 аз 25 июни 1992, №93-952 аз 27 июли 1993, 393-1256 аз 25 ноябри 1993, №95-880 аз 4 августи 1995). Сарчашмаи асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Фаронсаро Конститутсияи давлатҳои Иттиҳодияи Аврупо ташкил мекунанд. Конститутсия Фаронса аз муқаддима, 17 боб ва 89 модда иборат мебошад.

Ҷумҳурии Фаронса давлати дунявӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад ( моддаи 1). Парламент дар Фаронса мақомоти намояндагӣ ва қонунбарор ба ҳисоб рафта, аз ду палата Маҷлиси миллӣ ва Сенат иборат мебошад.

**Сохтори ҳудудии Фаронса**

Фаронса давлати ягонаи ғайримарказонидашуда ба ҳисоб меравад. Сохтори ҳудудии он аз департаментҳо, коммунаҳо ва ноҳияҳо иборат мебошанд. Ҳар як қисматҳои аврупоии Фаронса дар замони муосир аз 22 ноҳия иборат мебошанд. Ҳар як ноҳия мақоми мухторият дорад. Дар доираи иқтисодӣ -иҷтимоӣ ноҳияҳо салоҳияти васеъ доранд. Ҳар як ноҳия аз якчанд департаментҳо иборат мебошанд. Департамент ин воҳиди асосӣ ва ягонаи тақсимоти ҳудудӣ мебошанд. Департаментҳо ба ҳамдигар мувофиқи ташкилотҳо ва худидоракунии коммунаҳо эътироф гаштааст, инчунин ба онҳо кӯмаки молӣ мерасонад. Теъдоди коммунаҳо бошад, зиёда аз 36 000 буда, онҳо ҳудуди ягонаи поёнӣ ба ҳисоб мераванд. Коммунаҳо аз аҳолии деҳаҳо иборат мебошад. Ба ғайр аз ин Фаронса дорои ҳудудҳои дурдаст низ мебошад. Ҳудудҳои дурдасти Фаронса берун аз ҳудуди аврупоии Фаронса воқеъ буда, бештари онҳо дар ибтидо мақоми мустамликаи Фаронсаро доштанд. Каледони нав, Полинезияи фаронсавӣ, ҷазираи Уоллис ва Футуна ҳудудҳои дурдасти Фаронса ба ҳисоб мераванд.

**Парламенти Фаронса**

Парламенти Фаронса мақомоти қонунбарор ва намояндагии Фаронса ба ҳисоб меравад. Оид ба фаъолият, сохтор, мақомот, низом, ташкил ва идорокунии парламент дар дар боби 4, аз моддаҳои 25 то 33 Қонуни асосии Фаронса матолиби возеҳ ва равшан оварда шудааст. Парламенти Фаронса аз ду палата – палатаи поёнӣ - Маҷлиси миллӣ ва палатаи болоӣ - Сенат иборат мебошад.

Интихоботи Маҷлиси миллӣ, ки палатаи поёнии парламенти Фаронса ба ҳисоб меравад, ба тариқи низоми мажоритарии аксарияти мутлақ аз ду марҳила иборат мебошад, ки дар марҳилаи дувум аксарияти ороро талаб мекунад. Ҳоло шумораи аъзои палатаи поёнии Парламенти Фаронса аз 579 нафар вакилон иборат аст, ки ба муддати 5 сол итихоб мешаванд. Дар интихоби вакилон муовини онҳо низ интихоб мегардад. Ин маънои онро дорад, дар ҳолати бо сабабҳои гуногуни маълум аз қабили бемории вазнин, ба истеъфо рафтан ва ё вафоти вакил салоҳияти он ба зиммаи муовини ӯ гузашта мешавад.

Палатаи болоии парламент Сенат номида мешавад ва аъзои палата аз 321 нафар иборат буда, муҳлати ваколати Сенат 9 сол мебошад. Аъзои Сенат аз 1/3 ҳар се сол пас иваз карда мешавад. Вакилони аъзои Сенат бо роҳи интихоботи ғайримустақим ё бавоситаи департаментҳои коллегиявӣ

интихоб мегарданд. Ҳайати вакилони Сенат аз ҳамаи сатҳи вакилон ба ғайр аз коммунаҳо, интихобшудагон дар ҳудуди департамент ва шӯрои намояндагиҳои мунисипалии коммунаҳо, ки дар ҳудуди департаментҳо дохил мешаванд, иборатанд.

**Салоҳияти Парламент**

Дар конститутсияи Фаронса феҳристи доираҳои маҳдудкардашуда мавҷуд аст, ки дар ҳудуди онҳо танҳо парламент ҳуқуқи қабули қонунҳоро дорад. Дар масъалаҳои амалҳои меъёрӣ бошад, ҳукумат салоҳдиди қабули қонунро дорад. Ба ин феҳрист, дар чорчӯбаи қабули қонунҳое, ки Парламент қабул менамояд, инҳо дохил мешавад: батартибдарории ҳукуқҳои шаҳрвандӣ ва асосҳои кафолати он, масъалаҳои шаҳрвандӣ, муносибатҳои оилавӣ, ворисшавӣ, ҳадякунӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва авфи умумӣ, сохторҳои судӣ, муқаррароти мақомоти судӣ, эмиссияи пулӣ (баровардани пули коғазӣ ва коғазҳои қиматнок), муайянкунӣ ва ситонидани андоз, муқаррар намудани тартиби интихобот дар палатаҳои парламент ва муассисаҳои худидоракунии маҳаллӣ, хизматчиёни давлатӣ, милликунонии ташкилотҳо ба ҳисоб меравад. Ба ин феҳрист инчунин, принсипҳои асосии созмони мудофиаи миллӣ, худидоракунии маҳаллӣ, таълиму тарбия, низоми моликият, уҳдадории меҳнатӣ, иттифоқҳои касаба ва таъмини ҳуқуқи иҷтимоӣ тибқи моддаи 34 Конститутсия ва инчунин тасвиби ҳамаи санадҳои муҳими байналмилалӣ( мод.55 Конститутсия) дохил мешавад. Вобаста ба масъалаҳои давлатӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ, ки ба доираи салоҳияти дастурӣ дахл дорад, президент ва парламент қарор мебароранд.

Бо вуҷуди он, салоҳияти муҳими парламент ин қабули қонун мебошад. Ҳуқуқи ташаббуси қонунбарорӣ ба Сарвазир ва парламент тааллуқ дорад. Сарвазир лоиҳаҳои қонунро ва парламент бошад, мулоҳизаи қонунро ба зимма доранд. Дар иқдоми қонунбарорӣ ҳар ду палата метавонанд ширкат варзанд. Одатан, лоиҳаи қонун дар Ҷумҳурии Фаронса се хониш дорад, онро комиссияи доимамалкунанда ва махусус омода мекунад. Қонун ҳамон вакт қабул мешавад, ки агар он дар намуди мутобиқатии тасвиби ҳар ду палата омада шавад. Агар ин ҳолат нашавад “методи моку”истифода мешавад. Қонун бо навбат аз тарафи палатаҳо баррасӣ мешавад, то замоне, ки матни ягона коркард шавад. Ҳукумат ҳуқуқи даъват намудани комиссияи якҷояи палатаҳоро доро мебошад. Агар коркард ва қабули матни созишнома омода набошад, дар ин хусус Маҷлиси миллӣ метавонад ба таври инфиродӣ қабул кунад. Баъди қабули қонун аз тарафи парламент президент ба он имзо мегузорад. Дар муддати 15 рӯз президент метавонад ба қонун ба пуррагӣ ва ё ба қисмате аз санад вето гузорад. Ветои президент аз тарафи палатаҳои парлумонт бо роҳи қабули такрории қонун дар тарҳи аввала бо овоздиҳии мутлақи аксарият

метавонад бартараф карда шавад. Дар ин ҳолат президент ба қонун имзо мегузорад. Инчунин президент ҳуқуқи баррасии лоиҳаи қонунро то дар Шӯрои Конститутсионӣ имзо шудани онро дорад.

Санадҳои молиявии вобаста ба буҷет, андоз ва монанди онҳо аз тарафи Маҷлиси миллӣ қабул мегардад.

Инчунин, парламент дорои салоҳияти танзимӣ мебошад. Танзими ҷорӣ ба фаъолияти ҳукумат, самтҳои фаъолият ва вазифаҳои ҳукумат ва вазиронро муқаррар мекунад ва саволҳоро матраҳ менамояд, ки ҷавоб додан ба ин суолҳо ҳатмист. Саволҳо метавонанд шифоҳӣ ( ба таври мубоҳисавӣ, эҳтимоли мубодилаи афкор ва бебаҳс) ва хаттӣ бошанд. Ҷавоб ба саволҳои шифоҳӣ ҳамчунин ба тарзи шифоҳӣ дода мешавад ва ба саволи хаттӣ бошад, посух расман нашр карда мешавад ва масъалаи интерпиллатсия ( аз ҳукумат дар хусуси ин ё он масъала эзоҳи махсус талаб кардани вакилони парламент) низ баррасӣ мешавад.

Парламент салоҳиятҳоро дар доираи сиёсати хориҷӣ ва мудофиа низ доро мебошад. Ин иборат аз ҳуқуқи муқаррар кардани санадҳои муҳими байналмилалӣ, нигоҳдории Шӯрои Вазирон, ба эълони ҷанг ва ҳолатҳои ҳарбӣ мебошад. Парламент ҳуқуқи тасдиқи Суди олии адлия, суди адлияи ҷумҳурӣ ва ҳуқуқи эълони авфи умумиро низ дорад.

**Тартиби фаъолияти Парламент**

Парламент мақоми доимамалкунанда ба ҳисоб меравад. Дар Фаронса имконияти давом додани маҷлисҳои палатаҳо маҳдуд шудааст. Маҷлисҳои палатаҳо на бештар аз 120 рӯз идома меёбад, фаъолияти он аз моҳи октябр оғоз мешавад ва то охири моҳи июн тӯл мекашад, ин маънои онро надорад, ки ҷаласаҳои палатаҳо ҳар рӯз баргузор мегардад. Ҷаласаҳои фавқуллода ва ё ғайринавбатиро Президент бо дархости Сарвазир ё ки аксарияти вакилони Маҷлиси миллӣ даъват менамояд. Ҷаласаи ғайринавбати 12 рӯзро дар бар мегирад. Ҷаласаи палатаҳои парламент дар алоҳидагӣ баргузор мегардад, танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ, вақте ки онҳо конгресси конститутсиониро ташкил мекунанд. Ҷаласаҳо кушода ва ошкоро баргузор мегарданд.

**Президент дар Фаронса**

Президент дар Фаронса шахси мақоми олии ҳуқуқидошта дар ҳокимияти давлатии Фаронса ба ҳисоб рафта, ба тариқи овоздиҳии мустақим ва аксарияти мутлақ дар ду марҳила интихоб мегардад, ин маънои онро дорад, ки агар дар интихобот яке аз номзадҳо овозҳои аксарияти мутлакро ба даст наорад, дар натиҷа марҳила дуюми интихобот баргузор мегардад, ки дар марҳилаи дувуми интихобот танҳо ду номзаде, ки дар давраи аввали интихобот овозҳои бештарро нисбат ба дигар номзадҳо ба даст овардаанд, метавонанд иштирок намоянд. Масуният, мақом, салоҳият ва фаъолияти Президент дар Фаронса дар қисмати 2-ум,

моддаҳои 5-19-и Қонуни асосии Фаронса танзим гардидааст. Дар моддаи 5 омадааст: “Президент риояи Конститутсияро назорат мекунад. Ӯ ҳамчун ҳакам ҳокимияти оммавӣ ва давомоти давлатро таъмин мекунад. Ӯ кафили истиқлолияти миллӣ, тақсимнопазирии ҳудуд ва риояи санади байналмилалӣ мебошад”. Дар моддаҳои 6 -7 омадааст, ки Президент ба тариқи овоздиҳии умумӣ дар муддати 7 сол интихоб мегардад (мод.6). Президент бо тариқи мустақим ва аксарияти мутлақи овозҳо дар ду марҳила интихоб мегардад. Агар аксарияти овозҳоро дар марҳилаи аввал дар даст наоваранд, дар ин маврид дар якшанбеи дуюми оянда марҳилаи дуюм баргузор мегардад, ки дар даври дуюм танҳо ду номзаде иштирок карда метавонанд, ки нисбат ба дигар номзадҳо овозҳои бештарро ба даст овардаанд. Интихоботро Ҳукумат эълон менамояд. Интихоботи Президент дар муҳлати на камтар аз 20 рӯз ва на бештар аз 35 рӯзи ба итмом расидани салоҳияти Президенти амалкунанда баргузор мегардад. Агар ҳангоми фаъолият вазифаи президентӣ бо ин ё он омилҳои мушаххас вакасния шуда бошад, ё ки Шӯрои конститутсионӣ бо дархости Ҳукумат бо овоздиҳии аксарияти мутлақ чунин ҳолатро муқаррар карда бошад, инчунин, дар функсияи амалии Президент монеа эҷод шуда бошад, дар ҳолатҳои истисноӣ салоҳияти амалии Президент ба роҳбари палатаи болоӣ-Сенат мегузарад ва дар навбати худ, агар дар фаъолияти ӯ ягон монеа зоҳир шавад, салоҳияти Президент ба Ҳукумат мегузарад. Дар ҳолатҳои эълони вакансия ё ин монеа муқаррар кардани Шӯрои конститутсионӣ ҳатман овоздиҳии Президенти нав гузаронида мешавад. Дар чунин ҳолатҳои муқаррар кардаи Шӯрои конститутсионӣ баъди вакансия ё ки эълон дар бораи бебозгашт будани мамониат на камтар аз 20 рӯз ва на бештар аз 35 рӯз баъди чунин ҳолатҳо интихоби Президенти нав баргузор мегардад. Агар дар вақти интихобот ба вазифаи Президент то марҳилаи аввал яке аз номзадҳо вафот кунад ё ки мамониат эҷод шавад, дар чунин ҳолат Шӯрои констиутсионӣ ба таъхир гузоштани интихоботро эълон мекунад. Инчунин, дар ҳолатҳое, ки ду номзад дар интихоботи марҳилаи аввал бештари овозҳоро нисбат ба дигар номзадҳо гирифта бошанду яке аз онҳо вафот кунад ё ки ба мамониат дучор шавад, дар ин ҳолат бо эълони Шӯрои конститутсионӣ интихобот аз сари нав баргузор мегардад (мод. 7).

**Салоҳияти Президент**

- Президент Сарвазиро таъйин ва озод мекунад.
- Президент дар якҷоягӣ бо Сарвазир дигар аъзоёни Ҳукуматро таъйин ва салоҳияти онҳоро қатъ мекунад.
- Президент ба қонунҳо ва санадҳо имзо мегузорад ва ҳуқуқи вето гузоштан дорад. Дар муддати 15 рӯз ҳуқуқи муҳокимаи пурраи санад ё

қисми санадро аз парламент талаб мекунад. Чунин дархост рад карда намешаванд.

- Президент бо мулоҳизаи Ҳукумат ҳангомии иҷлосияҳои парламент ё ки дар вақти мулоҳизаи муштараки палатаҳои парламент, ки дар нашрияи расмӣ нашр шудааст, метавонад ба референдум ҳамаи лоиҳаи қонунро дар хусуси мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дар бораи ислоҳоти марбут ба падидаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҷанбаи умумидошта пешниҳод намояд. Ҳангоми ташкили референдум бо мулоҳизаи Ҳукумат Президент дар назди ҳар ду палата бо изҳорот баромад мекунад.

-Президент метавонад баъди машварат бо Сарвазир ва роҳбарони палатаҳо ба истеъфо фиристодани палатаи поёнии парламент - Маҷлиси миллиро эълон кунад. Интихоби умумӣ гузаронида мешавад ва он дар муҳлати на камтар аз 20 рӯз на бештар аз 45 рӯзи баъди ба истеъфо фиристодани палатаи поёнӣ - Маҷлиси миллӣ доир мегардад. Ба таври ҳуқуқи комил дар дувумин панҷшанбеи баъди интихобот ҷаласаи Маҷлиси миллӣ баргузор мегардад. Маҷлиси миллиро дар муддати 1 сол баъди интихоботи нав ба истеъфо фиристодан ғайриимкон мебошад.

-Президент ба фармоҳо ва декретҳои қабулкардаи Шӯрои вазирон имзо мегузорад. Ӯ ба вазифаҳои гражданӣ ва ҳарбии давлатӣ таъйин мекунад.

-Мушовирони давлатӣ, канслери бузурги Легиони фахрӣ, сафирон, сафирони мухтор ва фавқулода, мушовири якуми Палатаи ҳисоб, префект (сардори департамент дар Фаронса), роҳбарони Ҳукуматро дар ҳудудҳои дурдаст, генералҳо, ректорҳои академияҳо, директорони ташкилотҳои марказӣ ва Шӯрои вазиронро таъин мекунад.

- Президент инчунин эътимодномаҳои сафирони фавқулода ва мухтори давлатҳои хориҷиро қабул мекунад.

- Президент Сарфармондеҳи олии қувваҳои мусаллаҳи давлат ба ҳисоб меравад, инчунин шӯроҳои олӣ ва кумитаҳои мудофиаи миллиро роҳбарӣ мекунад.

- ҳуқуқи эълони ҳолатҳои фавқулодаро дорад. Дар раванди ҳолати фавқулода Маҷлиси миллиро пароканда намудан ғайриимкон аст.

- Президент инчунин ҳуқуқи эълони авфро дорад.

- муҳлати интихоби президент на бештар аз ду муҳлат аст.

**Ҳукумати Ҷумҳурии Фаронса**

Дар хусуси фаъолият ва салоҳияти Ҳукумат дар боби 3, моддаҳои 20-24 тавзеҳот оварда шудааст. Мувофиқи Қонунии асосии Ҷумҳурии Фаронса Ҳукумат " сиёсати пешгирифтаи давлатро ба миллат муқаррар ва татбиқ мекунад". Ҳамин тариқ, Ҳукумат танзимкунанда ва нигоҳдорандаи идоракунии ҷории давлат, таъмини фаъолияти иҷроия ва амрдиҳандаро ба зимма дорад. Ҳукумат метавонад ба сифати Шӯрои вазирон ва ҳам ба

ҳайси Кабинети вазирон фаъолият кунад. Шӯрои вазирон ин маҷлиси вазирон дар итоати Президент ва Кабинети вазирон дар зери роҳбарии Сарвазир мебошад. Салоҳияти конститутсионии Ҳукуматро Шӯрои вазирон муқаррар мекунад.

**Ташаккул ва ҳайати Ҳукумат дар Фаронса**

Дар Фаронса Сарвазир аз тарафи Президент ба вазифа таъйин карда мешавад. Расман, худи Президент метавонад, шахсан, мустақилона Сарвазирро таъйин кунад аммо Президент маҷбур аст, ки тавозуни қувваҳои сиёсиро дар Маҷлиси миллӣ ба назар гирад. Азбаски Маҷлиси миллӣ метавонад дар ҳар ҳолат ба Ҳукумат раъйи нобоварӣ диҳад, ба Президент зарур аст, ки пешакӣ ҳимояти парламентро ба даст оварад. Бинобар ин, чун қоида роҳбари ҳизбе, ки дар интихоботи парламент пирӯзӣ ба даст меоварад, сарвазир таъйин мегардад. Дигар вазиронро Президент якҷо бо Сарвазир ба вазифа таъйин ва озод менамояд. Вазифаи асосии Ҳукумат ҳамчун мақомоти машваратӣ аст. Ба ҳайси чунин мақомот Шӯрои давлатӣ, Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ баромад мекунад. Вазифаи асосии Шӯрои давлатӣ ин татбиқи лоиҳаи қонунҳо бо Ҳукумат мебошад. Президент метавонад Ҳукуматро ба истеъфо фиристад Дар ҳолатҳои ки нисбат ба ҳукумат нобоварӣ ва баромадан аз боварӣ аз тарафи Президент расман эълон гашта бошад, Ҳукумат метавонад ба истеъфо равад. Президент метавонад расман Ҳукуматро пароканда намояд.

**Шӯрои конститутсионӣ**

Оид ба мақом ва салоҳияти Шӯрои конститутсионӣ дар Қонуни асосии Фаронса як боби алоҳида ҷудо карда шудааст, ки боби 7, моддаҳои 56-63-ро дар бар мегирад. Тибқи моддаи 56-и Қонунии асосии Фаронса Шӯрои конститутсионӣ аз 9 нафар аъзо иборат мебошад, ки се аъзои онро Президент, 3 аъзои дигари онро роҳбари Маҷлиси миллӣ ва се аъзои боқимондаро роҳбари Сенат таъйин менамоянд, муҳлати амали Шӯро 9 сол мебошад. Ба ғайр аз 9 нафар аъзои Шӯро метавонанд собиқ президент якумра узви Шӯрои конститутсонӣ гардад. Дар ҳар се сол 1/3-и аъзои Шӯрои конститутсонӣ аз сари нав интихоб мегарданд. Роҳбари Шӯрои конститутсионӣ аз тарафи Президент таъйин мешавад. Раъйи роҳбари Шӯрои конститутсионӣ дар ҳолатҳои тақсимоти орои мусовӣ ҳалкунанда ба ҳисоб меравад. Шӯрои конститутсионӣ дар хусуси дуруст баргузор кардан ва назорати интихоботи Президент назорат ва мушоҳида мекунад. Эътирозҳо ва эълони натиҷаҳои овоздиҳиро назорат менамояд. Инчунин, дар бораи дуруст барпо кардан ва назорати интихоботи вакилон ва сенаторҳо қарор мебарорад. Тамоми қонунҳо пеш аз он ки ба палатаҳои парламент пешниҳод карда шаванд, дар Шӯрои конститутсионӣ онҳоро тарҳрезӣ ва аз лиҳози мутобиқат кардан ба қонунҳои конститутсионӣ мамлакат ва хориҷа баррасӣ карда мешаванд.

**Дар бораи ҳокимияти судӣ**

Дар Фаронса кафили мустақилияти ҳокимияти судӣ Президенти ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Ба нигоҳдории мустақилияти ҳокимияти судӣ ба Президент Шӯрои олии магистратура кӯмак мерасонад. Вазъияти магистрҳоро қонун муқаррар менамояд ва судяҳо ивазнашаванда ва доимӣ ба ҳисоб меравaнд. Шӯрои олии Магистратураро Президенти ҷумҳурӣ роҳбарӣ мекунад ва вазири адлия ҳамчун мушовири роҳбари Шӯрои олии Магистратура ба ҳисоб рафта, ӯ метавонад ҷойи Президентро иваз кунад. Шӯрои олии Магистратура ду мақомоти салоҳиятдорро дар бар мегирад: мақомоти салоҳиятдор дар муносибат бо суд ва мақомоти салоҳиятдор дар муносибат бо прокуратура.

Мақоми салоҳиятдор дар муносибат бо суд - ба ғайр аз Президент, вазири адлия, 5 аъзои суд, як мансабдори прокуратура, як мушовири генералие, ки аз тарафи Шӯрои давлатӣ ва 3 нафар шахсоне, ки на ба парламент на ба мақомоти судӣ танҳо мувофиқи таъйини Президент, инчунин роҳбарони Маҷлиси миллӣ ва Сенат дохил мешавад.

Мақомоти салоҳиятдор дар муносибат бо прокуратура - ба ғайр аз Президент, вазири адлия, 5 амалдори прокуратура, як аъзои суд, мушовири генералие, ки аз тарафи Шӯрои давлатӣ интихоб шудааст, 3 нафар аъзои интихобкардаи Президент ва роҳбарони Маҷлиси миллӣ ва Сенат мебошанд.

Вазифаҳои асосии мақомоти салоҳиятдор дар муносибат бо суд- мулоҳиза дар хусуси таъйини суди кассатсионӣ, роҳбари аввали суди апеллятсионӣ ва роҳбарони судҳои олии инстансионӣ ва дигар судяҳо бо мулоҳизаи ин мақомот таъйин ва озод мегарданд ва ба сифати шӯрои интизомӣ дар муносибат бо судҳо қарор муқаррар менамояд. Вазифаи мақомоти Шӯрои олии Магистратура салоҳиятдор дар муносибат бо прокуратура, пеш аз ҳама, ба мансаби хизмати прокуратура таъйин кардан аст, ба истиснои хизматчиёни давлатӣ, ки аз тарафаи Шӯрои вазирон таъйин карда мешаванд. Инчунин, хулосаи худро ба санксияҳои интизомӣ дар муносибат бо прокуратура мебарорад.

Дар Фаронса ба ғайр аз судҳои умумӣ, инчунин судҳои махсус ва маъмурӣ ҳастанд. Илова бар ин, дастгоҳҳои оддии судӣ мавҷуданд: шӯроҳои конститутсионӣ ва давлатӣ. Ин система системаи судии маъмуриро роҳбарӣ мекунад. Дар сатҳи пойинтарин судҳои умумисудӣ, суди трибунали поёнӣ мавҷуданд. Онҳо парвандаҳои шаҳрвандиро бо даъвои ҳакамӣ, инчунин парвандаҳои ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои хурд (парвандаҳое, ки полис онҳоро танзим мекунад) баррасӣ мекунанд. Судҳои махсус метавонанд ҳам гунаҳкорон (масалан, судҳои ноболиғон) ва судҳои судӣ (масалан, судҳои тиҷоратӣ, иҷораи судҳо ва ғ.) бошанд. Дар якҷоягӣ онҳо аксар вақт нақши судяҳои судҳои хурд ва калонро доранд.

Идораи судҳои апеллятсионӣ вобаста ба парвандаҳо ба қарори судҳои оддӣ ва судӣ дар марҳилаи дуюм вобаста аст. Суди адлия (кассатсионӣ) системаи судҳои ҳокимияти умумиро идора мекунад. Системаи адлияи маъмурӣ, судҳои маъмурӣ, судҳои маъмурӣ ва шӯрои давлатӣ, ки маъмурияти маъмурии адлияи маъмуриро идора мекунанд, иборатанд. Ин судҳо дар соҳаи муносибатҳои маъмурӣ фарқ мекунанд.

**Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ**

Намояндаи асосии мақомоти давлатӣ дар минтақа шӯрои минтақавӣ мебошад. Вай бо интихоботи мустақим дар Фаронса дар асоси системаи мутаносиб дар якчанд ҳавзаҳо интихоб карда мешавад. Роҳбари шӯрои минтақавӣ ҳамзамон кор мекунад ва шуъбаи иҷрокунандаи вазифаро дар минтақа идора мекунад. Ҳар як бахши Шӯро барои шаш сол аз ҷониби аксарияти система интихоб мешавад. Системаҳои маъмуриро роҳбарони интихобкардаи шӯро сарварӣ мекунанд.

Ин идора барои ҳузури намояндаи ҳукумати марказӣ – Президент-Комиссари ҷумҳуриявиро пешбинӣ менамояд. Вай аз ҷониби Президент бо пешниҳоди вазири корҳои дохилӣ таъйин карда мешавад. Яке аз роҳбарон дар айни замон сардори минтақаи дахлдор мебошад. Вазифаи идоракунӣ (идора ва ноҳия) назорат аз болои фаъолияти мақомоти маҳаллӣ ва самтҳои идоракунии замин дар идораҳои марказӣ мебошад. Преком ба зербунёди агенти ноҳия мансуб аст. Вазифаҳои намояндаи мақомоти марказии шаҳру ноҳия аз ҷониби шаҳрдории шаҳрак амалӣ карда мешаванд. Қарорҳои шӯрои шаҳрдорӣ метавонанд аз ҷониби онҳо қатъ карда шаванд. Дар охир, баҳс аз ҷониби суд ҳал карда мешавад. Агар шӯрои шаҳр натавонад корҳои маҳаллиро идора кунад, Президент метавонад ӯро бекор кунад.

**Хизмати давлатӣ дар Фаронса**

Агар шумо сарчашмаҳои Фаронсаро ҷустуҷӯ кунед, хизмати оммавӣ ҳамчун маҷмӯи одамон, ки ба хадамоти ҳукуматӣ, кооперативҳои маҳаллӣ ва агентиҳои маъмурӣ хизмат мекунанд, муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, консепсияи «хизматгорон» ҳамаи онҳоеро, ки дар идораи марказӣ ва маҳаллӣ хизмат мекунанд, муттаҳид месозад. Қонуни Фаронса дар бораи ташкили хизматрасониҳои шаҳрӣ қаламрави кишварро пурра ва дақиқ мекунад. Принсипҳои асосии он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Фаронса дар соли 1958, инчунин дар хусуси Эъломияи инсон ва шаҳрванд дар 1789 ва дар Конвенсияи соли 1946, ки ба Конститутсияи ҳозираи Фаронса дохил карда шудаанд. Муқаррароти муфассали хидматҳои шаҳрвандӣ аз ҷониби қонунгузории умумии хизмати давлатӣ, аз он ҷумла чор қонуни он иборат аст:

- Қонуни 13 июли соли 1983 оид ба ҳуқуқ ва вазифаҳои мансабдорон;

- Санади 11 январи соли 1984, ки дорои муқаррароти Санади умумиҷаҳонии хизмати давлатӣ мебошад;

- Қонуни 26 январи соли 1984, ки дорои муқаррароти хизмати оммавӣ мебошанд;

- Қонуни ҶФ аз 6 январи соли 1986 муқаррароти Санади хадамоти давлатии тиббиро дар бар мегирад.

Қонуни дуюм аввал ба танзими хадамоти шаҳрвандӣ марбут аст. Шартномаи умумии асосӣ барои хизмати давлатӣ дар Фаронса ва ҳамаи кормандон, новобаста аз мансубияти онҳо дар зинаи давлатӣ асос ёфтааст. Илова бар қоидаҳои умумӣ, қоидаҳои махсус вуҷуд доранд, ки истифодаи қонуни умумии ҳайати кормандони муассисаҳои давлатӣ мебошанд. Онҳо қоидаҳои вазифаҳои ҳайати кормандон, шароит ва тарзи қабули онҳо, хидматӣ, пешбарӣ ва супоридани рутбаҳо ва варианти дахлдор, навъҳои гуногуни мансабҳои расмиро сабт мекунанд. Аз тарафи Шӯрои давлатӣ баъд аз машварат бо Шӯрои марказии Хадамоти давлатии марказӣ иҷозатномаи махсус дода мешавад. Як қатор муқаррароти асосӣ дар бораи хизматҳои оммавӣ дар қарорҳои конститутсионӣ ва вилоятӣ мавҷуданд.

Ташкилоти хизматии Фаронса системаи механизми ҷамъоварӣ ва системаи касбӣ ("хадамоти оммавӣ") -ро муттаҳид мекунад. Мутобиқи ин, хизматчиёни давлатӣ ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд:

1) Кормандоне, ки дар муассисаҳои хизмати давлатӣ кор намекунанд - ин кормандон дар асоси шартнома (то се сол) ё (зиёда аз 120 соат дар як моҳ) кор мекунанд;

2) Кормандон, хизматчиён, ташаккул додани шабакаи хадамоти давлатӣ: кормандони мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти марказӣ, шӯъбаҳо, иншоот ва муассисаҳо (ба истиснои ҳайати вакилони парламент ва Суди конститутсионӣ) дар ҳолатҳои марбут ба кормандони мақомоти ҳукумат маъмулан мунтазам рутбаи худро дар бар мегирад.

Хизматчиёни давлатӣ ба чор гурӯҳ (категория) тақсим мешаванд: A, B, C, D. Гурӯҳи A мансабдорест, ки барои эҷоди консепсияҳо ва роҳбарӣ амал мекунад, онҳо бояд таҳсилоти олӣ дошта бошанд. Масъулони B-категорияи ба мафҳумҳои менеҷментӣ машғул мебошанд; таҳсилоти миёна ҳатмист. Сатҳи C ва D вазифаҳои функсионалии техникӣ ва ёрирасонро анҷом медиҳанд (категорияи D қатъ мегардад).

**Адабиёт:**

1.Constitution of the French Republic of October 4, 1958

2. Закон о государственной службе от 13 июля 1983

3.Антонов А.В. Реформа Конституционного совета Франции//Журнал конституционного правосудия, 2011, №2.

4. Акимов Ю.Г., Костюк Р.В., Чернов И.В. Франция в мировом порядке начала XXI века. СПб.2007.с. 51 - 53.

5.Органы конституционного контроля (Проверено 14 апреля 2016)
6. Конституционное (государственное)право зарубежных стран: Часть общая/ Отв.ред. Б.А.Страшны.-3-е изд., обновл, и дораб..-М: 2012

# ВИЖАГИҲОИ ПСИХОЛОГИИ ХАСТАШАВИИ ЭМОТСИОНАЛӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ

***Файзализода Ҷумъахон Хол*** *– д.и.п., проректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33. Тел.: (+992)224-87-96, 918-50-63-24, E-mail: f.jumakhon@mail.ru*

Дар мақола хусусиятҳои психологии хасташавии эмотсионалӣ дар фаъолияти касбӣ, асосҳои бавуҷудоии аломатҳои он, роҳҳои пешгирию бартараф намудани он оварда шудааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки рушди ин нишондиҳандаҳо дар ниҳояти кор ба бухрони касбӣ - асабоният, лоғарӣ ва хастагии эмотсионалӣ боис гардида, самаранокии фаъолияти касбиро коҳиш медиҳад ва шахс дигар наметавонад аз уҳдаи иҷрои вазифаю уҳдадориҳояш бароям.

***Вожаҳои калидӣ:*** *салоҳияти касбӣ, фаъолияти касбӣ, ҳолатҳои ғайримеъёрии меҳнат, масъулиятшиносӣ, асабоният, хавф, зуҳуроти бухрони касбӣ, ҳолатҳои руҳӣ – асабоният, «хасташавии касбӣ», мушкилоти психологӣ, ошуфтаҳолӣ, ғазабнокӣ, безобитағӣ, кашида шудани мушакҳои бадан, фишори рагҳои хунгард, тапиши дил, бемадорӣ*

# ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ЭМОЦИОНАЛЬНОГО ВЫГОРАНИЯ В ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

***Файзализода Джумахон Хол*** *– д.п.н., проректор Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33. Тел.: (+992)224-87-96, 918-50-63-24, e-mail: f.jumakhon@mail.ru*

В статье приведены психологические характеристики эмоциональной выгорании в профессиональной деятельности, основа ее проявлений, способы профилактики и устранения.

Автор подчеркивает, что развитие этих показателей в итоге приведет к профессиональному кризису, раздражительность, разрушение и эмоциональное выгорание, а также, снижению эффективности профессиональной деятельности, и человек больше не сможет преуспеть в выполнении своих обязанностей.

***Ключевые слова:*** *компетентность, профессиональная деятельность, трудовая нагрузка, ответственность, нервозность, тревога, профессиональный кризис, «профессиональное выгорание», разрушение и*

*эмоциональное выгорание, расстройства, возбужденность, гнев, головокружение, слабость*

## PSYCHOLOGICAL FEATURES OF BURNOUT IN PROFESSIONAL ACTIVITY

***Fayzalizoda Jumakhon Khol*** *– Doctor of Pedagogy, Vice-rector of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33. phone: (+992) 224-87-96, 918-50-63-24, E-mail: f.jumakhon@mail.ru*

The article presents the psychological features of burnout in professional activity, the basis of its manifestations, ways of prevention and elimination.

The author emphasizes that the development of these indicators will eventually lead to a professional crisis, irritability, destruction and burnout, and also decrease the effectiveness of professional activity, and a person will no longer be able to succeed in carrying out his duties.

***Key words:*** *competence, professional activity, workload, responsibility, nervousness, anxiety, professional crisis, "professional burnout", destruction and burnout, frustration, excitement, anger, giddiness, weakness*

Вақтҳои охир ислоҳоти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа босуръат давом ёфта, на фақат иқтидори азими рушдёбандаро фаро мегирад, балки солимии ҳамаи иштирокдорони ин равандро ҳифз менамояд. Ба ин ҳамон вақт муваффақ шудан мумкин аст, ки агар ҳар як шахс салоҳияти касбии худро дарк намуда, ҷисман ва руҳан солим бошад, ҳамчунин ба ҳама гуна зуҳуроти манфии марбут ба касбу кор муқовимат ва устуворӣ нишон дода тавонад.

Дар шароити имрӯза иҷрои ин гуна вазифаҳо ҳамоно душвор боқӣ мемонад. Ҳамзамон бо шиддатнокии баланди эмотсионалии фаъолияти касбӣ, ҳолатҳои ғайримеъёрии меҳнат, масъулиятшиносӣ ва мураккабии кору фаъолият, хавфи падид омадани нишонаҳои асабоният меафзояд. Вале, мутаассифона, дар баробари мавҷуд будани технологияҳои баланди самараноки психологӣ-тиббӣ дар ҷаҳон ба ҳифзи саломатӣ, коҳиш додани хавф ва пешгирии зуҳуроти буҳрони касбӣ, хеле камтар эътибор дода мешавад.

Аз ибтидои асри XXI проблемаи солимии руҳӣ ва равонии шахс, ки дар муҳити ноустувор, тағйирёбанда, мураккабу ғайриодӣ фаъолият ва зиндагӣ мекунад, мавқеи мубрам касб мекунад. Баланд шудани таваҷҷуҳ ба инсон, ҳамчун ба субъекти меҳнат диққати пажӯҳишгаронро ҳанӯз аз охирҳои асри гузашта ба худ ҷалб намудааст, ки он дар раванди иҷрои фаъолияти касбӣ зуҳур меёбад.

Дар замони муосир идоракунӣ ба доираи он касбҳое мансуб мешавад, ки бо шиддатнокӣ ва ташаннуҷи ҳолатҳои руҳӣ - асабоният фарқ карда, мубтало ба таъсири хастагии касбӣ мебошад. Дар шароити кунунӣ ҳолати мазкур мақоми ташхисиро касб мекунад. Роҳбари муосир муваззаф аст, вазифаҳоеро ба ҷо оварад, ки аз инсон неруи баланди иҷтимоӣ, сиёсӣ ва тарбиявиро тақозо мекунад. Дарк намудани проблема, ҷустуҷӯи роҳҳои сараманоки фаъолият, истифодаи методҳои муосир, татбиқи ҷанбаҳои инсондӯстона, зарурати омӯзиши басо фаврии тағйирот дар ҷомеа ва доираи иттилоотиро ба вуҷуд меорад, ки онро фақат менеҷери солими дорои салоҳияти касбӣ ва эҷодкор метавонад иҷро намояд. Чунки, солимии рӯҳии тобеон аз саломатии роҳбар вобастагӣ дорад. Мавҷуд будани омилҳои зиёди руҳӣ (объективӣ ва субъективӣ) дар руҳияи шахс дарки рӯзафзуни нохушӣ, коҳиш ёфтани кайфияти ҳол, хира гаштани табъи ӯ ва хастагиҳоро ба вуҷуд меорад.

Ин нишондиҳандаҳо дар ниҳояти кор ба бухрони касбӣ - асабоният, лоғаршавӣ ва хастагии эмотсионалӣ боис гардида, самаранокии фаъолияти касбиро коҳиш медиҳад ва одам дигар наметавонад аз уҳдаи иҷрои вазифаю уҳдадориҳояш барояд. Дар натиҷа, маҳсули кори хешро аз даст дода, муносибати худро ба касби интихобкардааш тағйир медиҳад.

Вақтҳои охир дар бораи чунин зуҳурот, бисёр мегӯянд ва менависанд. Ахиран, дар маъхазҳои илмии соҳа мафҳуми «хасташавии касбӣ» пайдо шуд, ҳол он, ки дар хориҷи кишвар хориқаи мазкур муддатҳо қабл ошкор шуда, тӯли чоряк аср инҷониб мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Падидаи хасташавӣ аз як қатор аломатҳо иборат аст, ки хасташавии касбиро ташкил медиҳанд. Пас, саволе пайдо мегардад, ки аломати мазкур чист ва он чаро пайдо мешавад?

Дар раванди иҷрои ҳама гуна фаъолият одамон мушкилоти ҷисмонӣ ва руҳӣ – равониро эҳсос мекунанд. Андозаи чунин мушкилот метавонад дар намудҳои гуногуни фаъолият ифода ёбад. Ҳангоми мушкилоти начандон вазнин ё гарони якдафъина, ки ба он мунтазам дучор шудан мумкин аст, механизмҳои табиии танзимкунанда ғайриихтиёр вориди амал гардида, организми инсон худ ба худ ин мушкилотро рафъ мекунад. Дар дигар маврид, ҳангоме, ки мушкилот хеле зиёд ва бардавом аст, зарурати истифодаи бошууронаи равишҳо ва методҳои гуногун, ки ба барқароршавии организм ёрӣ мерасонанд, ба миён меояд.

Чуноне ки аксари пажӯҳишгарон ошкор сохтаанд, фаъолияти номуътадили роҳбарон аз бисёр ҷиҳат ба сарбории зиёд - асабоният вобастагӣ дорад [7,19]. Дар ин ҷо на фақат омилҳои ҷисмонии ба шароити кор иртиботдошта дар мадди назар дошта шудааст, балки сухан, пеш аз ҳама, дар хусуси мушкилоти психологӣ ва ташкилӣ меравад.

Зарурати ҳамеша ба кор омода будан, набудани имкониятҳои ба таври дилхоҳ интихоб кардан, аз ҷиҳати эмотсионалӣ худро идора карда натавонистан, аз ҳад зиёд будани робита бо одамон, чунин аст фаъолияти меҳнатие, ки сатҳи хасташавиро метавонад рӯз то рӯз баланд гардонад.

Ҳамчунин метавонад омилҳои зерин ба монанди ошуфтаҳолӣ, ғазабнокӣ, безобитагӣ, таранг шудани мушакҳои бадан, баланд шудани фишори рагҳои хунгард, тапиши дил ва бемадорӣ сабабҳои хасташавии эҳтимолӣ бошад.

Ҳамагон медонанд, ки ҳангоми ба сатҳи муайян расидани хасташавӣ, организми инсон кӯшиш менамояд худро ҳифз намояд [2,88]. Чунин ҳолат вобаста ба майлу хоҳиш ғайриихтиёрӣ (ё бошуурона) бо мақсади як навъ сипарӣ намудани вақт бо зердастон, ё «аз сар соқит кардан»-и ин ё он амал мебошад.

Айни замон пӯшида нест, ки роҳбар шахси асосӣ дар раванди истеҳсолот маҳсуб ёфта, дар ин раванд нақши ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, проблемаи некуаҳволии психологии ӯ яке аз проблемаҳои хеле муҳими замони муосир ба шумор меравад. Дар робита ба ин, омӯзиши хориқаи хасташавӣ ҳамчун зуҳуроти психологӣ, ки ба солимии руҳӣ ва ҷисмонии мутахассисон таъсири манфӣ мерасонад, аз аҳамият холӣ нест.

Ин «беморӣ» ҳанӯз дар ибтидои солҳои 50-уми асри XX кашф гардида, муддати тӯлонӣ шакли таҳқиқнашудаи сирояти вирусӣ ҳисоб мешуд.

Баъдтар бархе аз табибон ба таъсири ин «вирус»-и нави иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Дар натиҷа маълум мегардад, ки тақрибан 75 фоизи гирифторони ин беморӣ ба шахсони бо ном «гиребонсафед», ё аъзоёни оилаҳои онҳо тааллуқ дорад. Ҳамчунин маълум мегардад, ки аз ҳама бештар аз ин беморӣ намояндагони касбу кори мансуб ба хизматрасонӣ ва роҳбарони ширкатҳо сироят меёфтаанд.

Гарчанде дар ин маврид олимон дар бораи вижагиҳо ва пайдоиши аломатҳои хасташавии давомноку музмин ба хулосаи ягона наомада бошанд ҳам, вале сабабҳои пайдоиш (сарбории аз ҳад зиёди касбӣ) ва афзоиши теъдоди сироятёфтагонро муайян карда тавонистаанд.

Мафҳуми «хасташавӣ» бори нахуст дар адабиёти илмӣ аз тарафи руҳшиноси амрикоӣ Герберт Фрейденбергер (1974), ҳамчун аломати ноуҳдабароӣ ба рафъи асабоният истифода шудааст [5,212].

Олими дигари амрикоӣ Кристина Маслач (1976) хасташавиро ҳамчун аломати заифии эмотсионалӣ, дар муносибат ба корафтодагон пешниҳод мекунад. Ӯ дар рисолааш менависад, ки «одамони дар соҳаҳои хизматрасонӣ фаъолияткунанда, вобаста ба шароити касбиашон ноилоҷ вақти зиёди худро дар муоширати бо шахсони дигар мегузаронанд, ки боиси рушди муносибатҳои манфӣ мегарданд» [4,7].

Консепсияи А. Пайнас барои таҳқиқоти мафҳуми хасташавӣ мавриди таваҷҷуҳи хос мебошад; ӯ мавзуъро дар ҷанбаи дигар, ҳамчун натиҷаи раванди мунтазами ноумедӣ дар ҷустуҷӯи маънии зиндагӣ, дар заифии ҷисмонӣ, эмотсионалӣ ва психологӣ маънидод мекунад, ки ба тамоми касбҳо хос аст [2,105].

Психотерапевти рус Виктор Василевич Бойко мафҳуми хасташавии эмотсионалиро чунин маънидод менамояд: «ин механизми ҳифзи

психологист, ки худи организми инсон дар шакли истиснои пурра ё қисман ҳангоми аз кор бозмондани ҳиссиёт дар ҷавоб ба таъсири зарби руҳӣ ба вуҷуд овардааст» [1, 99-105]. Ин механизм, аз як тараф, одати эмотсионалӣ ва бештар аз ҳама, рафтору кирдори касбиро ифода мекунад ва ба шахс имкон медиҳад, ки захираҳои иқтидори худро дар ҳадди меъёр сарфакорона истифода барад, аз тарафи дигар, хасташавӣ ба иҷрои кор ва муносибат ба одамон таъсири манфӣ мерасонад.

Хасташавии касбӣ – ин аломатест, ки дар заминаи асабонияти доимӣ рушд ёфта, захираҳои иқтидори эмотсионалӣ ва эҷодии шахси фаъолияткунандаро коҳиш медиҳад.

Аломати хасташавии касбӣ хавфноктарин бемории кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, менеҷерҳо, табибон, рӯзноманигорон, тоҷирон, сиёсатмадорон, омӯзгорон, психологҳо - ҳамаи он ашхосе, ки маҳз бо одамон сару кор доранд, мебошад.

Аз рӯйи ақидаи олими рус Н. Е. Водопянова, хасташавии эмотсионалӣ – ин вокуниши асабонияти тӯлониест, ки дар натиҷаи стресси касбии бардавоми дорои таъсирнокии миёна ба амал меояд. Чунин хасташавиро метавон, ҳангоми тағйири шакл намудани шахс, ки дар зери таъсири стресси касбӣ рух медиҳад, баррасӣ намуд [3,13,16].

Ҳолатҳои хасташавии эмотсионалиро, одатан, ба ҳиссиёт, андеша ва амал ҷудо мекунанд:

✓ Ҳиссиёт: хастагӣ аз ҳама чиз, рӯҳафтодагӣ, бепаноҳӣ, хоҳиш надоштан, тарс аз иштибоҳ, тарс аз ҳолатҳои номуайяни беназорат, тарси ба назар камқувват намудан, ноқобилӣ.

✓ Андешаҳо: оид ба беадолати нисбат ба худ, мавқеи шоиста надоштан дар ҷомеа, аз ҷониби атрофиён баҳои сазовор нагирифтан ба саъю кӯшиши худ, оид ба ноқобилии худ.

✓ Амал: танқид нисбат ба худ ва атрофиён, кӯшиши ба назар аён шудан ё баръакс, аз назарҳо дур мондан, кӯшиши хуб ба анҷом расонидани кор ё баръакс, тамоман кор накардан.

Албатта, тавсифномаи муайяни шахсиятро ҳамчун омили хавфноки бавуҷудоии хастагии эмотсионалӣ номидан мумкин аст.

Омили муҳимтаринро мумкин аст, коҳиш ёфтани шаъну эътибори худ номид. Бинобар ин, барои чунин одамон стресс як навъ муқоисаи ҳолатҳои иҷтимоӣ мебошад. Зоҳиран, он ҳамчун нишонаи қаноатманд набудан аз мақоми худ, пинҳон накардани қаҳру ғазаб (ва ҳатто рашку ҳасад) нисбат ба шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ муваффақ ифода меёбад. Муваффақиятҳои онҳо ҳамчун ҳодисаи тасодуфӣ маънидод карда мешавад, ба он маъно, ки гӯё онҳо худро ба дигарон муқоиса кардан намехоҳанд.

Дар аксари мавридҳо бинобар сабаби беэҳтиромӣ, дар одамон хоҳиши бештар меҳнат кардан, маромҳои баланди комёбиҳо (то ба дараҷаи камолот), саъю кӯшиши ҳама вақт нисбат ба дигарон беҳтару хубтар кор кардан пайдо мешавад. Ҳама гуна коҳиш ёфтани натиҷаи

меҳнат, ҳатто бо сабабҳои объективӣ низ, метавонад вокуниши манфиро ба вуҷуд оварда, аз ғаму ташвиши худ, то ҷустуҷӯи шахсони гунаҳкор ва нисбат ба ӯ равона кардани қаҳру ғазаб.

Хусусияти навбатӣ - ин майл доштан ба бемамониатӣ, яъне дар ҷаҳони ботини худ бемалол равона намудани самти манфиатҳо мебошад. Зоҳиран, он ҳамчун эмотсияи махфӣ ва ба расмият даровардани робитаҳо зоҳир мегардад. Ҳама гуна вазъияте, ки шахсро аз нақши худ берун мебарорад, ҳаяҷони ситезанок (ҳатто агрессия)-ро ба вуҷуд меорад.

Чун қоида, ин одамон бо душвории зиёд нақшаҳои ҳаётӣ ва қолабҳои рафтори худро тағйир медиҳанд, аз ин рӯ, онҳо хеле кам метавонанд мустақилона аз уҳдаи ҳалли проблемаҳои хасташавии эмотсионалӣ бароянд ва марҳилаи охирини рушди ин хасташавӣ метавонад ин ё он бемории руҳӣ гардад.

Умуман, дар адабиёти махсус ба забони англисӣ то соли 1982 беш аз ҳазор мақола оид ба хасташавии эмотсионалӣ мунташир шуда бошад ҳам, ҳамаи онҳо асосан хусусиятҳои тавсифотӣ ва тасодуфӣ доштанд.

То имрӯз нуқтаи назари ягона оид ба моҳияти хасташавии руҳӣ ва сохти он мавҷуд нест. Назар ба маълумоти муосир, мафҳуми «хасташавии руҳӣ» ҳолатҳои ҷисмонӣ, эмотсионалӣ, заифии ақл, ки дар муҳити корӣ зоҳир мешаванд, ифода мекунад. Ин аломатҳо назар ба ақидаи Кристина Маслач, аз се қисми асосӣ иборат аст: заифии эмотсионалӣ, харобшавии худогоҳӣ ва коҳиш ёфтани муваффақиятҳои касбӣ [4,8].

Мафҳуми заифии (харобии) эмотсионалӣ чунин маънидод мешавад: дарки холигии эмотсионалӣ ва хасташавӣ аз фаъолияти шахсӣ.

Харобшавии худогоҳӣ бошад, муносибати хунукназарона нисбат ба меҳнат ва коргоҳи худ мебошад. Дар муҳити иҷтимоӣ ин мафҳум муносибати бераҳмона ва ғайриинсониро нисбат ба он мизоҷоне, ки барои муолиҷа ё машварат омадаанд, ифода мекунад. Муносибат бо корафтодагон сохтакорона, бемасъулиятона сурат мегирад; дар аввал муносибати хунукназарона метавонад равшан ошкор нагардад ва дар қаҳру ғазаби ботинӣ ниҳон бимонад, вале бо мурури замон ин қаҳру ғазаб метавонад ба берун ҷаҳида, низоъ ва ихтилофотро барангезад.

Умуман, коҳиш ёфтани муваффақиятҳои касбӣ дар кормандон пайдо шудани идроки бемасъулиятӣ ба муҳити корӣ ва эътирофи нобарориҳо мебошад.

Ҳамин тавр, хасташавииии эмотсионалӣ ҳамчун бухрони касбие мебошад, ки на фақат ба муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар ҷараёни фаъолият, балки дар маҷмӯъ бо худи фаъолияти меҳнатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Чунин маънидод боиси ворид намудани баъзе тағйирот ба ҷузъиёти асосии ин мафҳум мегардад, ба монанди заифии эмотсионалӣ, самаранокии касбӣ. Бо дарназардошти ин, мафҳуми (харобшавии худогоҳӣ) маънои хеле васеъ дошта, муносибати манфиро на фақат ба корафтодагон, балки умуман ба меҳнат ва ашёи корӣ ифода мекунад

**Адабиёт:**

1. Бойко В.В. Синдром «эмоционального выгорания» в профессиональном общении [Текст]/ Бойко В.В.– СПб.: Питер.- 1999. - С.99-105.
2. Бойко В.В. Энергия эмоций в общении: взгляд на себя и других [Текст] /Бойко В.В. – М.: Наука, 1997. – С.115-154.
3. Водопьянова Н.Е., Старченкова Е.С. Синдром выгорания: диагностика и профилактика [Текст] / Водопьянова Н.Е. – СПб.: Питер, 2005. - С. 212
4. Маслач К. Профессиональное выгорание: как люди справляются [Текст]: Статья 1978.
5. Селье Г. Стресс без дистресса [Текст]/Селье Г.- М.,1982.-С.212
6. Селье Г. Некоторые аспекты учения о стрессе [Текст]: Общая психология: сборник текстов /Айсмонтас Б.Б. - М.: Наука, 2003. - С. 150-153.
7. Скугаревская М.М. Синдром эмоционального выгорания [Текст]: Медицинские новости. 2002. - №7. - С.22-25..

# ТАШАККУЛЁБИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

***Носиров Миршароб Сангинович*** *– мудири бахши табъу нашри Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992) 939 996 092*

***Ғаюров Фаридун Зоирхонович*** **-** *донишҷӯи соли дуюми факултети идоракунии давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992) 93 768 88 82.*

Сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон имрӯз яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад. Муаллифон дар мақола масъалаҳои ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавононро дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди баррасӣ қарор додаанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *ташаккулёбӣ, сиёсат, ҷавонон, истиқлолият, паёми Президент.*

# ФОРМИРОВАНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ МОЛОДЕЖИ В НЕЗАВИСИМОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

***Носиров Миршароб Сангинович*** *– заведующий сектором печати Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992) 939 996 092*

***Гаюров Фаридун Зоирхонович*** **-** *студент второго курса факультета государственного управления Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г.Душанбе, ул.Саида Носира 33. тел.: (+992) 93 768 88 82.*

Государственная молодежная политика в Таджикистане является на сегодня одной из основных направлений государственной политики. В статье авторы затрагивают задачи формирования государственной молодежной политики в годы независимости в Республике Таджикистан.

***Ключевые слова:*** *формирование, политика, молодежь, независимости, демократия, послание Президента.*

# FORMATION OF STATE POLICY OF YOUTH IN INDEPENDENT TAJIKISTAN

***Nosirov Mirsharob Sanginovich*** *- Head of the printing sector of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 939 996 092*

***Gajurov Faridun Zoirkhonovich*** *– a second year student of the faculty of public administration of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str. 33. phone: (+992) 93 768 88 82.*

State youth policy in Tajikistan today is one of the main directions of state policy. In the article the authors touch upon the tasks of forming the state youth policy in the years of independence of the Republic of Tajikistan.

***Keywords:*** *formation, politics, youth, independence, democracy, the message of the President.*

Сиёсати давлатии ҷавонон яке аз самтҳои калидии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегардад. Зеро ҷавонон табақаи ҳассоси ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд. Аз ин рӯ, кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон ба ин қишри ҷомеа дар сиёсати давлатии худ таваҷҷуҳи асосиро равона месозанд. Дар ҳар давру замон ҷавонон як нерӯи ниҳоят пурарзиш ва тавонову бунёдкор ва пешбарандаи ҳаёти ҷомеа шинохта ва эътироф гаштаанд.

Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон такя намуда, онҳоро умеди фардо, захираи тиллоӣ ва стратегии давлату миллат арзёбӣ намуда, ҳамеша хотиррасон менамояд, ки ояндаи дурахшони мамлакат ба ҷавонон вобастагии ногусастанӣ дорад[12].

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон Ҳукумати мамлакат ба сиёсати давлатии ҷавонон диққати асосии худро равона намуд. Бояд иброз намуд, ки сиёсати давлатии ҷавонон яке аз самтҳои асосии сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро беш аз 70% аҳолии мамлакатро насли ҷавон ташкил медиҳад.

Дар давраи нави таърихӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии ҷавонон диққати хосса дода, дар самти таҳияву татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба ҳаёти ҷавонон тадбирҳои судманд меандешад. Бахусус, пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» моҳи марти соли 1992 дар роҳи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон аз қабили таъсиси мақомоти ваколатдор дар соҳаи кор бо ҷавонон, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташкили стипендияи президентӣ ва идрорпулии раисони вилоятҳо ва

шаҳру ноҳияҳо, таъсиси марказҳои ҷавонон, ҷоизаҳои мухталиф барои олимони ҷавон ва варзишгарон ва амсоли онҳо рӯйи кор омаданд[10].

Ҳамзамон қонуни мазкур ба ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ибтидо гузошта, ҳалли масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои насли наврасро дар шароити муосир амалӣ намуд. Дар қонуни мазкур қайд гардидааст, ки «Сиёсати давлатии ҷавонон – бахши ҷудонопазири сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз системаи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқие иборат мебошад, ки онҳоро мақомоти давлатӣ бо мақсади фароҳам овардани шароиту кафолатҳо барои ташаккули иҷтимоию инкишофи ҷавонон ва ҳарчи бештар амалӣ гардидани нерӯи эҷодии онҳо барои манфиатҳои тамоми ҷамъият татбиқ менамояд»[1]. Баъд аз 12 сол ин қонун дар таҳрири нав қабул карда шуд[2].

5-уми октябри соли 1998 тадбири дигари муҳими вобаста ба ҷавонон ин қабул ва амалӣ намудани Барномаи миллии Ҷавонони Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1999-2000 ба ҳисоб мерафт. Барномаи мазкур яке аз барномаҳои нахустин дар самти ҷавонон баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ дар давлатамон буд. Ин барнома самтҳои муҳимми сиёсати ҷавононро бо дарназардошти талабот ва зарурати вусъати фаъолияти соҳа тарҳрезӣ менамуд. Дар радифи он метавон масъалаи мустақилияти иқтисодии ҷавонон ва рушди соҳибкории онҳо, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, дастгирии ташаббуси иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, мусоидат ба рушди ҳаракати ҷамъиятии ҷавонон, ташаккули сайёҳӣ ва тарзи ҳаёти солим дар миёни насли наврас ва дигар мушкилоти ҷавононро мисол овард.

Баъдан низ аз ҷониби Ҳукумати кишвар Барномаи миллии Ҷавонони Тоҷикистон (барои солҳои 1999-2000, 2001-2003, 2004-2006, 2007-2009 ва 2010-2012) қабул гардид[11]. Ин раванд баъд аз соли 2012 низ аз ҷониби Ҳукумати кишвар идома дода шуд.

Ҳадафи асосии барномаҳои мазкур беҳтар намудани шароити иҷтимоӣ ва зисту зиндагонии ҷавонон, паст намудани сатҳи бекорӣ, пешгирии падидаҳои номатлуб дар байни ҷавонон, пешгирии вайроншавии оилаҳои ҷавон, таъмини саломатии ҷавонон, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва пешгирии падидаҳои номатлуб, тақвият бахшидан ба раванди тарбияи ватанпарастии ҷавонони ҷумҳурӣ, баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ҷаҳонбинии солим, зиракии сиёсиву маърифати насли ҷавон дар самти масъалаҳои гендерӣ, муҳоҷират, ҷинояткориву танзими оила ва расму ойин нигаронида шудааст.

Дар ин замина, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия гардид, ки 3-уми июни соли 2006 ба тасвиб расид[9]. Мувофиқи консепсияи мазкур механизмҳои меъёрию ҳуқуқии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон муайян гардида, асосҳои таъмини методологӣ, ташкилӣ ва иттилоотии он ташаккул дода шуд. Қайд кардан

бамаврид аст, ки аз соли 1991 то соли 2014 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати давлатии ҷавонон зиёда аз 20 қонуну фармонҳо, қарорҳо ва дигар санадҳо қабул гардид[6]. Баъд аз соли 2014 низ Ҳукумати кишвар сиёсати давлатии ҷавононро дар меҳвари худ қарор дод.

Дар қатори санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ яке аз дастовардҳои муҳим ва ҳассос дар ҳаёти ҷавонони кишвар, ин вохӯрӣ ва ғамхории падаронаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонон буд. Дар вохӯриҳои худ бо ҷавонони кишвар, муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҷавононро мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Нахустин вохӯрии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон 2-юми феврали соли 1993 бо ҷавонони кишвар хотирмон боқӣ мемонад. Зеро, мулоқот дар даврае баргузор гардид, ки дар мамлакат оташи ҷанги шаҳрвандӣ фурӯзон буд ва иддае аз ҷавонон тақвиятбахшандаи алангаи ин оташ буда, ба ҳар гуна гурӯҳҳои тундгарову иғвоангез шомил мешуданд. Роҳбари давлат дар суханронии пурмуҳтавояш қайд намуд, ки: «Имрӯз дар ин толор аз чеҳраи кушодаи шумо гармии чеҳраи ҷавонони ҷумҳуриро эҳсос мекунам. Мақсад доштам, қаблан бо падарону пирони барнодили рӯзгордида мулоқоте доир намоям, чунки онҳо зиндагиву ҳастии худро барои обод намудани ҷумҳурӣ сарф кардаанд. Аммо шумо ақидаамро дигар карда, маро водор сохтед, ки аввал бо шумо вохӯрӣ намоям. Ин мулоқот бо ҷавонони худогоҳу бедордил ҳиссӣ ватандориро боло бардошта, онҳоро дастаҷаъмона дар баробари дигар қишрҳои ҷомеа барои таҳкими истиқлолияти давлатӣ, аз вартаи нобудшавӣ баровардани миллату давлат, бунёди ҷомеаи демократӣ равона намуд».

Вохӯрии дуюми Роҳбари давлат бо намояндагони ҷавонони кишвар 17-уми марти соли 1994 баргузор гардид. Дар мулоқот аслан ба масъалаҳои оқибатҳои мунoқишаҳои ҷанги шаҳрвандӣ, огоҳонии ҷавонон аз хатогиҳои гузашта ва муттаҳидии онҳо дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ, ташаккул ёфтани ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, сохтмони давлати демократию дунявӣ ва ҳуқуқбунёд, риояи урфу одатҳо, анъанаҳо ва суннатҳои дини мубини ислом, риояи Конститутсияи ҷумҳурӣ ва дигар қонунгузории ҷорӣ, гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ, ҷалб ба созмони ҷавонон ва фаъол намудани иштироки насли наврас дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар, омӯзиши илму ҳунар, ихтисосҳои нав ва техникаи ҳозиразамон ба ҷавонон, дастгирии кӯдакони бепарастор ва мактаб-интернатҳо, таъмини ҷавонон бо манзили истиқоматӣ ва рушди сиёсати демографӣ, мубориза алайҳи ҷинояткорӣ, дуздию ғоратгарӣ ва нашъамандии ҷавонон, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва ахлоқии ҷавонон таваҷҷуҳи махсус дода мешуд. Дар натиҷа пас аз вохӯрии мазкур таваҷҷӯҳ нисбат ба насли ҷавони кишвар зиёдтар гашта, барои таъсиси ҳаракатҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон заминаи мусоид фароҳам гашт.

Вохӯрии сеюм бо ҷавонони кишвар 23-уми майи соли 1997 дар арафаи рӯйдоди муҳим ва сарнавиштсози таърихи кишвар – ба имзо расидани

Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (27-уми июни соли 1997) баргузор гардид. Дар рафти он кӯшишу талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми ҷавонони мамлакат дар мавриди ба даст овардани ризоияти миллӣ ва сулҳу субот баррасӣ гардида, зарурати ташаккули имконоти васеи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсӣ барои ҷавонон таъкид гардид. Сарвари давлат таъкид кард, ки пас аз ба даст овардани истиқлолият дар кишвар 16 ташкилоту созмонҳои гуногуни ҷавонон ташкил ёфтанд. Ин ташкилот, аз қабили Иттифоқи ҷавонон, Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавон, Ҷамъияти ҷавонони эҷодкор, Ҷамъияти экологони ҷавон ва ғайра буданд. Қайд карда шуд, ки нақши созмону ташкилоти ҷавонон дар боло рафтани сатҳи фарҳанги умумӣ ва сиёсии насли наврас басо сазовор мебошад. Дар мулоқот инчунин, ба масъалаҳои рушди сиёсати кадрӣ, бо кор таъмин намудани ҷавонони бекор, ки теъдодашон ба 32 ҳазор расида буд, рушди соҳибкорӣ миёни ҷавонон, саҳми ҷавонон дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, ислоҳоти соҳаи маориф, ба илму ҳунаромӯзӣ ҷалб гардидани насли ҷавон, таҳсили духтарон, танзими оила, паст гардидани сатҳи ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ миёни ҷавонон, тарбияи ҷавонон дар руҳияи суннатҳои ахлоқӣ, аз худ кардани таърих, адабиёт ва фалсафаи халқи худ, тақвияти сулҳу ваҳдат ва ғайра таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда шуд. Дар асоси дастуру супоришҳои Роҳбари давлат дар васоити ахбори оммаи кишвар як қатор барномаҳои телевизиониву мақолаҳои рӯзмара ба таъб расиданд[5].

Мулоқоти навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон 16-уми майи соли 1998 бо ҷавонони лаёқатманд баргузор гардид. Дар рафти вохӯрӣ андешаҳо оид ба роҳи интихобгардидаи инкишофи мамлакат, дурнамои оянда ва вазифаҳои насли ҷавон дар ин росто баргузор гардид. Зеро зарур буд, ки ҷавонон дигаргунсозиҳои сохтори идорӣ ва ҷамъиятӣ, ташаккули пойдевори устувори давлатдорӣ ва рушду такомули онро дарк ва дастгирӣ намоянд. Бо истеъдоду лаёқати худ дар пешбурди илму техника саҳми сазовори худро гузоранд. Маҳз пас аз ҳамин мулоқот бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон дар соҳаи илм ва техника таъсис ёфт. Аз ҳамин сол ба баъд барои ихтирооти барҷастаи олимони ҷавон 6 ҷоиза ба маблағи 500 каратаи андозаи маоши ҳадди ақал мунтазам ҳар сол таъмин мегардад[8].

Дар мулоқот Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки «Ҷавонон бояд сабақҳои истиқлолиятро ҳаматарафа омӯзанд, аз равандҳои солиму носолими сиёсати имрӯз огоҳ бошанд, таърихи гузаштаву ҳозира халқи худро баргашта варақ зананд ва аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор намоянд» [4].

Таъкидҳои эшон ба он равона гардида буд, ки ҷавонон ҷиҳати мустаҳкам намудани истиқлолияти комили сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ иштироки фаъол дошта бошанд ва ба ҳар гуна ҳаракатҳои иртиҷоӣ шомил нагарданд, аз нуқтаи назари сиёсӣ зираку доно бошанд ва Ватанро обод

созанд. Дар радифи ин дастуру супоришҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми октябри соли 1998, №400 Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 1999-2000 қабул гардид. Мувофиқи барнома бояд ҳамасола бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон 23-уми май дар саросари кишвар тадбиру чорабиниҳо таҳти унвони Ҳафтаи ҷавонон, Даҳаи ҷавонон ва ё Моҳонаи ҷавонон қайд гардида, садҳо чорабиниҳои маърифатию фарҳангӣ, илмӣ-амалӣ ва варзишию оммавӣ баргузор гардида, ҳазорон ҷавонон бо фароғат ва шуғлҳои гуногун фаро гирифта мешуданд[4].

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми январи соли 2016 Роҳбари давлат иброз дошт: «Мо бояд барои ҷавонон чунин шароите муҳайё созем ва онҳоро тарзе тарбия кунем, ки фарзандони мо дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб намоянд, илму донишҳои муосирро азхуд кунанд, касбу ҳунарҳои замонавиро омӯзанд ва оянда мақоми арзандаи худро дар ҷомеа соҳиб шаванд. Мо бо ҷавонони созандаи худ ифтихор мекунем, чунки ҷавонони даврони соҳибистиқлолии Ватанамон имрӯз бо нангу номуси миллӣ, ташаббусҳои шоиста ва эҳсоси баланди ватандорӣ дар рушди Тоҷикистони азиз ҳиссаи арзишманд мегузоранд ва ба Модар – Ватани худ содиқона хизмат мекунанд. Дар ин росто, кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ ва дигар сохтору мақомоти дахлдор, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ба масъалаи истифодаи самараноки нерӯи созандаи ҷавонону бонувон, тарбияву интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ аз ҳисоби ҷавонону духтарон, бонувони лаёқатманд ва донишманду соҳибмаърифат, инчунин ташвиқи онҳо ба донишандӯзӣ, азхуд кардани касбу ҳунарҳои замонавӣ ва ташвиқи тарзи ҳаёти солим эътибори аввалиндараҷа диҳанд»[13].

Дар Паёми имсолаи худ низ Пешвои миллат оид ба ҷавонон чунин андеша иброз дошатанд: «Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли ҷавонон эълон карда шавад»[14].

Ҳамин тариқ, ҷавонони имрӯзаи Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром нисбат ба забону фарҳанги худ бояд доимо ҳушёру зирак бошанд. Дар баробари ин ҷавонони мо имрӯз маърифату ҷаҳонбинӣ, сатҳи тафаккур, одобу ахлоқи худро боз ҳам аз ҳарвақта дида бештар ривоҷу равнақ бахшанд. Онҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ номбардори давлату меҳан ва руҳи гузаштагони худ бошанд.

**Адабиёт:**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон” аз 13 марти соли 1992 (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1992, № 9, моддаи 123)

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №7, мод.459 соли 2011, №6, мод.429, соли 2014, №11, мод.670 )

3. Ҳасанов Ш. Сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон / Ш. Ҳасанов, Н. Буриев. -Душанбе: ЭР-граф, 2012. -С. 24.

4. Эмомалӣ Раҳмон. Ҷавонон ояндаи миллат / Р.Эмомалӣ. -Душанбе: Ирфон, 1998.-100 с.

5.Мирзоев А. Вохӯрии Сарвари давлат бо ҷавонони кишвар/ А. Мирзоев.// Ҷавонони Тоҷикистон. -1998. -29 май. - С. 8.

## ИДОРАКУНИИ ТАВАККАЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ВА ОМИЛҲОИ БА ОН ТАЪСИРРАСОНАНДА

**Маҳмадиева Гулнора** - *ассистенти кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва молияи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992) 559 002 543*

Дар мақолаи мазкур ҷабҳаҳои назариявии фаъолияти инноватсионӣ, самтҳои асосии фаъолияти илмӣ-техникӣ ва омилҳои ба ҷараёни фаъолияти инноватсионӣ таъсиррасонанда баррасӣ гардидаанд. Инчунин, шаклҳои самараноки ташкили ин ҷараёнҳо ва рушди фаъолияти инноватсионӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Вожаҳои калидӣ:** *идоракунии таваккалҳо, масъалаи мубрам, фаъолияти инновационӣ, муассисаи молиявӣ, идоракунии стратегӣ, сиёсати ягона, рақобатнокии корхона, асосҳои ниҳодӣ*

## УПРАВЛЕНИЕ РИСКАМИ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ФАКТОРОВ, ВЛИЯЮЩИХ НА НЕГО

**Махмадиева Гулнора** - *ассистент кафедры управления экономикой и финансами Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, улица Саида Носира 33, тел.: (+ 992)559 002 543*

В данной статье рассматривается теоретические аспекти инновационной деятельности, основние направления научно-технической деятельности и факторов влияющих на инновационную деятельность. Также, анализуруются эффективные формы этих течений и развитие инновационной деятельности.

**Ключевые слова:** *управление рисками, актуальная проблема, инновационная деятельность, финансовое учреждение, страгетическое управление, единая политика, конкурентоспособность предприятий, институциональная основа*

## RISK MANAGEMENT OF INNOVATIVE ACTIVITY AND FACTORS INFLUENCING IT

**Mahmadiyeva Goulnora** - *Assistant of the Department of Economics and Finance Management of the Institute of Public Administration under the President*

*of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str.,33, phone: (+ 992) 559 002 543*

The theoretical aspects of innovative activity, the main directions of scientific and technical activities and factors influencing the innovation activity are considered in the article. Moreover, the effective forms of these trends and the development of innovation activity are analyzed by the author of this article.

***Keywords:*** *risk management, topical problem, innovative activity, financial institution, strategic management, unified policy, enterprise competitiveness, institutional basis*

Идоракунии фаъолияти инноватсионӣ барои ҷомеаи илмӣ ва доираҳои соҳибкории кишвари мо мафхуми нисбатан нав ба ҳисоб меравад. Дар айни замон кифоя набудани инноватсия, ки ба тезонидани дигаргунсозихои иқтисодӣ бояд мусоидат намояд, эҳсос ва мушоҳида мешавад. Ба ивази як шакл ва методи ифодаи иқтисодӣ шаклу методи дигари он пеш меояд. Бинобар ин, бо фаъолияти инноватсионӣ бояд ҳамаи ташкилот, субъектҳои бозор, муассисаҳои давлатӣ, ширкатҳо, корхонаҳои тиҷоратии хурду миёна, ташкилоти таҳқиқотӣ, муассисахои молиявию қарзӣ ва ғайра машғул шаванд.

Идоракунии фаъолияти инноватсионӣ бояд ҳамчун яке аз самтҳои идоракунии стратегӣ мавриди баррасӣ қарор гирад. Ҳадафи он муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти илмӣ-техникӣ ба ҳисоб меравад.

Омилҳои иқтисодӣ, ташкилию идоравӣ, хуқуқӣ, иҷтимоию равонӣ, ки ба ҷараёни инноватсионӣ ва ба шаклҳои самараноки ташкили ин ҷараёнҳо таъсир мерасонанд, моҳияти менеҷменти инноватсиониро муайян месозанд.

Идоракунии фаъолияти инноватсионӣ - ин идораи истифодаи амалии натиҷаҳои илмӣ, илмӣ-техникӣ ва иқтидори зеҳнӣ (интеллектуалӣ) бо мақсади дарёфти натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ ва қонеъгардонии талаботи бозор ба ҳисоб меравад.

Идоракунии фаъолияти инноватсионӣ яке аз самтҳои идоракунии стратегӣ ба шумор меравад, ки он дар сатҳи баланди роҳбарии корхона амалӣ мегардад. Ҳадафи он муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти илмӣ-технологӣ ва истеҳсолии корхонаҳо дар самтҳои зерин ба ҳисоб меравад:

- истеҳсол ва ҷорӣ намудани маҳсулоти нав, методҳои истеҳсолот;
- модернизатсия ва такмили маҳсулоти истеҳсолшаванда;
- рушди минбаъдаи истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот.

Татбиқи методи инноватсионӣ дар корхона ба таври умумӣ амалишавии тадбирҳои зеринро тақозо мекунад:

- тартиб додани нақша ва барномаҳои фаъолияти инноватсионӣ;

- мушоҳидаи ( назорати) ҷараёни баровардани маҳсулоти нав ва ҷорӣ намудани он;
- баррасии лоиҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти нав;
- роҳандозӣ ва пешбурди сиёсати ягонаи инноватсионӣ;
- таъминоти барномаҳои фаъолияти инноватсионӣ бо захираҳои молиявӣ ва моддӣ;
- таъмини фаъолияти инноватсионӣ бо ҳайати кормандони баландихтисос;
- таъмини иттилоотии фаъолияти инноватсионӣ.

Иқтисодиёти мамлакат ба марҳилаи нав, мураккаб ва мухталифи рушд, ки дар он тамоюли азнавсозии илмӣ- технологӣ аҳамияти бузургро доро мебошад, ворид мешавад. Азнавсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар мамлакат, бидуни таъмини рушди фаъолияти инноватсионӣ соҳаҳои иқтисодиёт, ба пастшавии суръати рушди иқтисодӣ, ба пастравии дараҷаи рақобатнокии корхонаҳо боис мегардад. Зарурати қабули чораҳои мушаххас барои фаъолсозии фаъолияти инноватсионии субъектхои бозор бараъло намоён мешавад.

Ташкили низоми ҳавасмандсозии фаъолгардонии фаъолияти инноватсионии корхонахо роҳи асосии стратегияи гузаронидани иқтисодиёт ба шакли рушди фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

Боло бурдани самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳо бо роҳҳои зерин ба даст оварда мешавад:

Якум, бо роҳи ба вуҷуд овардани ниҳодҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ, ки ташаккули афзалиятҳои рушди инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсиониро таъмин месозанд. Дар айни ҳол захираҳои илмӣ-технологие, ки барои ноил гаштан ба мақсади дар пеш истода заруранд, комилан баҳогузорӣ карда мешаванд;

Дуюм, мустаҳкам намудани иқтидори илмӣ-технологии мамлакат бо роҳи фаъолсозии фаъолияти корхона ва ташкилотҳо;

Сеюм, ташаккули асосҳои ниҳодии (институтсионалии) барқароршавии бозори миллии инноватсияхо.

Нуқтаи назари мазкур бояд қисми ҷудонашавандаи стратегияи гузариши иқтисодиёти миллӣ ба самти рушди фаъолияти инноватсионӣ гардад.

Амалисозии стратегияи гузариши иқтисодиёти миллӣ ба самти рушди фаъолияти инноватсионӣ бояд дар асоси таҷрибаи ҳавасмандсозии андозии рушди инноватсионии корхонаҳо ба роҳ монда шавад. Аз ин рӯ, такмили низоми тайёркунии кадрҳо, ташаккули самараноки инфрасохтори инноватсионӣ ва истифодаи оқилонаи иқтидори зеҳнӣ яке аз масоили мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб мераванд.

Барои ин зарур аст, ки:

• якум, стратегияи рушди фаъолияти инноватсионии мамлакат тартиб дода шавад;

• дувум, шароити мусоид барои рушди фаъолияти инноватсионӣ фароҳам оварда шавад;

• сеюм, баланд бардоштани самаранокии манбаъҳои ақлонӣ ба ҳисоб гирифта шавад;

• чорум, низоми бонкии қарздиҳии рушди фаъолияти инноватсионии сармоягузорӣ, ки лоиҳаҳои инноватсиониро мувофиқ ва амалӣ месозанд, такмил дода шавад.

Самаранокии ташкили низоми тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси мутаххасисонро дар кишвар аз бисёр ҷиҳатҳо амалигардонии чораҳои комплексӣ оид ба муносибгардонии барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ, методҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисосро дар мактабҳои олӣ муайян менамояд.

Мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти инноватсионии махсулоти нав ва ё такмилёфта зоҳир мегардад, яъне дар бозор ҷорӣ намудани раванди нав ё такмилёфтаи технологӣ, ки дар фаъолияти амалӣ, ё ки раванди истеҳсолот ва идора таҳқиқ мегардад.

Фаъолияти инноватсионӣ қисми таркибии фаъолияти маркетингии корхонаро ташкил медиҳад, хусусан он ба корхонаҳое тааллуқ дорад, ки бо истеҳсоли маҳсулоти ба илм алоқамандбуда машғуланд.

Сиёсати дақиқ дар самти истеҳсоли маҳсулоти нав самти ҷамъоварии иттилоот ва таҳияи таклифу пешниҳодҳоро муайян месозад, ки он ба ҷустуҷӯи имкониятҳои нав водор сохта, барои фаъолияти гурӯҳҳои таҳқиқотӣ сабаб мегардад.

Давраҳои асосии раванди фаъолияти инноватсионӣ аз инҳо иборатанд:

Давраи 1. Ба низом даровардани андешаҳои воридшаванда.

Давраи 2. Интихоби андешаҳои муайяншуда ва амалисозии андешаи маҳсулоти нав.

Давраи 3. Таҳ,лили самаранокии иқтисодии маҳсулоти нав, тартиб додани барномаи маркетингӣ.

Давраи 4. Истеҳсоли маҳсулоти нав.

Хулоса, таҳлили рушди иқтидори илмӣ-технологии корхонаву ташкилот, инчунин идоракунии таваккали фаъолияти инноватсионӣ ва омилҳои ба он таъсиррасонанда аз амалигардонии лоиҳаҳои инноватсионӣ, фароҳамоварии муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва андозбандӣ, қарздиҳии бонкии ҷараёнҳои инноватсионӣ ва ташаккули инфрасохтори фаъолияти инноватсионӣ вобастагӣ дорад.

**Адабиёт:**

1. Балабанов Н.Т. Инновационный менеҷмент. Учебное пособие – СПб, Питер, 2001

2. Бланк И.А. Инновационный менеҷмент - Учебник – Киев, Эльба Н, Ника – центр, 2001.

3. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: иборат аз 2. қисм – Душанбе; Ирфон – 2004.

4. Ҳусейнов Б., Мирзоалиева А. Психологияи идоракунӣ, Душанбе , 2000.

# РУШД ВА ҶОБАҶОГУЗОРИИ СОҲАҲОИ САНОАТ ДАР НОҲИЯИ ИҚТИСОДИИ ҲИСОР

***Ғуломшоева Соҳила Тоҳиршоевна*** - *ассистенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва илмҳои табиатшиносии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 38, тел.: (+992)934-17-17-99, e-mail: Sohila 24-04 @ mail.ru*

Дар мақола дар бораи рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои саноат дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ва мақоми саноат дар байни соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия баррасӣ шудааст. Муаллиф ба ҷобаҷогузории соҳаҳои саноати вазнин, химия ва электроэнергетика таваҷҷуҳи хоса додааст. Инчунин, дар мақола дар бораи солҳои аввали гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ва таъсири он ба тараққиёти соҳаҳои саноати ноҳияи иқтисодии Ҳисор маълумот дода мешавад.

***Калидвожаҳо***: *коркарди филизот, мошинасозӣ, металлургияи ранга, гидроэнергетика, саноат, саноати ангишт, гази табиӣ, металлургияи сиёҳ*

# РАЗВИТИЕ И РАЗМЕЩЕНИЕ ОТРАСЛЕЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В ГИСАРСКОМ ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЙОНЕ

***Гуломшоева Сохила Тохиршоевна*** - *ассистент кафедры информационных технологий и естественных наук Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан,734003, г.Душанбе, ул.Саида Носира 33, тел.: (+992)934-17-17-99, e-mail: Sohila 24-04 @ mail.ru*

В статье рассмотрены вопросы развития и размещения промышленных предприятий Гисарского экономического района, и промышленного сектора среди сельских районов. Кроме того, основное внимание уделено секторам тяжелой промышленности, химической отрасли и электроэнергетики. Также в статье обосновывается переход к условиям рыночной экономики и ее влияние на отрасли Гисарского экономического района.

***Ключевые слова***: *металлообработка, машиностроение, цветная металлургия, гидроэнергетика, промышленность, угольная промышленность, природный газ, черная металлургия*

# DEVELOPMENT AND PLACEMENT OF INDUSTRIES IN THE HISAR ECONOMIC REGION

***Qulomshoeva Sohila Tohirshoevna*** - *Assistant of the Department of Information Technologies and Natural Sciences of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 934-17-17-99, e-mail: Sohila 24-04 @ mail.ru*

The article considers the issues of development and deployment of industrial enterprises of the Hisar economic region, and industrial sector among rural areas. In addition, the focus is on sectors of heavy industry, the chemical industry and electricity. The article also substantiates the transition to the conditions of a market economy and its impact on the branches of the Gisar economic region.

***Key words:*** metal working, machine building, non-ferrous metallurgy, hydropower, industry, coal industry, natural gas, ferrous metallurgy

Дар замони муосир рушди иқтисодию техникии ҳар як ноҳия ва қувваҳои истеҳсолкунандаи онро бе мавҷудият ва рушди саноат тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ноҳияи иқтисодии Ҳисор маркази бузурги саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ноҳия соҳаҳои саноати металлургияи ранга, электроэнергетика, саноати ангишт, масолеҳи сохтмонӣ, мошинсозӣ ва коркарди филизот, саноати сабук ва хӯрокворӣ рушд ёфтааст. Шаҳрҳои Турсунзода ва Душанбе маркази саноатии ин ноҳияи иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд.

Мавҷуд будани канданиҳои фоиданок ба рушди соҳаҳои саноати вазнин таъсир расонида, инкишофи соҳаи кишоварзӣ омили муҳими ҷойгиркунонӣ ва тараққӣ додани соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба ҳисоб меравад. Корхонаҳои саноатии ноҳияи иқтисодии Ҳисор дар гузашта зиёда аз 40 фоизи маҳсулоти саноатии Тоҷикистонро истеҳсол мекард [4,278]. Дар нахустин солҳои гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ шаҳри Душанбе дар байни ноҳияҳои Тоҷикистон баъд аз вилояти Суғд ҷойи дувумро ишғол менамуд, ки дар ин солҳо 30 фоизи маҳсулоти саноатии Тоҷикистонро истеҳсол мекард [5,287], ин миқдор дар соли 2005 6,0 фоиз коҳиш ёфт [8,83]. Арзиши умумии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор то 1 январи 2008 ба 2144187 ҳазор сомонӣ баробар шуд, ки ин 26,5 фоизи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии Тоҷикистонро ташкил медод [1,87]. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор то 1 январи 2015 бошад, ба маблағи 1957047 ҳазор сомонӣ баробар гардид, ки ин 18,5 фоизи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии Тоҷикистонро ташкил медиҳад [1,87].

Дар солҳои аввали гузариш ба шароити иқтисоди бозаргонӣ дар таркиби соҳаҳои саноати ноҳияи иқтисодии Ҳисор тағйироти куллӣ ба амал омад. Ба сабаби ноором иҳои маълуми кишвар солҳои 1991-1997 доир ба соҳаҳои саноати ноҳияи иқтисодии Ҳисор маълумот ҷамъ намудан душвор буд. Умуман, аз соли 1992 то 1997 ҳаҷми ММД (маҷмӯи маҳсулоти дохилии)

Тоҷикистон то ба 60 фоиз коҳиш ёфт. Баъд аз соли 1997 ҳаҷми ММД ба 1,7 фоиз ба болоравӣ оғоз намуд [2,40]. Дар солҳои 1992-1997 бештар аз ҳама зарари зиёд ба соҳаҳои саноати шаҳри Душанбе ва водии Ҳисор расонида шуд. Ҳаҷми истеҳсолоти соноатӣ дар шаҳри Душанбе агар соли 1991 10,3 фоиз ҳаҷми тамоми соҳаҳои саноати Тоҷикистонро ташкил медода бошад, соли 2003 ба 4,0 фоиз коҳиш ёфт [2,56].

Дар соли 2011 дар шаҳри Душанбе коркарди маҳсулоти соҳаҳои саноат ба ҳар сари аҳолии шаҳр 1234,78 сомониро ташкил намуд, ки аз ВМКБ 3,5 маротиба ва аз НТМ 1,6 маротиба зиёд мебошад [6,95].

Имрӯз шумораи корхонаҳои саноатии шаҳр ба 468 расидааст, ки нисбат ба соли 1991-ум 273 корхона ё 2,5 баробар зиёд мебошад. Вале бояд гуфт, ки соли 2016-ум 57 корхонаи саноатӣ бо сабаби фарсудашавии таҷҳизоти технологӣ ва камбудии молиявӣ аз фаъолият бозмонда, боиси коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кам шудани ҷойҳои корӣ дар шаҳри Душанбе гардидааст. Инчунин, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар 160 корхона паст гардида, дар натиҷа аз 78 намуди маҳсулоти муҳимми саноатӣ истеҳсоли 31 номгӯй (40 фоиз) назар ба соли 2015 коҳиш ёфта, 5 номгӯй маҳсулот (6,4 фоиз) умуман истеҳсол нашудааст ва дар натиҷа ҳаҷми содироти корхонаҳои саноатии пойтахт назар ба соли 2015-ум 33 фоиз коҳиш ёфтааст [12].

Дараҷаи аз ҳама болотари тараққиёти саноати металлургӣ ба солҳои 1971-1990 рост меояд. Дар ин давра ба кор даровардани иншооти аввалини заводи сохта шудаистодаи алюминийи тоҷик амалӣ гардид ва соли 1974 истеҳсоли миқёси саноатии алюминий оғоз гардид. Дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ҷойгир будан ва бетанаффус фаъолият намудани КВД “Алюминии тоҷик” омили асосии мавқеи муайянро ишғол намудани ноҳия гардид, ки 88,3 фоизи филизоти рангаи Тоҷикистонро истеҳсол мекард [8,.84]. Соли 1990 ба ҳиссаи саноати металлургияи ранга 36,6 фоиз маҳсулоти саноатии ноҳия рост омада бошад, пас дар соли 2008 ин нишондиҳанда аз 83,7 фоиз зиёд аст [5, 297].

Корхона ашёи хоми худро аз давлатҳои қитъаҳои Австралия, Африка, Америка, Аврупо ва Осиё ворид мекунад. Танҳо барои ворид намудани ашёи хом КВД “Алюминии тоҷик” ҳар сол 150 млн доллари ИМА масраф мекунад. Арзиши ҳар як тоннаи глинозёми аз хориҷ воридшуда 600 доллари ИМА - ро ташкил медиҳад [5, 298].

Дар муқоиса бо семоҳаи аввали соли 2015 давоми се моҳи соли 2017 ҳаҷми истеҳсоли алюминии аввалия дар Тоҷикистон зиёда аз 5,5 ҳазор тонна афзуд. Ба иттилои манбаъ, ҳамзамон ҳаҷми содироти маҳсулот низ афзуда, нисбат ба семоҳаи аввали соли 2016 ҳаҷми содироти алюминийи аввалия ба миқдори 11 ҳазор тонна ё худ ба андозаи 43,8 фоиз зиёд шудааст [12]. Агар дар моҳҳои январ-марти соли 2015 аз корхона ба миқдори 25,1 ҳазор тонна маҳсулот содирот шуда бошад, пас дар семоҳаи аввали соли 2017 ин нишондиҳанда ба 36,1 ҳазор тонна расидааст [12]. Қобили зикр аст, ки соли 2016 ТАЛКО ба тамоюли ҳафтсолаи коҳиши ҳаҷми истеҳсол хотима бахшида, ба афзоиши истеҳсоли он иқдом намуд.

Соли 2015 корхона 139 ҳазор тонна алюминийи аввалия истеҳсол кард, ки нисбат ба соли 2014 ба миқдори 12 ҳазор тонна зиёдтар аст. Соли 2017 ҳаҷми содироти алюминий тақрибан 131 ҳазор тоннаро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2014 ба миқдори 6 ҳазор тонна зиёдтар мебошад [12]. Ширкати алюминийи тоҷик дар оянда ҳамчунин нақша дорад, истихроҷ ва коркарди флюоритро дар мавзеи Мағови дараи зебоманзари Ромит низ ба роҳ монад [11].

Ашёи хоми заводи алюминий, кони нефелиндори Турпӣ дар ҳудуди ноҳияи иқтисодии Рашт коркард мешавад. Захираи кони нефелиндори Турпӣ 12-14 млрд тонна буда, азхудкунии он барои рушди саноати металлургияи рангаи мамлакат таъсири мусбат мерасонад [5,298]. Захираи кони мазкур зиёда аз 100 сол заводи алюминийи тоҷикро бо ашёи хом таъмин карда метавонад [8,174].

Ёдовар мешавем, ки аксари корҳои бунёдкориву созандагии шаҳри Турсунзода ва водии зархези Ҳисор, ки солҳои охир дар он ба назар мерасад, бо дастгирии молияви КВД (Ширкати алюминийи тоҷик ) сурат мегирад ва ҳамаи ин самараи дастуру ҳидоятҳо ва ғамхории Сарвари давлат аст [3,114].

Танҳо ҶСП«Сомон - таҷҳизот»-и шаҳри Душанбе бо дархости «Ширкати алюминийи тоҷик» беш аз 300 намуди қисмҳои эҳтиётӣ истеҳсол мекунад [3,114].

Дуюмин корхонаи бузурги металлургияи рангаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор ин корхонаи кӯҳии ғанигардонии Такоб мебошад, ки дар ноҳияи маъмурии Варзоб ҷойгир шудааст. Ин корхона дар шаҳраки Такоб 46 км дуртар аз шаҳри Душанбе воқеъ мебошад. Корхона дар асоси ашёи хоми воридотӣ кор мекунад [5,298].

Дар соли 2008 дар корхона 138 нафар бо кор машғул буда, ин корхона 0,02 фоизи маҳсулоти саноати металлургияи рангаи ноҳияи иқтисодии Ҳисорро истеҳсол мекард. Ба ҳиссаи ин соҳаҳо 1,3% аҳолии дар соҳаҳои саноат машғулбудаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор рост меомад [5,298].

Дар байни соҳаҳои саноати вазнини ноҳияи иқтисодии Ҳисор мавқеи саноати мошинсозӣ ва коркарди филизот инчунин саноати масолеҳи сохтмонӣ низ назаррас аст. Соли 1990 саноати мошинсозиву коркарди филизот ва саноати масолеҳи сохтмонӣ 5,2 ва 5,8 фоизи маҳсулоти саноатиро дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор истеҳсол менамуд, ки ба ҳиссаи ин соҳаҳо 19,4 ва 10,6 фоиз аҳолии дар соҳаҳои саноат машғулбудаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор рост меомад. Корхонаҳои ин соҳаҳо дар шаҳрҳои Ваҳдат, Душанбе, Турсунзода ва маркази ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав ва Рӯдакӣ ҷойгир шудаст [5,298,299].

Дар аввали солҳои гузариш ба иқтисодӣ бозаргонӣ истеҳсолот дар ин соҳаҳо коҳиш ёфт. Дар соли 2008 ҳиссаи саноати мошинсозиву коркарди филизот ва саноати масолеҳи сохтмонӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳияи иқтисодии Ҳисор 3,3 фоизро ташкил намуд [5,299].

Зиёд шудани истеҳсоли кабелҳои гуногунҳаҷм, коркарди чӯян, пӯлод ва оҳан боиси рушд ёфтани саноати мошинасозӣ ва коркарди филизот дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор гардид. Ҳаҷми истеҳсоли ноқилҳои алюминӣ нисбат ба соли 1991 3,4 маротиба кам шудааст [6,81].

Дараҷаи рушд дар саноати масолеҳи сохтмонӣ низ нисбат ба талабот ва имконоти табиии мавҷуда хеле пойин мебошад. Ба сабаби паст будани дараҷаи рақобатпазирӣ дар бозори дохилӣ баъзе аз корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ пурра аз фаъолият бозмондаанд.

Корхонаҳои соҳаҳои саноати ноҳияи иқтисодии Ҳисор, ки дар 25 соли истиқлолият ба истифода дода шудааст, яке аз онҳо ин корхонаҳои дорусозӣ ва чиниворӣ дар шаҳри Турсунзода мебошад. Ин корхонаи навро субҳи 18.09.2015 Сарвари давлат баздид кард. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Вежа фармасевтикалс» ва Корхонаи истеҳсоли маҳсулоти чиниворӣ ва хиштҳои ба оташ тобовар оғози расмӣ бахшид, ки корхонаи дорусозӣ бо харҷи беш аз 60 миллион сомонӣ навсозӣ гардида, дар ин ҷо бо истифода аз технологияи пешрафтаи хориҷӣ зиёда аз 20 намуди моводи доруворӣ истеҳсол карда мешавад [11].

Иқтидори истеҳсолии корхонаи мазкур дар як басти корӣ 32 ҳазор адад зарфҳои маҳлулҳои обӣ буда, дар оянда бо насби хатҳои технологии нав истеҳсоли моводи доруворӣ дар шакли қурс (ҳаб), ғилофак ва ампулаҳо ба роҳ монда мешавад. Дар корхонаи дорусозӣ 120 нафар мутахассисони маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин шудаанд ва дар оянда бо васеъ гардидани фаъолияти корхонаи мазкур шумораи коргарон афзоиш хоҳад ёфт. Дар корхонаи маҳсулоти чиниворӣ ва хиштҳои ба оташ тобовар, ки аз ҷониби ҶДММ “Вежа” бунёд ёфтааст, истеҳсоли 3 намуди хишти сохтмонию ороишӣ ва 20 намуди маҳсулоти чиниворӣ ва сафолӣ ба роҳ монда шудааст. Бо тавaҷҷуҳ ба рушди соҳа ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ иқтидори истеҳсолии корхона давра ба давра ба 500 ҳазор дона маҳсулоти чиниворӣ хоҳад расид [11].

Инчунин, дар соли 2011 корхонаи коркарди нафт дар ноҳияи Шаҳринав ба иштироки Сарвари давлат оғоз гардид. Корхонаи мазкур аз ҷониби Ҷамъияти «Капитал» ва бо ҷалби сармояи соҳибкорони ватанӣ ба маблағи беш аз 70 миллион сомонӣ сохта шуда, айни замон он бо иқтидори коркарди 100 ҳазор тонна нафт ба фаъолият оғоз намуд.

Инчунин, санаи 05.11.2016 дар шаҳри Ҳисор бо иштироки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ комбинати металлургии тоҷикро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Корхонаи мазкур дар майдони умумии 15 гектар бунёд шуда, барои корҳои сохтмониву васлкунӣ 250 миллион сомонӣ масараф гардидааст. Комбинати металлургии тоҷик аз 6 коргоҳи истеҳсолӣ, аз ҷумла коргоҳи тайёрии истеҳсолот, рехтагарӣ, ҳаллоҷӣ, пойгоҳи азоти оксигенӣ, пойгоҳи обкашӣ ва зеристгоҳи барқии 100 мегавата иборат аст. Аз рӯйи нишондодҳои лоиҳавӣ корхона соли аввал 120 ҳазор тонна маҳсулоти филизиро истеҳсол ва коркард мекунад. Солҳои оянда имкон аст, ки иқтидори корхона то ба 200 ҳазор тонна расонда

шавад. Дар ин ҷо 7 намуди филизоти сиёҳи сохтмонӣ, аз ҷумла сихоҳани сохтмонӣ, оҳани секунҷаю чоркунҷа, лӯлаҳои оҳании гуногункутр, қубурҳои қутрашон гуногун ва дигар хӯлаҳои оҳанӣ истеҳсол карда мешавад. Дар корхонаи металлургӣ таҷҳизоти навтарин аз Федератсияи Русия ворид ва насб карда шудааст. Корхона дар марҳилаи аввал истеҳсоли сихоҳанҳои сохтмонии дорои қутри аз 12 то 27 милиметраро ба роҳ мемонад [11].

Дар оянда ба нақша гирифта шудааст, ки аз хокаи оҳан ва дигар маъданҳои кони Шоҳқадамбулоқи вилояти Суғд ашёи хом ворид намуда, дар ҷойи кони мазкур корхонаи ғанигардонии маъдан бунёд кунанд.

Шаҳри Душанбе дар байни ноҳияҳо ва шаҳрҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор вобаста ба тавлиди барқ ҷойи аввалро мегирад[8,89]. Неругоҳҳои барқии ҳароратии Душанбе-1 ва Душанбе-2 ғайр аз неруи барқ инчунин қисмати зиёди шаҳри Душанберо бо оби гарм таъмин менамояд.

Бо тавофуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати ТВЕА-и Ҷумҳурии Мардумии Чин дар қисмати шимолии шаҳри Душанбе сохтмони маркази барқу гармидиҳии Душанбе-2 ба иқтидори 270 мегаватт оғоз ёфт [7,30]. Хусусан, ба кор даровардани навбати якуми маркази нави барқу гармидиҳии пойтахт дар санаи 10.01.2014 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба мавзеи сохтмони маркази нави барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе ташриф оварда, навбати аввали онро бо иқтидори 50 мегаватт/соат нерӯи барқ мавриди баҳрабардорӣ қарор дод. Иқтидори истеҳсолии навбати аввали марказ баробар ба 1 миллиону 250 ҳазор киловатт-соат нерӯи барқ аст. Ин иқтидор дар шароити камчинии нерӯи барқ кумаки хеле зиёд ба шабакаҳои барқии кишвар мебошад. Гузашта аз ин, дар ин марказ чунин таҷҳизот васл гардидааст, ки дар сурати дастрас шудани гази табиӣ, он метавонад ба истифодаи ин навъи сӯзишворӣ гузаронда шавад. Аз зимистони соли оянда сар карда, маркази нави барқу гармидиҳӣ беш аз 40 фоизи биноҳои бисёрошёнаи пойтахтро бо гармӣ низ таъмин хоҳад кард. Тибқи нақшаҳои дурнамо дар оянда иқтидори ин марказ шояд то 400 мегаватт/соат нерӯи барқ афзун гардад.

Аввалин неругоҳи барқи обӣ дар Тоҷикистон НБО «Варзоб-1» маҳсуб ёфта, ҳанӯз соли 1936 бо дарназардошти талаботи аҳолии ҳамонвақтаи шаҳри Душанбе ба неруи барқ сохта шуд ва иқтидори лоиҳавиаш 7740 кВт/ соат буд. Неругоҳи мазкур аз ду чарха иборат буда, чархаи якуми он охири соли 1936 ва чархаи дуюми он соли 1937 ба мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Вобаста ба афзоиши аҳолии шаҳри Душанбе, ду НБО-и дигар- соли 1949 НБО «Варзоб-2» иборат аз ду чархаи бо иқтидори умумии 14400 кВт/соат ва соли 1952 НБО «Варзоб-3» иборат аз ду чарха бо иқтидори умумии 3120 кВт/соат бунёд гаштанд, ки иқтидори лоиҳавии онҳо дар маҷмуъ 25360 кВт/соатро ташкил медод.

Соли 2010 навсозии неругоҳи барқии Варзоб-1, ки аввалин иншооти гидроэнергетикии Тоҷикистон аст, бо арзиши лоиҳавии 17 миллион доллари амрикоӣ оғоз гардид. Татбиқи ин лоиҳа ба маблағгузории грантии Ҷумҳурии Ҳиндустон соли 2012 пурра анҷом ёфт[7,30]. Пас аз 76 соли фаъолият НБО

«Варзоб-1» пурра таҷдид шуд, ки НБО «Варзоб-1» аз тарафи ширкатҳои ҳиндустонии BICHEL ва NHPC таҷдид шуда, дар натиҷа иқтидори неругоҳ 2000 кВт/соат зиёд шуд. Яъне, агар то соли 2012 иқтидори неругоҳ 7440 кВт/соатро ташкил мекарда бошад, пас минбаъд он бо иқтидори 9500 кВт/соат барқ истеҳсол менамояд.

Таъмири асосиро ҶСП «Тоҷикэнергоремонт» анҷом медиҳад. Таъмири ҷориро кормандони худи неругоҳ мегузаронанд. Айни ҳол чархаҳоиагрегатҳои дуюми НБО «Варзоб-2» ва НБО «Варзоб-3» дар таъмир қарор доранд. Тибқи муҳосибаи коршиносон барои кори муътадили як чархаи силсиланеругоҳҳои барқи обии Варзоб 12 кубометр/сония об лозим аст. Аммо айни замон ин нишондод дар дарёи Варзоб аз 8 то 10 куб/сонияро ташкил менамояд.

**Адабиёт:**


1. Агентии омории назди Президенти ҶТ. Минтақаҳои ҶТ. Душанбе: 2015. -216 с.
2. Абдуллоев А. Проблемы экономико- экологического развития Республики Таджикистана. Китоби дарсӣ / А. Абдуллоев. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 199 с.
3. Абдуфаттоҳ Ш. Фархундапай. (бахшида ба 20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) Китоби дарсӣ / Ш. Абдуфаттоҳ., Қ . Заробидин. Душанбе: 2014. - 336 с.
4. Муҳаббатов Х. М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Х. М.Муҳаббатов., М.Р. Раҳимов. - Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2011. - 301 с.
5. Назарали Х. Экономическая история и концепция развития промышленности Таджикистана. Китоби дарсӣ / Х. Назарали. Душанбе: Ирфон, 2010. - 319 с.
6. Современные проблемы развития отраслей тяжелой промышленности Таджикистана. Душанбе: ООО «Дилшод ББ», 2014. -145 с.
7. 7соли Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе: 2013. - 336 с.
8. Хоналиев Н. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития. Китоби дарсӣ / Н. Хоналиев. Душанбе: Ирфон, 2007. -293 с.
9. Шарифбаева Ф. Ф. Стратегия развития промышленного производства в Республики Таджикистан на базе инновационных ресурсов. Китоби дарсӣ / Ф. Ф. Шарифбаева, Б. А. Гадойбоев. Душанбе: Ирфон, 2010. - 40 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон.Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва намояндагони сокинони шаҳри Душанбе. Душанбе: 15.02.2017.
11. www.prezident.tj.
12. http://news.tj/tj/news/afzoishi-iste-solu-sodiroti-alyuminii-dar-talko.

# ЭКОНОМЕТРИЯ ВА МАЪРИФАТИ ОН ҲАМЧУН ИЛМ ВА ФАННИ ТАЪЛИМӢ

***Хуҷақулов Ниёз Ҷумаевич*** *– муаллими калони кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва молияи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+ 992) 918 70 12 15*

Мақолаи мазкур ба масъалаҳои пайдоиш, инкишоф, муаммоҳои асосии илмию методӣ ва маърифати эконометрия ҳамчун илм ва фанни таълимӣ, инчунин омӯзиши он бахшида шудааст. Дар ин ҷо муаллиф аз нигоҳи имрӯза масъалаҳои зарурат, таърихи пайдоиш, асосгузорони илми эконометрия ва тараққиёти эконометрияро ҳамчун илм ва фанни талимӣ, нуқтаи назари баъзе олимони соҳаи назарияи иқтисодиро оид ба эконометрия баррасӣ намудааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *эконометрия, амсила, метод, технологияи эконометрикӣ, мантиқ, тафаккури мантиқӣ, назарияи иқтисодӣ, риёзиёт, омор, иқтисоди риёзӣ, омори риёзӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, алхимия, методика, методология, технологияи компютерӣ*

# ЭКОНОМЕТРИЯ КАК НАУКА И УЧЕБНАЯ ДИСЦИПЛИНА И ЕЁ ПОЗНАНИЕ

***Худжакулов Ниёз Джумаевич*** *– старший преподаватель кафедры управления экономики и финансов Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+ 992) 918 70 12 15*

Данная статья посвящена вопросам возникновения, развития и основным научно - методическим и познавательным проблемам эконометрии как науки и учебного предмета. Автор рассматривает вопросы необходимости формирования эконометрии, её основателей и точки зрения некоторых учёных-специалистов теории экономики об этой науке.

***Ключевые слова:*** *эконометрия, метод, технология эконометрики, логика, логическое мышление, экономическая теория, математика, математическая экономика, математическая статистика, бухгалтерский учёт, алхимия, методика, методология, компьютерная технология*

# ECONOMETRICS AS SCIENCE AND EDUCATIONAL DISCIPLINE AND ITS KNOWLEDGE

***Khujaqulov Niyoz Jumaevich*** *- senior lecturer of the Department of Economics and Finance of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, tel.: (+ 992) 918 70 12 15*

This article is devoted to the problems of origin, development and the main scientific, methodological and cognitive problems of econometrics as a science and a subject. The author examines the issues of the need for the formation of econometrics, its founders and the point of view of some scientific experts in the theory of economics about this science.

***Keywords***: *econometrics, method, econometrics technology, logic, logical thinking, economic theory, mathematics, mathematical economics, mathematical statistics, accounting, alchemy, methodology, computer technology*

Асри XX дар илми иқтисодиёт нисбат ба дигар садсолаҳо таъсири хеле мушаххас, муайян ва устувор гузоштааст, ки он дар оинаи таърихи илми эконометрия ба вазоҳат намоён аст. Дар асри гузашта давра ба давра дар ҳаёти иқтисодии ҳар як корхонаи хурду калон, ширкатҳои бузурги соҳаҳои алоҳида, воҳидҳои ҳудудию минтақавии алоҳидаи баъзе давлатҳо, иқтисодиёти миллии давлатҳои қафомонда, кишварҳои рӯ ба инкишоф ва тараққикардаи абарқудрат ҳодисаҳои гуногун ва баъзан ғайричашмдошт рӯй додааст. Омӯзиши чунин ҳодисаҳо дар назди донишмандони соҳаи иқтисодиёт, мисли дигар соҳаҳои илм вазифаҳои (муаммоҳои) ҳалталабро матраҳ сохтааст.

Яке аз чунин рӯйдодҳо буҳрони иқтисодию молиявии солҳои 1929 – 1933 мебошад. Эҳтимолан, дар натиҷаи ҳамин воқеа бошад, ки дар фазои илми ҳамон давра дар натиҷаи ба ҳам пайвастани се фан - иқтисоди сиёсӣ, риёзиёт ва омор ҳамчун хӯла, як соҳа ё ки равияи нави илми иқтисодӣ ба вуҷуд омад, ки ба он эконометрия ном гузоштанд. Ҳамин тариқ, солҳои 30 – юми асри XX « …вақти буҳрони иқтисодии ҷаҳон дар мамлакатҳои Ғарб ғояе пайдо шуд, ки аз рӯйи он дар ченкунии омории ҳодисаҳои иқтисодӣ, бошуурона ба назарияи иқтисодӣ такя кардан лозим буд. Чунин оморе, ки ба назарияи иқтисодӣ асос карда шуда, ба намуди риёзӣ муаррифӣ карда мешуд, бо истилоҳи нав «эконометрия» ифода карданд …» [1,21]

Ҳамин тавр, эконометрия ҳамчун фанни мустақил дар ибтидои солҳои 1930 дар натиҷаи таъсири мутақобилаи се гурӯҳ ё маҷмӯи фанҳо: *иқтисоди сиёсӣ (назарияи иқтисодӣ), риёзиёт ва омор пайдо шудааст.* Дар санаи 29 декабри соли 1930 Ҷамъияти эконометрикӣ ташкил карда мешавад ва дар

он ҷо эълон мекунанд, ки фанни нав эконометрия арзи вуҷуд намудааст. Асосгузорони илми нав – эконометрия Рагнар Фриш, Чарльз Ф. Рус ва Ирвинг Фишер [11], инчунин ташаббускорони ташкил намудани Ҷамъияти эконометрикӣ профессорон Фишер ва Уилсон [5] ба ҳисоб меравconfigure. Аммо андаке баъд, ё дақиқан соли 1936 Рагнар Фриш огоҳ мешавад, ки ин фан бо номи эконометрия ҳанӯз соли 1910 шинохта шуда будааст [4].

Тавре ки маълум аст, дар асри XX якчанд соҳаҳои илмҳои нав, ба мисли таҳлили иқтисодӣ ё таҳлили фаъолияти (амалиёти) хоҷагӣ ва ғайра аз баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун илми алоҳида ҷудо шуданд. Дар натиҷаи истифодаи математика дар баҳисобгирии муҳосибӣ як фанни нави иқтисодӣ пайдо шуд, ки он дар аввали пайдоиши худ **эконометрия** ном дошт, баъдтар ба он **эконометрика** ном доданд. Дар ин ҷо муҳим он аст, ки агар дар «ибтидо » олими машҳури соҳаи математика Луко Пачоло методи риёзиро (аз хосиятҳои муодилаҳо ва ифодаҳои математикӣ истифода намуда) ба баҳисобгирии муҳосибӣ татбиқ карда, дар илми баҳисобгирии муҳосибӣ як усули нав - **навишти дурафаро** дохил карда бошад, он гоҳ дар даҳсолаи якуми асри XX бухгалтери лаҳистонитабор - Павло Сомпа (P. Ciompa) аввалин шуда, дар илм истилоҳи ***эконометрия*ро** дохил кардааст. Ба фикри ӯ эконометрия ҳамчун илм дар асоси фанҳои иқтисоди сиёсии миллии пайваста бо назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ, математика ва геометрия бояд сохта мешуд, ки мавзӯи он ба мавзӯи эконометрикаи кунунӣ хеле наздик мебошад. Қобили қайд аст, ки соли 1910 дар шаҳри Лвов бухгалтер Павло Сомпа ба забони олмонӣ таҳти унвони „Grundriß einer Oekonometrie und die auf der Nationaloekonomie aufgebaute natürliche Theorie der Buchhaltung“, (Асосҳои эконометрия ва назарияи аслии баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси иқтисодиёти миллӣ) китобе нашр мекунад [4,25]. Дар ин китоб мафҳуми эконометрия ба маънои ченкунӣ дар иқтисодиёт истифода мешавад, ки маълумоти баҳисобгирии муҳосибиро дар доираи қонун, қоида ва усули (принсипҳои) иқтисодиёти миллӣ, бо ёрии методҳои риёзӣ коркард намуда, ба намуди ҷадвалҳо ва шаклҳои ҳандасӣ (геометрӣ) тасвир намудан фаҳмида мешуд [8].

Имрӯз як фан бо ду ном, аммо бо як мавзӯъ, объект, соҳаи татбиқ, мақсад, методҳо ва вазифаҳо роиҷ мебошад. Ин масъала сабаб ва таърихи худро дорад, ки ба баъзе саҳифаҳои он руҷӯи таърихӣ иқдом гардид.

Мақсади асосии олимоне, ки илми эконометрияро офариданд, пешбурди илми иқтисодиёт ва тараққӣ додани он бо воситаи истифодаи методҳои оморӣ – риёзӣ буд.

Фанни эконометрика (дурусташ эконометрия) - ро ҳамакнун дар донишгоҳҳои маъруфтарини ҷаҳон дар факултетҳои равияи иқтисодиёт, барои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт: ташкили истеҳсолот, идоракунии истеҳсолот, баҳисобгирии муҳосибӣ, молия, омор ва ғайра, ҳамчун фанни иқтисодӣ бакалавриятҳо, магистрантҳо, аспирантҳо ва доктарантҳо як ё

ду соли пурра меомӯзанд. Барои ҳар як зинаи омӯзиш барномаи махсус амал мекунад [6].

Як нозукии ин илм дар он аст, ки ***эконометрия*** номи шартӣ аст ва аз ин лиҳоз, баҳсталаб низ мебошад. Эконометрия ҳамчун фан, ё ки соҳаи илм дар байни олимону коршиносон ҳам тарфдорон ва ҳам мухолифини худро дорад. Тарафдорони эконометрия беҳад зиёданд, махсусан дар ин айём, ки миқдори зиёди адабиёти чопшуда: монографияҳо, китобҳо ва дастурамалҳои дарсӣ, мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ – амалӣ ва таълимӣ, инчунин, самонаҳои интернетӣ шоҳиди он мебошад.

Аммо дар ин ҳол, олими бузурги соҳаи иқтисодиёт, донишманде, ки дар илми иқтисод инқилоби бузурге роҳандозӣ кардааст, иқтисодшиноси англис, асосгузори илми макроэкономика - Джон Мейнард Кейнс ба методи профессор Тинбергин оид ба методи омории таҳқиқоти сиклӣ бовар надорад ва ҳеҷ неру ва воситае нест, ки ӯро аз эътиқодаш мунсариф намояд. Ин олим ва назариётчии бузург ба муқобили назарияи (методи) коркарднамудаи Тинбергин баромада, эконометрикаро ба илми алхимия монанд кардааст. Дар навбати худ ӯ менависад: «… Вале, ман мисли пештара бовар надорам, ким – кадом сеҳргар (муъҷизакор) мавҷуд мебошад, ки ман дилпур бошам, ба тараққиёти сатҳи имрӯзаи ин соҳаи алхимияи оморӣ, ё ки он ба дараҷае пухта расидааст, ки дар соҳаи илм ҷой гирифта бошад, бовар кунам. Бо вуҷуди он, ҳам Нютон, ҳам Бойл, ҳам Локк бо алхимия саргармӣ карданд. Ҳамин тавр, бигзор ӯ (Тинбергин- Х.Н.) идома диҳад» [2 59]. Асосгузори илми макроиқтисодиёт, ҳамон тавре, ки профессор Василий Леонтев - дорандаи ҷоизаи Нобел дар соҳаи илми иқтисод, яке аз намояндаҳои машҳури соҳаи иқтисоди риёзӣ ва эконометрия менависад: «Кейнс гумон мекунад, ки иқтисоди риёзӣ – «хаёл, дурӯғи маҳз» мебошад»[5,48].

Қобили зикр аст, ки асосгузорони фанни эконометрика (эконометрия) ва дигарон, аз ҷумла Ян Тинбергин – дорандаи ҷоизаи Нобел дар соҳаи илми иқтисодиёт (1969) ҳамроҳ бо Рагнар Фриш (яке аз асосгузорони фанни эконометрика), намояндаи машҳури соҳаи илми эконометрика, олими фаъоли ин соҳа ва тарғибгари ғояҳои эконометрика мебошад, методика ва методологияи илмиро барои на ҳамаи илми иқтисодӣ, балки барои як ё якчанд қисми он, ки бо омор ва риёзиёт ҳамбаста кардан мумкин аст, кор кардаанд. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки мавзӯъҳои таҳқиқотии ин фанҳоро якҷоя кунанд ва омӯзанд. Аммо, дар ин ҳолат муаммоҳои муҳими иқтисодӣ, ба мисли муносибатҳои иқтисодӣ, моликият, ташкили истеҳсолоти коллективӣ ва ғайра берун аз мавзӯи эконометрия мемонад. Ин ба он вобаста аст, ки тавсид кардани онҳо ҳоло басо мушкил аст. Интихоб карда гирифтани сохтори риёзӣ, такмил додани

онҳо, ё ки аз нав кор карда баромадани онҳо меҳнат, дониш ва таҷрибаи зиёдро талаб мекунад.

Маълум аст, ки мавзӯъ ва объекти таҳқиқоти илми иқтисодиёт беандоза мураккаб ва доманадор мебошад. Эконометрия метавонад як қисми муаммоҳое, ки илмҳои иқтисодӣ пешниҳод мекунанд, ҳаллу фасл намояд. Дар ин раванд, агар илми омор, бавижа омори иқтисодӣ бо маълумоти дақиқу пурра иштирок намоянд, он гоҳ риёзиёт (омори риёзӣ) бо методҳои худ онҳоро коркард мекунад ва натиҷаи ниҳоиро ба даст меорад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар замони муосир имконияти истифодаи технологияи компютерӣ, информатикаи иқтисодӣ мавҷуд аст ва он барои ҳаматарафа, маҷмӯӣ ва системавӣ дар амал ҷорӣ намудани технологияи эконометрӣ ёрӣ медиҳад.

Дар ин ҷо баҳси илмӣ асосан дар бораи он меравад, ки оё илми иқтисодиётро ҳамчун илми дақиқ шарҳ додан мумкин аст ё на? Ба ин саволи басо мураккаб ҳарифони Кейнс ҷавоби тасдиқкунанда додаанд, аммо худи Кейнс бошад ҷавоби рад медиҳад ва муътақид аст, ки илми иқтисодиёт аз фанҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзиёт бо маънои томаш фарқ мекунад[2].

Ҷолиб он аст, ки худи Кейнс дар асари машҳури худ «Назарияи умумии иштиғол, фоизҳо ва пул)» на фақат аз методҳои риёзӣ ба таври густарда истифода мебарад, балки амсилаи риёзӣ низ тартиб медиҳад, ки дар он мултипликатори машҳури худро овардааст. Баъзе иқтисодшиносони Ғарб ва Аврупо ин амсиларо ҳамчун амсилаи эконометрикӣ ҳисоб мекунанд. Масалан, Герхард Тинтнер менависад, ки асосан амсилаҳои омории иқтисоди сиёсии муосир аз назарияи Кейнс ибтидо мегиранд. [4,170]

Чунончи, муаллифон менависанд: «… Мо ҳисоб мекунем, ки методи махсуси илми иқтисодӣ вуҷуд надорад. Он фарде, ки мантиқан фикр карда метавонад, барои ӯ махсус омӯхтани тафаккури иқтисодӣ, тавре ки мегӯянд, нолозим мебошад. Ӯ фақат методҳои техникиро аз худ кунад, ки баъзан беҳад мураккаб мебошанд ва ба шароити кор таваҷҷуҳ намояд, чизи муқаррариро ба асос гирифта, мулоҳиза кунад. Касе, ки *қобилияти тафаккури* ***мантиқӣ*** надорад, наметавонад тафаккури иқтисодӣ дошта бошад. Он чизе, ки барои номи сифати «иқтисодӣ» ҳаққонӣ аст, аз рӯйи муҳтаво барои мафҳуми номи сифати «илмӣ - иқтисодӣ» низ дуруст мебошад.

Инак, агар сухан дар бораи таснифи методи махсуси илми иқтисодиёт рафт, аз ин кор сарфи назар мешуд, зеро чунин метод ва ё методика ҳанӯз номаълум ва маҷҳул боқӣ мемонад. Иқтисодшинос дар фаъолияти худ аз ҳама ҷо - аз зистшинос, ҷуғрофидон, муҳандис, таърихшинос, инчунин, аз равоншинос, файласуф ва бисёр дигарон қарз мегирад». [3,23]

Дар феҳристи илмҳои гуногуне, ки дар ин ҷо оварда мешаванд, дар мақоми аввал илми риёзиёт қарор дорад. Ҳамин тавр, агар мо шаҷараномаи илми эконометрика (эконометрия) - ро сохтан ё ки тартиб доданӣ шавем, он метавонад ба ин сурат бошад:

**Ҷадвали 1**

| ***Шаҷараномаи илми эконометрика (эконометрия)*** | | | |
|---|---|---|---|
| Фанҳои иқтисодӣ | Фанҳои оморӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ | Фанҳои риёзӣ | Фанҳои кибернетикӣ |
| Иқтисоди сиёсӣ | Назарияи умумии омор | Таҳлили риёзӣ | Информатика |
| Назарияи иқтисодӣ | Омори иқтисодӣ | Геометрияи аналитикӣ | Технологияи иттилоотӣ |
| Макро – микро иқтисодиёт | Омори соҳавӣ | Алгебраи хаттӣ | Информатикаи иқтисодӣ |
| Иқтисоди соҳавӣ | Баҳисобгирии муҳосибӣ | Назарияи эҳтимолият(ҳо) | |
| Иқтисоди корхона | | Омори риёзӣ | |
| Маркетинг | | Методҳои таҳқиқоти иқтисодӣ | |
| Таҳқиқоти маркетингӣ | | | |
| Эконометрика (Эконометрия) | | | |

Барои омӯзиши экономтерия ба донишҷӯён талаботи махсус гузошта мешавад. Барои омӯхтани фанни эконометрия бояд донишҷӯён:

(i) Назарияи иқтисодӣ (микро ва макроиқтисодиёт ) - ро ба дараҷаи **аъло** донанд.

(ii) Фанни математикаи олӣ барои иқтисодшиносонро дар сатҳи донишгоҳӣ ба дараҷаи **хуб** аз худ карда бошанд.

(iii) Аз назарияи эҳтимолият ва омори риёзӣ дониши **хуб** дошта бошанд.

(iv) Фанни омори иқтисодиро **мукаммал** омӯхта бошанд.

(v) Фанни баҳисобгирии муҳосибиро ба дараҷаи **хуб** донанд

(vi) Аз фанни мантиқ, методика ва методологияи таҳқиқоти иқтисодӣ, ҳадди ақал дониши **кофӣ** дошта бошанд.

(vii) Аз фанҳои технологияи истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои гуногуни (алоҳидаи) иқтисодиёти миллӣ, ҳадди ақал дониши **кофӣ** дошта бошанд.

(viii) Аз фанни информатикаи иқтисодӣ дониши **хуб** дошта бошанд ва дар амал татбиқ карда тавонанд.

Азбаски эконометрия маънои андозагирӣ дар иқтисодиётро дорад, бояд чиро андоза бигирад? Ин муамморо назарияи иқтисодӣ пешниҳод мекунад. Дар натиҷаи мушоҳидаҳои оморӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ рӯйдодҳои иқтисодӣ андозагирӣ мешаванд, ба қайд гирифта мешаванд ва бо воситаҳои риёзӣ коркард карда шуда, ниҳоят, хулосаи муайян бароварда мешавад. Натиҷаи таҳқиқот ҳамчун ҳисобот ба муассисаҳои марбутаи давлатӣ пешниҳод карда мешавад. Дар асоси ҳисоботи таҳқиқоти иқтисодии роҳандозигардида қарори идоракунии мувофиқ қабул карда мешавад, ки дар ин ҷо информатикаи иқтисодиро васеъ истифода намудан мумкин аст. Аз гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки барои беҳбудии кор, тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, ба тартиб даровардани пайдарҳамии омӯзиши фанҳои иқтисодӣ, риёзӣ, омориро ба намуди зерин тақсим кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар курси 1, семестри 1- 2, фанни **назарияи иқтисодӣ** - 3(шартӣ 4) кредит (гунаи дигар ҳам мумкин аст);

Дар курси 1, семестри 2, фанни **микроиқтисод** - 2 кредит;

Дар курси 2, семестри 3, фанни **макроиқтисод** - 2 кредит;

Дар курси 2 семестри 3, фанни **назарияи эҳтимолият -** 2 кредит;

Дар курси 2, семестри 4, фанни **омори риёзӣ** -2 кредит;

Дар курси 3, семестри 5, фанни **назарияи умумии омор -**2 кредит;

Дар курси 3, семестри 5, фанни **назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ** - 2 кредит;

Дар курси 3, семестри 6, фанни **информатикаи иқтисодӣ** - 2 кредит;

Дар курси 3, семестри 6, фанни **омори иқтисодӣ** - 2 кредит;

Дар курси 4, семестри 7, фанни **эконометрия** - 3 кредит (гунаи дигар ҳам мумкин аст).

Тақсимоти мазкур имконият медиҳад, ки донишҷӯён дониши омӯхтаи худро ҳангоми навиштани кори курсӣ ва рисолаи хатмкунӣ истифода баранд. Бояд талаб карда шавад, ки на фақат ҳар як хатмкунандаи бакалавр, балки ҳар як хатмкунандаи магистратура, аспирантура, доктарантура дар корҳои илмии худ методҳо, амсилаҳо ва технологияи эконометрикиро истифода намоянд. Чунин меъёри талабот имконият медиҳад, ки рисолаҳои онҳо мукаммал, ба талаботи иқтисоди бозоргонӣ ҷавобгӯ бошанд ва майдони татбиқи амалии худро ёбанд ва ҷойи холии бозорро банд кунанд, зеро фазои бозори имрӯза ва оянда пурра аз номуайяниҳо иборат аст. Ба ғайр аз ин, аз амсилаҳои эконометрикӣ истифода бурда, гунаҳои беҳтарини дурнамоҳои илман асосноккардашударо тартиб диҳанд ва дар амал ҷорӣ кунанд.

### Адабиёт:

1. Общая теория статистики. Под ред. А. Я. Боярского, Г. Л. Громыко. 2 – е изд. – М.: Изд – во Моск. ун – та, 1985. - 376 с.

2. Розмаинский И. Методологические основы теории Кейнса и его «спор о методе» с Тинбергеном. Журнал Вопросы экономики № 4, - 2007, с. 25 - 59.

3. Фельс Э., Тинтнер Г. Методы экономических исследований. - М.: «Прогресс» 1971. – 151 с.

4. Тинтнер Г. Введение в эконометрию. - М.: «Статистика», 1965. – 263 с.

5. Леонтьев В. Экономические эссе. Теории, исследования, факты и политика. – М.: Политиздат, 1990. - 415 с.

6. Хайяши Фумио. Эконометрика. - М.: Издательский дом «Дело» РАНХ и ГС, 2017. – 728 с.

7. Гмурман В. Е. Теория вероятностей и математическая статистика. - М.: «Высш. школа», 1977. – 479 с.

8. Эконометрика: учеб. пособие/ Под ред. И. И. Елисеевой. – М.: Проспект, 2009. – 288 с.

9. Борзых Д. А., Демешев Б. Б. Эконометрика в задачах и упражнениях. - М.: ЛЕНАНД, 2017. – 304 с.

10. Эконометрика: учебник для вузов / Под ред проф. Н. Ш. Кремера. – М.: ЮНИТИ – ДАНА, 2004. – 311 с.

11. Шаттелес Т. Современные эконометрические методы. - М.: «Статистика», 1975. – 240 с.

## ИСТИФОДАИ ИМКОНИЯТҲОИ ТАХТАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Мавлоназаров Силмон Силтоназарович*** *– н.и.п., мудири кафедраи технологияи итттилоотӣ ва илмҳои табиатшиносии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992)2248393; 935 560 011*

***Хайриддини Аслиддин*** **-** *муаллими калони кафедраи технологияи иттилоотӣ ва илмҳои табиатшиносии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.:(+992) 937 409 000, e-mail: khairiddin.it@gmail.com.*

Дар мақола тақвият ва аҳамияти принсипи аёният дар робита бо хусусиятҳои равонии донишҷӯёни имрӯза баррасӣ мегардад. Пайдоиши муҷтамаи компютер-проектор-тахтаи интерактивӣ имконияти татбиқи шаклҳои мухталифи аёниятро сифатан зиёд намуд. Муаллифон дар мақола вижагиҳои технологияи истифодаи тахтаҳои электронии интерактивӣ ва таъминоти барномавии «Flow!Works Pro»-ро дар раванди таълим мавриди таҳлил қарор додаанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *аёният, тахтаи интерактивӣ, технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ, раванди таълим, низоми омӯзиши мултимедиявӣ, таъминоти барномавии Flow!Works Pro*

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВОЗМОЖНОСТЕЙ ЭЛЕКТРОННЫЕ ИНТЕРАКТИВНЫЕ ДОСКИ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

***Мавлоназаров Силмон Силтоназарович.-*** *к.п.н., заведующей кафедрой информационной технологии и естественных наук Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003,г. Душанбе, ул. Саида Насира 33, тел.: (+992)2248393; 935 560 011*

***Хайриддини Аслиддин*** **-** *старший преподаватель кафедры информационных технологий и естественных наук Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.:(+992) 937 409 000, e-mail: khairiddin.it@gmail.com.*

В статье обсуждается усиление значения принципа наглядности в связи с психологическими особенностями сегодняшних студентов. Появление комплекса компьютер - проектор - интерактивная доска качественно расширяет возможности применения различных форм наглядности. В статье авторы исследуют особенности технологии

использования интерактивных электронных досок и программного обеспечения «Flow! Works Pro» в учебном процессе.

***Ключевые слова:*** *наглядность, интерактивная доска, информационно-коммуникационная технология, учебный процесс, мультимедийные системы обучения, програмное обеспечение Flow!Works Pro*

## USE OF INTERACTIVE WHITEBOARDS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

***Mavlonazarov Silmon Siltonasarovich.*** *– Candidate of Pedagogy, Head of the Department of Information Technologies and Natural Sciences of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nasir str., 33, phone: (+992) 2248393; 935 -560-011*

***Khairiddini Asliddin*** *- senior lecturer at the Department of Information Technologies and Natural Sciences, Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+ 992) 937 409 000, e-mail: khairiddin.it@gmail.com.*

The article discusses the strengthening of the importance of the principle of visibility in connection with the psychological characteristics of today's students. The appearance of a computer-projector-interactive whiteboard complex qualitatively extends the possibilities of using various forms of visualization. The authors of the article explore the features of the technology of using interactive whiteboards and "Flow! Works Pro »in the educational process.

***Keywords:*** *visibility, interactive whiteboard, information and communication technology, educational process, multimedia training systems, software Flow! Works Pro*

Дар асри XVII, Ян Амос Коменский (1592-1670) асли (принсипи) аёниятро чунин ифода намуд: «Ҳар чизеро, ки метавон барои дарки ҳиссиёт тасаввур кард» Дар айни замон, дар натиҷаи тавсеаи дастрасии телевизион, компютерҳо, телефонҳои мобилӣ ва дигар таҷҳизоти рақамӣ, аҳамияти асли аёният дар раванди таълим, хеле зиёд гардидааст. Истифодаи компютер, планшети электронӣ, тахтаҳои интерактивӣ барои пешниҳод кардани маводи нав ва назорати дониш на танҳо раванди таълимро дар назари донишҷӯёни муосир шавқовар намуд, балки имконоти навро дар қобилияти баназаргирии хусусиятҳои равонии муҳассилин ба вуҷуд овард.[1] Насли муосири донишҷӯён «шабака» номида шудааст. Истифодаи ҳаррӯзаи таҷҳизотҳои рақамӣ, тамошои зиёди барномаҳои телевизионӣ, тавсеаи дастрасӣ ба компютер ва шабакаи Интернет ба қобилияти ҷавонон ба таври фаврӣ ва кофӣ фаҳмидани иттилооти визуалиро фароҳам оварда, хондани ҳаҷми калони матнро

камтар мегардонад. Дар натиҷа, дар онҳо чунин вижагии мувофиқи фаъолияти маърифатии зеҳнӣ ба вуҷуд меояд: майли зиёд ба тафаккури тимсолӣ. Ҳамин тариқ, фаҳмидан зарур аст, ки истифодаи васеи технологияҳои қаблӣ ва пешниҳоди дониш дар шакли муносибати шифоҳӣ акунун муассирияти камтарро дар раванди таълим доро мебошанд.

Зуҳуроти компютер ва технологияҳои мултимедиавӣ аз ҳама бештар дар дар соҳаи маориф ва раванди таълим таъсири худро гузоштанд. Дараҷаи таъсири онҳо дар соҳаи эҳсосоти равони инсонӣ бошад, ҳоло дар раванди омӯзиш қарор дошта, фарогири донишҳои наву пурсамар мебошад. Ба таври таҷрибавӣ собит шудааст, ки дар раванди омӯзиши шифоҳӣ дар як дақиқа то ҳазор воҳиди иттилоотро метавон коркард намуд. Дар раванди омӯзиш бо истифода аз узвҳои дидорӣ бошад, дар як дақиқа то сад ҳазор воҳиди иттилоотро метавон коркард намуд.[4,197]

Дар айни замон, аксар муаллимон агар имкон дошта бошанд, кӯшиш менамоянд, ки компютер ва видеопроекторро дар лексияву дарсҳои амалӣ истифода баранд. Бисёре аз онҳо, саводи компютерӣ дошта, рӯнамои компютерӣ тайёр мекунанд, ки аз маводҳои мултимедиявӣ (иттилооти тасвирӣ, савтӣ, садоӣ ва ғайра) иборат буда, ба донишҷуён дар дарсҳои лексионӣ пешниҳод карда мешаванд. Бо вуҷуди он, ки таҳия ва тайёр намудани чунин рӯнамоҳо заҳмати зиёдро талаб менамоянд, муаллимон кӯшиш мекунанд, ки аз шабакаи интернет маводҳои мултимедиавиро истифода баранд. Ҳамин тавр, агар муаллим ягон қисми слайдро шарҳ додан хоҳад, дар муқоиса бо он ки донишҷӯён танҳо тавзеҳоти рӯнаморо мешунаванд, онҳо дарҳол маводи аёнии дастрасро қайд карда мегиранд. Чунин хусусияти рафтори донишҷӯён бо истифода аз планшети электронӣ ё тахтаҳои электронии интерактивӣ ба осонӣ амалӣ карда мешавад.

Агар тавсифи ҳама намудҳои тахтаҳои интерактивӣ лозим бошад, пас назар кардан ба асри XX лозим меояд. Дар оғози солҳои 90-ум аввалин тахтаҳои электронии интерактивӣ пайдо шуданд. Кашшофи ин дастоварди технологӣ, ширкати Microfield Graphics (ИМА) мебошад, ки ба соҳаи маориф диққати ҷиддӣ дода, тахтаи электронии интерактивии SoftBoard-ро истеҳсол намуд. Ширкати Smart тавонист ба худ диққати роҳбарони вазорати маорифро ҷалб намояд, зеро бисёр мактабҳо дар Аврупо, Россия ва қариб тамоми ҷаҳон тахтаҳои электронии интеракввтивии SmartBoard-ро ба дастрас намуданд. Дар шароити кунунӣ тахтаҳои электронии интеракввтивии ширкати Smart дар Россия ва берун аз он бештар маъмуланд. Истифода аз имкониятҳои тахтаҳои электронии интерактивӣ бештар дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ вусъат ёфта истодааст. Чунин тахтаҳо ҳамсони тахтаҳои маркерии маъмулӣ мебошанд, барои ҳамин ҳамаи навиштаҷоти бо воситаи тахтаи электронӣ навишташуда якбора дар экрани компютери фардӣ пайдо мешавад. Акнун бо иттилооти сабтшуда амалиёти нигоҳдорӣ, чопкунӣ, интиқол бо факс, почтаи электронӣ ва дар реҷаи вақти воқеӣ мубодилаи иттилоот дар шабакаро низ метавон иҷро кард.

Арзиши асосии тахтаи электронии интерактивии SoftBoard дар он аст, ки имконияти сабти раванди сохтани навиштаҷот ва тасвирро дошта, қобилияти баъдтар аз нав корбурди онҳоро низ доро мебошад. Ҳамин тавр, татбиқи чунин навъи технология дар ибтидои солҳои 90-ум ва ба рӯйи кор омадани таъминоти барномавии тахтаи электронии интерактивӣ барои сохтани лексия дар шакли таҳсили фосилавӣ заминаи устувор гузошт. Таъминоти барномавии тахтаи электронии интерактивӣ ҷуғрофияи аудиторияҳоро хеле васеъ карда, имконияти гузаронидани курсҳои омӯзиширо дар як вақт дар чандин шаҳрҳо ба вуҷуд овард. Шунавандагони чунин семинарҳо имкон пайдо намуданд, ки иттилоотро дар мониторҳои худ хонанд ё барои муҳокимаи коллективӣ дар экрани калон проексия (рӯйи экран акс кунонда, ба ҳаҷми калон нишон додан) кунанд.

Ширкатҳои истеҳсолкунандаи тахтаҳои электронии интерактивӣ навъҳои зеринро истеҳсол мекунанд:

❑ Технологияи электромагнитӣ;

❑ Технологияи аналогӣ-резистивӣ;

❑ Технологияи ултрасадоӣ;

❑ Технологияи инфрасурх;

❑ Технологияи микронуқтагӣ;

❑ Технологияи лазерӣ;

❑ Технологияи оптикӣ [9]

Тахтаҳои электронии интерактивӣ вазифаҳои зеринро иҷро карда метавонанд:

*1)* Идоракунии барномаҳои компютерӣ:

❑ Корбарон метавонанд стиллусро ба ҷойи мушак истифода бурда, барномаҳои компютериро ба кор дароранд, истифода баранд ва дар барномаи тахтаи интерактивӣ қайдҳо намоянд.

*2) Кор бо иттилооти савтӣ(видеоӣ):*

❑ Корбарон дар рӯйи видео метавонанд навиштаҷот ворид кунанд ва намоиши видеоро идора намоянд.

*3) Қайдҳо дар рӯйи тасвир(графика)*

❑ Тахтаи интерактиви имконияти қайди аломатҳоро дар равзанаи дилхоҳ барнома ва тасвирҳои графикӣ дошта, мизи кориро низ имкони аксбардорӣ кардан дорад.

Истифодаи тахтаҳои электронии интерактивӣ аз чунин ҷиҳатҳои мусбат иборат мебошад:

❑ Ба таври муносиб аз байн бурдани навиштаҷот

❑ Имконияти сабткунии маводи навишташуда

❑ Истифодабарии видео ва рӯнамо(презентатсия)

❑ Азнавтартибдиҳии марҳилаҳои дарс ба таври фаврӣ

❑ Истифода накардани бӯр

❑ Экрани беохир(дорои равзанаҳои кории зиёд)

❑ Интерфейси муносиб

- ❑ Шавқу завқи зиёд нисбат ба омӯзиш

Ғайр аз ин, истифодаи тахтаҳои электронии интерактивӣ чунин ҷиҳатҳои манфиро низ доро мебошанд:

- ❑ Клабировкаи доимӣ
- ❑ Таъсири рӯшноии проектор ба чашмони корбарон
- ❑ Пайдоиши нуқсони техникӣ ҳангоми васлкунии порти USB
- ❑ Дурахшидани проектор
- ❑ Бе истифодаи проектор кор намекунад
- ❑ Идоракунии мураккаб
- ❑ Мутассиршавии дилхоҳ ҷойи экрани ҳассоси тахтаи интерактивӣ

Барои истифодаи тахтаҳои интерактивӣ лавозим(аксессуар)и зерин лозим мебошанд:

- ❑ Проектор
- ❑ Ноқили(VGA-Video Graphic Array)
- ❑ Ноқили(USB-Universal Serial Bus)
- ❑ Тахтаи интерактивӣ(вобаста ба навъи он)

Истифодаи тахтаҳои электронии интерактивӣ дар раванди таълим дорои хизматрасониҳои барномавӣ ва техникӣ буда, технологияи навинро барои пешрафти дарс ба вуҷуд меорад. Дар натиҷа устодон метавонанд сифати таълимии омӯзандагонро осон ва самаранок баланд бардоранд ва чунин навгониҳои зарурӣ: тафаккури интиқодӣ, ҳамкорӣ, муоширaт ва эҷодкориро ба вуҷуд оранд.

Асри XXI, ки асри иттилоот ва технологияи компютерӣ мебошад, аз тарафи ширкатҳои тавлидкунандаи барномаҳои компютерӣ таъминоти барномавии гуногун сохта мешаванд. Дар мақола имкониятҳои яке аз таъминоти барномавии тахтаҳои электрони интерактивӣ, ки байни омӯзгорон маҳбубияти хоса дорад мавриди баррасӣ қарор мегирад. Барномаи мазкур Flow!Works Pro ном дошта, версияҳои он ҳар сол таҷдид карда мешаванд. Омӯзгорон метавонанд, ки версияҳои гуногуни барномаро аз сайти www.qomosolutions.com дастрас намоянд.

Flow!Works Pro - яке аз навъҳои таъминоти барномавӣ буда, асосан барои таълим пешбинӣ шудааст; омӯзгорон дар синфхона метавонанд барномаро ҳамроҳ бо тахтаи электронии интерактивӣ истифода намоянд. Инчунин, бо ин барнома имконияти санҷидани вазифаи хонагии донишҷӯён тавассути тахтаи электронӣ мавҷуд буда, аҳли синф метавонанд, онро навишта гиранд. Донишҷӯён ё омӯзгорон метавонанд аз асбобҳои расмкашӣ, фигураву асбобҳои геометрӣ, бозиҳо ва маълумоти визуалии шавқовар инчунин аз дигар имкониятҳо, ки дар пойгоҳи барнома мавҷуданд истифода баранд. Барномаи мазкур барои муҳайё гаштани муҳити шавқовар ва ҳамгироии (интерактивӣ) раванди таълим мусоидат менамояд.[5,3] Ҳангоми дастрас намудани барномаи Flow!Works Pro аз интернет ва интисоби он дар компютер корбарон метавонанд, ки аз системаи маълумотдиҳандаи он, истифода баранд. Бо истифода аз системаи маълумотдиҳандаи барнома корбарон метавонанд, тарзи

интисоби барномаро аз худ карда, маълумоти мухтасарро дар бораи талаботи барнома вобаста ба ченак(параметр)-ҳои компютер пайдо кунанд ва имкониятҳои асосии онро аз худ кунанд.

Истифода аз имкониятҳои тахтаҳои электронии интерактивӣ дар раванди таълим фаъолнокии амалиёти идрокро дар хонандагон афзоиш дода, ба омӯзгорон имконияти самаранок идора намудани рӯнамо ва барномаҳои компютериро ба таври фосилавӣ фароҳам меорад. Истифодаи чунин навъи технология ва воситаҳои электронии таълим ба истифодаи методҳои анъанавӣ монеа эҷод накарда, балки сатҳ ва сифати таълимро ба дараҷаи баланд мебардорад.

**Адабиёт:**

1.Волкова И. А. Интерактивные информационные средства в образовательном процессе: учеб./И.А.Волкова, Н.В.Шпарута; Ин-_т развития регион. Образования. - Екатеринбург: ИРРО, 2010. - 111с.

2. Ғаюров Ҳ.Ш., Самеев М.М..Информатика(курси базавӣ), Хуҷанд-2013

3.Захарова И.Г. Информационные технологии в образовании: Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений. – М.: Издательский центр «Академия», 2003.-192 с.

4. Комилов Ф.С. Информатика ва технологияҳои иттилоотӣ, Душанбе-2016

5.Тошхӯҷаев Ҳ.А., Усмонов А.А. Технологияи навин дар раванди таълим, Хуҷанд-2015

6. Умные уроки Smart. Сборник методических рекомендаций по работе со Smart-устройствами и программами. Изд-е 2-е, испр. И доп. - М.: «ИНЭК», 2008.-184с.

7.Шокиров Ф., Шамсиев А., Самеев М. Асосҳои технологияҳои иттилоотии муосир, Хуҷанд-2005

8. https://mimio.boxlight.com/mimioteach-interactive-whiteboard/

9. https://ru.wikipedia.org/wiki/Интерактивная_доска

10.www.qomosolutions.com

# МЕТОДЫ УПОТРЕБЛЕНИЯ ПРОСТЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ ОСЛОЖНЁННЫХ ОДНОРОДНЫМИ ЧЛЕНАМИ ПРЕДЛОЖЕНИЯ НА ЗАНИЯТИЯХ РУССКОГО ЯЗЫКА

***Садыкова Мухтарам Пулатовна*** - *старший преподаватель кафедры языков, Института государственного управления при Президенте РТ. 734003,г. Душанбе, ул. Саида Насира 33,тел.: (+992 )918 897 427*

В данной статье автор ведёт исследования над проблемами однородных членов предложения, которые относятся к одному и тому же члену предложения. Также над соединением однородных членов при помощи союзов и без них.

***Ключевые слова:*** *плыть, геологоразведочные, климатические, звяканье, заставлен, разнообразные, засуха, переправа, порох*

# УСУЛҲОИ ИСТИФОДАИ ҶУМЛАҲОИ СОДАИ ЧИДААЪЗОҲОИ МУРАККАБШУДА ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ

***Содиқова Муҳтарам Пулотовна*** – *муаллими калони кафедраи забонҳои Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992 )918 897 427*

Дар мақолаи муаллиф аз рӯйи масъалахои вобастагии чидааъзоҳое ки, ба ҳамон як аъзои ҷумла тааллуқдошта таҳқиқот мебарад. Пайвастани онҳо дар ҷумла бо ёрии пайвандакҳо ва бе ёрии онҳо.

Ҳангоми гузаштани мавзӯи зерин ҷалб намудани донишҷӯён ба корҳои мустақилонаи иловагӣ.

***Вожаҳои калидӣ:*** *шино кардан, ҷустуҷӯйӣ-заминшиносӣ, иқлимӣ, ҷарангосӣ, пуршуда, гуногун, хушксолӣ, гузаргоҳ, борут*

# METHODS OF USING SIMPLE SUGGESTIONS SUGGESTED BY HOMOGENEOUS MEMBERS OF THE OFFER FOR THE ACTIVITIES OF THE RUSSIAN LANGUAGE

***Sodiqova Mouhtaram Pulotovna*** - *senior lecturer of the Department of Languages, Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+ 992) 918 897 427*

In this article the author leads research problems homogeneous parts of the sentence which answers to all questions and releats to the same of part of

sentence. To joining homogeneous part of the sentence using with conjunction and without it.

***Key words:*** *swim, exploring, climatic, tinkling, to oblige, various, drought, ferry, gunpowder*

Члены предложения, которые отвечают на один и тот же вопрос и относятся к одному и тому же члену предложения, называются однородными. Однородными могут быть подлежащие, сказуемые, второстепенные члены предложения.

Жара и засуха стояла более четырех недель.

Ты меня не видишь, не слышишь.

Дома имеется политическая, научная, художественная литература.

Он быстро, чётко, ясно прочитал свой доклад.

Однородные члены предложения соединяются при помощи союзов и без союзов. Если они соединяются без союзов, ставится запятая.

1. В комнате послышались восклицания, хохот, звяканье кружек

Восклицание, хохот, звяканье являются однородными подлежащими.

Стол был заставлен грязной посудой, завален бараньими и куриными костями, огрызками зелени, корками хлеба (Фадеев).

Здесь однородные подлежащие восклицания, хохот, звяканье имеет одну и ту же связь со сказуемым послышались (послышались восклицания, хохот, звяканье).

2. Стол был заставлен грязной посудой, заставлен бараньими и куриными костями, огрызками зелени, корками хлеба.

Здесь три ряда однородных членов:

1. Однородные сказуемые был заставлен, завален имеют одну и ту же связь с подлежащим стол (стол был заставлен, завален).

2. Однородные дополнения костями, огрызками, корками имеют одну и ту же связь (управление) со сказуемым завален (завален костями, огрызками, корками).

3. Однородные определения бараньими и куриными имеют одну и ту же связь (согласование) с дополнением костями (бараньими и куриными костями).

**Бессоюзная связь однородных членов предложения**

Однородные члены могут выражать перечисление предметов, явлений, действий, признаков. В этом случае они связываются между собой бессоюзной связью, которая грамматически выражается интонацией перечисления. На письме между такими однородными членами ставится запятая: Его ловкое, юркое, щуплое тело скользнуло во тьму (Фадеев).

Союзы при однородных членах предложения. Употребление противительных союзов. Противительные союзы а, но, да, однако и другие показывают, что однородные члены противопоставлены друг другу или сопоставляются друг с другом по значению. Между однородными членами

перед противительным союзом всегда ставится запятая: Они не пошли в город, а остановились на ночлег в балке. Мёртвое, но дорогое сердцу прошлое всегда хорошо просматривается из немых потёмок бессоной ночи. Гаврила хотел было что-то возразить, да сжал губы.

Соединительные союзы при однородных членах предложения. Соединительные союзы и, да (в значении и), ни.., ни выражают различные оттенки соединительных отношений.

Одиночный союз и (да в значении и) в парных сочетаниях однородных членов обозначает соединительную связь. Если же союз и стоит перед последним однородным членом в многочисленном ряду, то он показывает, что перечисление закончено. Отец и два родные брата за честь и вольность там легли. Здесь парные сочетания однородных членов: Отец и два родные брата за честь и вольность. Между однородными членами, соединёнными неповторяющимися в пределах данного ряда союзами ни, да, запятая не ставится: Дефорж вынул из кармана маленький пистолет, вложил его в ухо голодному зверю и выстрелил.

В многочисленном ряду союз и, стоящий перед последним однородным членом, показывает что перечисление закончено: вынул (пистолет), вложил в ухо голодному зверю и выстрелил. При наличии в пределах данного ряда повторяющихся союзов и… и, да…да, ни….ни занятая ставится между всеми членами этого ряда: В голосе Якова была и неподдельная глубокая страсть, и молодая сила, и какая-то грустная скорбь. Соединительный союз да выражает те же самые отношения, что и союз и, но употребляется преимущественно в разговорной речи:

1. За ужином я заговорил опять о Хоре да о Калиныче.
2. Нет, пускай послужит он в армии, да потянет ляжку, да понюхает пороху, да будет солдат.

Союз ни…ни- всегда повторяющийся. Он имеет то же значение, что и повторяющийся союз и…и, но употребляется в отрицательных предложениях.

1. Казак не хочет отдохнуть ни в чистом поле, ни в дубровке, ни при опасной переправе.
2. Раньше Егорушка не видел никогда ни пароходов, ни локомотивов, ни широких рек.

Разделительные союзы, употребление их при однородных членах предложения.

Разделительные союзы или, либо, то…то, не то… не то и другие указывают на взаимоисключение перечисляемых явлений, но попеременное чередование каких-либо двух явлений, на поочерёдную смену явлений, на неопределённость оценки в процессе восприятия нескольких явлений. Например:

1. Она будет летчиком, или военным фельдшером (взаимоисключение) (Фадеев).

2. Нина переводила широкие глаза то на Любку, то на Олю (попеременное чередование двух явлений) (Фадеев).

3. Олег вдруг начинал подсмеиваться над Ваней и Клавой, или с робким заиканием утешал Умлю, или нянчил трехлетнего братишку, или объяснялся в любви тётушке Марине, или пускался в политические разговоры с дедом (поочерёдная смена многих явлений). (Фадеев).

Сопоставительные союзы не только…. Но и…, как … так, и…, если не…. то… другие указывают на сопоставительные отношения между однородными членами. При наличии сопоставительных союзов занятая ставится между однородными членами перед второй частью союза: По своему положению Валько не только имел право, а обязан был пользоваться последней возможностью переправиться на ту сторону Донца (Фадеев).

**Употребление однородных и неоднородных определений**

Определения бывают однородными в следующих случаях:

1. Если определения перечисляют различительные признаки многих одноименных предметов: На огромном расстоянии разлёгся город и тихо пламенел и сверкал синими, белыми, жёлтыми огнями.

2. Если определение характеризуют один и тот же предмет по признакам, которые можно перечислить в одном логическом ряду: Он протянул мне тонкую, изящную, красивую руку;

3. Если определение характеризуют один и тот же предмет по близким, союзным признакам: И тихая, скромная речка огласилась фырканьем, плеском и криками (Чехов).

Неоднородными являются такие определения когда первое из них определяет всё последующие сочетание в целом как одно понятие:

Ранняя суровая зимняя заря проступала сквозь мёртвенную дымку.

(Фадеев).

Работая со студентами над темой «Однородные члены предложения» мы предлагаем им составить предложения с однородными членами предложения, а также выполнить задания.

*Задание 1. Перепишите ставя нужные запятые.*

1. О ней ни слуху ни духу (Пушкин).
2. Марья пошатнулась и, не издав не единого звука, повалилась на землю.
3. Видели понимали, что здесь убийство и глазам не верили.

*Задание 2. Подчеркните однородные члены предложения, поставьте запятые.*

1. Знамёна плакаты портреты цветы плыли над колонной демонстрантов.

2. Берёзы тополя липы клёны распространяли весеннее благоухание по всему парку.

3. Пароходы баржи плоты лодки несла на себе могучая река.

4. В тундре в тайге в степях работают геологоразведочные партии.

5. Внимание всех посетителей выставки привлекал к себе пожилой человек в очках с тростью в калошах.

6. В труде в борьбе в испытаниях закаляются воля мужество характер.

*Задание 3. Из текста «Природа Таджикистана» выпишите предложение с однородными членами предложения. При этом укажите однородные подлежащие, сказуемые, дополнения, определения, обстоятельства.*

**Например**: Таджикистан – горная страна с разнообразными, горными, климатическими условиями (с какими? – однородные определения).

Задание 4. Из текста «Животные Таджикистана» выпишите предложения с однородными членами предложения. Укажите однородные подлежащие, сказуемые, дополнения, определения, обстоятельства. Поставьте вопросы к однородным членам.

**Например**: На суше, в реках и озёрах Таджикистана живут множество разнообразных животных (где? – однородные обстоятельства).

В результате объяснения прослушивания, чтения и осмысления данной темы, на основе выполненных практических заданий и упражнений студенты осваивают тему: Однородные члены предложения.

Данная грамматическая тема рассчитана на один час и преподавателю будет необходимо задавать дополнительные задания по данной теме. Это способствует студентам лёгкому освоению как лексического, так и грамматического материала в целом.

## Литература

1. Дудников А.В., Арбузов А.И., И.И.Ворожбицкий. Русский язык.- Москва: «Высшая школа», 1988

2. Земский А.М., Крючков С.Е. Русский язык. Москва: «Просвещение», 1990

3. Семигулова Д.С., Корсакова Д.Н. (редакторы). Русский язык (Учебное пособие для нерусских студентов).- Ташкент: «Укитувчи», 1989

## ОДОБИ РОҲБАРӢ ВА ИДОРАКУНӢ ДАР РИСОЛАИ «АЛОМОТИ ИҚБОЛ ВА ДАВЛАТ» -И АБӮБАКРИ РОЗӢ

***Ҳайдарова Сабоҳат Саидовна*** - *номзади илмҳои фалсафа, муовини декани факултети азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, Душанбе, к. Саид Носир 33, тел.: (+992 37) 224 82 80, 985-13-07-63.*

Дар мақола нуқтаи назари Абӯбакри Розӣ оид ба одоби роҳбарӣ ва идоракунӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Аз ҷумла дар мақола қайд гардидааст, ки андешаҳои мутафаккири бузург оид ба ахлоқи роҳбарӣ ва идоракунӣ дар замони мо низ арзиши худро гум накардаанд.Ба андешаи муаллиф Абӯбакри Розӣ асоси баланд гардидани этикаи идоракунӣ ва роҳбариро дар тарбияи нафс ва ба ақл тобеъ намудани он мебинад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *идоракунӣ, роҳбарӣ, нафс, ахлоқ, фазилат, разолат, ақл, адолат*

## ЭТИКА РУКОВОДСТВА И УПРАВЛЕНИЯ В ТРАКТАТЕ «ПРИЗНАКИ УСПЕХА И БОГАТСТВА» АБУБАКРА АР-РАЗИ

***Хайдарова Сабохат Саидовна*** – *кандидат философских наук, заместитель декана факультета переподготовки и повышения квалификации Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, Душанбе, ул. Саид Носира 33, тел.: (+992 37) 22482 80.*

В данной статье анализируются взгляды Абубакра ар- Рази, касающиеся руководства и управления. В статье подчеркивается, что идеи великого мыслителя об этике управления и руководства в наше время не потеряли свою ценность. По мнению автора, основой этики управления и руководства Рази считает воспитание души в подчинении ее разуму.

***Ключевые слова:*** *управление, руководство, душа, этика, достоинство, подлость, разум, справедливость.*

## ETHICS OF GOVERNANCE AND ADMINISTRATION IN THE TREATISE "SIGNS OF SUCCESS AND WEALTH" BY ABUBAKR AR-RAZI

***Haidarova Sabohat Saidovna*** - *Candidate of Philosophy, Deputy Dean of the Faculty of Retraining and Advanced Studies of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992 37) 22482 80.*

This article analyzes the views of Abubakr Ar-Razi concerning governance and administration. The article emphasizes that the ideas of the great thinker about the ethics of governance and administration have not lost their value in our times. According to the author, the basis of the ethics of governance and administration of Razi is the upbringing of the soul in submission to its mind.

***Key words:*** *administration, governance, soul, ethics, digniy, mind, justice*

Дар охири асри XX миллати куҳанбунёди тоҷик, пас аз ҳазор соли суқути давлати Сомониён аз нав соҳиби давлати мустақили миллӣ шуда, дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қарор дорад. Бунёд ва таҳкими ҷомеаи навин, қабл аз ҳама, ба худшиносӣ ва худогоҳӣ зарурат дорад, ки он бидуни рӯй овардан ба мероси волои фарҳангии ин миллати дорои тамаддуни бостонӣ ғайриимкон аст. Мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани афкори иҷтимоию сиёсӣ ва анъанаҳои воло ва арзишманди идоракунӣ ва роҳбарии давлат дар осори мутафаккирони гузашта аз аҳамият холӣ набуда, насли имрӯзаи ҷомеаро бо сарчашмаҳои асили маънавии миллат ошно хоҳад сохт. Гузашта аз ин, дар шароите, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ тахти таъсири равандҳои номатлуби ҷаҳонишавӣ ба бухрони ахлоқию маънавӣ дучор гардида, арзишҳои иҷтимоии волои миллӣ то андозае коста гардидаанд, низомҳо ва ниҳодҳои идоракунанда ва роҳбарикунанда ба мадад, маслиҳат ва тарбияи ахлоқӣ ниёз доранд. Таҳлили осори ахлоқию маънавӣ ва афкори идоракунии мутафаккирони гузашта, ки саршор аз панду андарз ва падидаҳои ибратомӯзи зиндагии инсонӣ, хиради идоракунӣ мебошанд, барои ҷавонон ва хизматчиёни давлатӣ аҳамияти басо муҳим пайдо мекунад. Яке аз чунин мутафаккирони бузурге, ки осори илмии ӯ доир ба ин масъалаҳо аз аҳамият ва арзиши олӣ бархӯрдор аст, донишманд ва алломаи асримиёнагии Шарқ Абӯбакр Муҳаммад Ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ мебошад. Номбурда бо барафрӯхтани чароғи илму маърифат ва эҳёи тамаддуни ниёгони пурифтихори ин миллати куҳансол дар охири асри IX ва аввали асри X дар амри пешрафти маънавиёт ва фарҳанги миллии мо саҳми боризе гузоштааст. Розӣ ба ҳамин масъала дахолат намуда, дар рисолаи «Аломоти иқбол ва давлат» чандин аломатҳои иқболу давлатро дар масъалаҳои роҳбарӣ ва идоракунӣ нишон додааст, ки онҳо иборатанд аз:

- комёбӣ ба даст овардан дар илм;
- вобаста ва муносиб омадани амрҳо ва пайдарҳамиву анҷомпазирии онҳо;
- вобастагии рафтори нафс ва мувофиқат кардани он ба тартибу раёсати муайян;

- вобастагии майлу ишқи раёсат доштан ва афзунии кӯшиши шахс ба сӯйи он;

- ҳалимӣ ва эҳтиёткорӣ;

- фазилат, росткорӣ, дақиқии ҳиссиёт ва зикру пешгӯӣ карда тавонистан;

- интихоби рафиқони беҳтарин;

- эҳтироми тобеон;

- майл доштан ба адолат ва нафрат ба зулму ситам; [1,119]

Ба ақидаи Абӯбакри Розӣ дар илм комёбӣ ба даст овардани шахс яке аз беҳтарин ва асоситарин аломатҳои иқболу давлат дар раванди роҳбарӣ ва идоракунӣ мебошад ва дар ин бобат чунин мегӯяд: «Яке аз аломоти иқбол вобаста ба он аст, ки шахс дар илм комёбӣ ба даст оварад».[1,119] Мутафаккир дуруст ҳисоб мекунад, ки инсон метавонад тавассути илму хиради баланди хеш ба ҳама гуна пешравиҳо ва комёбиҳо муваффақ ва сазовори эҳтироми умум гардад, ки ин албатта, далел ба хушбахтӣ ва аломати иқболи он шахс аст. Дар ҷараёни амри идоракунӣ содир намудани амру фармон ва қабули қарорҳо кори ҳамарӯзаи роҳбар мебошад. Агар амру фармон содир ва қарор қабул шавад, вале иҷрои он назорат ва таъмин нашавад, ё ки имрӯз фармон ва қарор содир гардаду рӯзи баъд он бекор карда шавад, яъне амру фармон ва иҷрои он ба ҳамдигар мувофиқат накунанд, ин аломати бемасъулиятӣ ва саҳлангорӣ, беэътиборӣ ва нотавонӣ ба ҳисоб рафта, ба пешравии фаъолияти идоракунӣ ва роҳбарӣ монеъ мешавад. Абӯбакри Розӣ муносибу муназзам омадан ва сари вақт иҷро шудани амру фармон ва қарорҳоро дар низоми идоракунӣ барои роҳбар, яке аз сабабҳои асосии аломоти иқболу давлат ҳисобида чунин мегӯяд: «аломати дигари иқбол ва давлат вобаста ба омоди муносиби амрҳо ва пайдарҳамиву анҷомпазирии онҳо мебошад. Мувофиқату пайдарҳамии онҳо вобаста аст ба пешравии амрҳое, ки хоҳ шариф бошанд ва хоҳ ночиз. Валекин дар корҳои бузург ҳатман амрҳо ба ҳамдигар мувофиқат дошта бошанду далолати якдигар бикунанд…».[1,119]

Розӣ муътақид аст, ки яке аз аломатҳои дигари иқбол ва давлат дар раванди роҳбарӣ ва идоракунӣ «вобастаи рафтори нафс ва мувофиқат кардани он ба тартибу раёсати муайяне мебошад, ки он бештар бо сифатҳои баландҳимматӣ, саховатмандӣ, далерӣ, фозилӣ ва устувору қавӣ гардидани дараҷаи камолот алоқаманд мебошад». [1,120] Ӯ чунин ҳисоб мекунад, ки шахс дар раванди фаъолияти худ ба ин қабил сифатҳо он гоҳ ноил мегардад, ки «… вай мартабаеро хоҳон шуда, ба воситаи истифодаи он мартаба ва бо кулли амалҳои нафсӣ ва моддии худ кӯшиш бикунад». [1,120] Аз ин мулоҳизаҳои Розӣ бармеояд, ки кӯшиш барои роҳбар дар низоми идоракунӣ дар мақоми аввал аст. Роҳбари соҳибмартаба бояд серкӯшишу боғайрат бошад, то ки дар фаъолияти кории худ ба дараҷаи баланди камолот бирасад ва дорои фазилатҳои беҳтарини роҳбарӣ гардад, лекин агар роҳбар дар фаъолияти кории худ кӯшиш накунад, нисбат ба

кор бепарво бошад, ӯ ба ҳеҷ чиз ноил намегардад, самти фаъолияти кории худро идора карда наметавонад ва беиқболу бедавлат мегардад.

Абӯбакри Розӣ оид ба масъалаи муносибати сиёсатмадорон, роҳбарон ва тобеон дахл намуда, дар низоми роҳбарӣ дар роҳбар вуҷуд доштани сифатҳои беҳтарини фазилатро сабаби пешрафти иқболу давлат медонад ва чунин мегӯяд: « … аломоти дигари иқболу давлат вобаста ба фазилат, ростқорӣ, дақиқии ҳиссиёт ва зикру пешгӯи карда тавонистани ҳамаи он чизҳое мебошад, ки дар гузашта ва меомада бо шахс рӯй хоҳанд дод». [1,121] Розӣ ин масъаларо мавриди таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки сиёсатмадор дар кору фаъолияти худ он гоҳ ба пешравӣ муваффақ мешавад, ки агар « … дар байни амрҳои сиёсатмадору тобеон ҳисси қаноатмандӣ ҳосил гардад». [1,121] Аз ин суханони мутафаккир чунин бармеояд, ки ӯ сиёсатмадорон ва роҳбаронро даъват ба он менамояд, ки онҳо дар идоракунӣ дорои фазилатҳои баланди роҳбарӣ бошанд, дар содир намудани амру фармон ва қабули қарорҳо ба фарҳанги баланди сиёсӣ такя намоянд, то ки тобеон аз онҳо ва онҳо аз тобеон қаноатманд бошанд.

Розӣ дар робита бо баррасии муносибати байни роҳбарон ва тобеон мегӯяд: « аломоти дигари иқболу давлат вобаста ба дараҷаи эҳтимому эҳтироми тобеон ва асҳобон нисбат ба шахси боиқболу бодавлат аст. Тобеону асҳобон дар ҳолатҳои рӯйдоди ногуворе, ки он агарчанде аз зарурат ба вуҷуд омада бошад ҳам, ба ҳамдигар содиқ бимонанд. Шахси раёсатманд дар ҳолатҳои баландии мартабааш ҳам, ҳамеша хоҳони эҳсон буда, аз бадкориву бадандешӣ худро нигоҳ дорад. … маҳз ҳамин ҳолат ба соҳибиқболу соҳибдавлат будани раёсат далолат мекунад». [1,121]

Абӯбакри Розӣ дар рисолаи «Аломоти иқбол ва давлат» инсонро беҳтарин атои Худованд ва табиат ҳисоб карда, инсондӯстиро яке аз аломатҳои асосию беҳтарини иқболу давлат ба қалам додаст: «….ва аломати дигари иқболу давлат вобаста ба он аст, ки агар қалби шахс аз бадбинӣ, бадандешӣ ва кинаварзӣ пок буда, вай нисбат ба рафиқонаш ҳурмату эҳтиром дошта, онҳоро беҳтарин атои табиат шуморад. Он шахс дигаронро дӯст дорад ва дарислоҳи онҳо бикӯшад ва ҳаргиз чунин набошад, ки аз пайи фасоиди онон гардад». [1,122] Розӣ инсонро маҳсули иҷтимоӣ донистa, ӯро бидуни ҷомеа ва кӯмаки байниҳамдигар тасаввур карда наметавонад. Ба қавли мутафаккир инсонро ҷомеа ва касбу ҳунарҳо ба мартабаи баланди иҷтимоӣ мебарад. Агар инсонҳо гирди ҳам омада, бо такя бар кумаки якдигар ҷомеаро насозанд, чунин ҷомеа бебунёд хоҳад буд. Тамоми инсонҳо дар ҷомеа наметавонанд як шуғл дошта бошанд, зеро инсонҳо ба мавод ва маҳсулоти гуногуни дуредгарӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ ва касбу кори гуногун аз қабили муаллимӣ, табибӣ, тоҷирӣ, бинокорӣ, муҳандисӣ ва ғайра ниёз доранд ва онҳо ҳама дар маҷмуъ ҷомеаи инсониро ташкил медиҳанд. Ҷомеа дар навбати худ ба гурӯҳҳои идоракунанда (роҳбарон) ва иҷрокунанда (коргарон ва

кормандон) тақсим мешавад, ки миёни онҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ тафовуте вуҷуд надорад, бинобар ин, сарфи назар аз мақому мартабаи худ дар ҷомеа онҳо бояд бо якдигар меҳрубон бошанд ва эҳтироми якдигарро ба ҷо оваранд. Инсонҳо танҳо дастаҷамъӣ метавонанд тамоми мушкилиҳоро ҳалу фасл карда, давлати бофазилат ва инсонпарварона ташкил намоянд.

Ақидаи Розӣ дар бораи мақулаи адолат ба ақидаҳои сиёсии ӯ дар робитаи ногусастанӣ қарор дорад. Розӣ адолатро яке аз аломатҳои асосии иқболу давлат дониста, таъкид мекунад, ки «аломати дигари иқболу давлат вобаста ба он аст, ки шахс ба адолат майл намуда, ба зулму ситам нафрати комил дошта бошад. … устувории мулк вобаста ба қонунҳои боадолати ӯ, аз қабили ҳазар кардан аз сустбунёдӣ, вайроншавӣ, аз душманону мухолифон ва инчунин нисбат ба онҳо эҳтиром доштан мебошад». [1,122]

Дар шарҳи мақулаи адолат аз тарафи Розӣ чунин бармеояд, ки ин мақула барои ӯ ҳамчун меъёри баҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ хизмат менамояд. Абӯбакри Розӣ адолатро на фақат меъёри арзёбии муносибати байни инсонҳо медонад, балки ӯ ин мақуларо яке аз аломатҳои асосии иқболу давлат ҳисобида, ба воситаи он арзёбии фаъолияти давлатдорӣ ва сиёсати ҳокимону давлатмандон, муайян кардани симо ва фаъолияти онҳо ва дар ниҳояти кор, ба воситаи адолат тартибу низоми ҷамъиятиро мехоҳад муайян намояд.

Барои муайян намудани ин ё он мафҳум бояд мафҳуми дар муқобили он қарордошта мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Аз мероси ахлоқии Розӣ маълум мешавад, ки файласуф фазилатҳои ахлоқиро бо разолатҳои ахлоқӣ муқобил мегузорад. Агар дар фазилатҳои ахлоқӣ адолат ҳукмфармо бошад, дар разолатҳои ахлоқӣ беадолатӣ ҳоким мебошад. Адолат зеботарин фазилат ва беадолатӣ зишттарин разолат аст. Адолат асоситарин аломати субот ва устувории давлат аст, аммо беадолатию зулм асоситарин унсури харобиовар ва табоҳии давлат мебошад. Устувории мулк вобаста ба қонунҳои одилонаи ҳокимону давлатмандон мебошад, ки ба ин қонунҳо ба ақидаи Розӣ инҳо дохил мешаванд:

а) ҳазар кардан аз сустбунёдӣ;
б) ҳазар кардан аз вайроншавӣ;
в) ҳазар аз душманону мухолифон;
г) эҳтиром доштан нисбат ба душманону мухолифон;
д) дастури кори худ намудани «дастурамали адолатпешагӣ».

Ба ақидаи мутафаккир дар натиҷаи иҷро шудани чунин қонунҳои одилона, шавқу алоқаи дигарон нисбат ба сиёсати чунин ҳокимон – роҳбарон, афзоиш мекунад, ки ин боиси устувории давлат хоҳад шуд. «Дастурамали адолатпешагӣ», инсонҳо ва ҳокимонро ба некию накӯкорӣ, хайрхоҳӣ, эҳтирому эҳсон ва раҳму шафқат водор менамояд. Ба ақидаи Розӣ фақат адолат ҷомеаро ба низом дароварда, дӯстии байни одамонро мустаҳкам мекунад. Адолат на фақат мақулаи ахлоқӣ, балки иҷтимоӣ - сиёсӣ низ мебошад ва ба воқеияти ҷамъиятӣ баҳо дода

метавонад. Розӣ ба аҳамияти иҷтимоии мақулаи адолат диққати махсус медиҳад, зеро ба ақидаи ӯ адолат муносибатҳои одамонро дар ҷомеа ба низом меоварад ва ҷомеа бидуни муносибатҳои байниҳамдигарии инсонҳо вуҷуд дошта наметавонад, танҳо адолат сабаби ягонагӣ ва устувории ҷомеа хоҳад гашт.

Ба қавли Розӣ аз адолат давлат пойдор гардида, мардум осуда зиндагӣ мекунанд, зеро адолату ақл дар ягонагӣ ва якҷоягӣ вуҷуд доранд ва онҳо якдигарро пурра менамоянд. Ақлу адолат ҳамеша дар ҷустуҷӯи ҳамдигар мебошанд ва бо ҳам муттаҳид шуда, қаҳру ғазаб, зулму хашм ва беадолатиро аз миён мебаранд. Аз ин ҷост, ки роҳбари оқилу одил худро пойбанди хашму зулм ва бедолатӣ накарда, бараъкс, тамоми рафтору кирдори ӯ ботамкину қаноату адолат таҳти фармони ақл мебошад. Чунин инсон, хоҳ фарди оддӣ бошад ва хоҳ ҳокиму подшоҳ (роҳбар) ба мақсаду мароми хеш хоҳад расид.

Абӯбакри Розӣ дар тафсири адолат аз маҳдудаи иҷтимоии даврони худ берун нарафта бошад ҳам, як қатор андешаҳои инсондӯстона баён мекунад. Ӯ адолатро на фақат асли муҳимтарини ахлоқӣ медонад, балки онро ҳамчун асоси маънавии ваҳдати аъзои ҷомеа ба қалам медиҳад.

Омӯзиши асарҳои Розӣ нишон медиҳанд, ки ӯ адолатро ҳамчун мақулаи асосии ахлоқӣ бо чунин сифатҳои дигар аз қабили некӣ, накӯкорӣ, хайрхоҳӣ, эҳсон, раҳму шафқат, лутф ва ғайра вобаста медонад. Масалан ӯ некӣ ва накӯкориро яке аз сифатҳои адолат шуморида, таъкид мекунад, ки адолат меваи некӣ аст. Кирдору рафтори нек дар сиришти одамон беадолатиро нобуд карда, адолатро парвариш менамояд. Некӣ ва накӯкорӣ ба инсонҳо имконият медиҳад, ки дар ҷомеа аз зарару бадиҳо эмин бошанд ва соҳиби эҳтироми ҷомеа гарданд. Сулҳу субот ва адолатпешагӣ дар байни инсонҳо сабаби пешрафту шукуфоии ҷомеа мегардад ва пешрафти ҷомеа дар навбати худ сабаби некӯаҳволии мардумон хоҳад гашт. Аз чунин ақидаҳо маълум мешавад, ки Розӣ сабаби тамоми нобаробариҳои ҷомеаро дар паст будани фарҳанги маънавии инсонҳо мебинад ва одамонро ба он даъват менамояд, ки бо роҳи насиҳату раҳму лутфи худ ва инсонҳои дигарро ҳамаҷониба ташаккул диҳанд. Дар натиҷаи чунин тарбия инсон накӯкор, нексиришт, пок ва покизарӯзгор ва соҳиби эҳтироми аҳли ҷомеа хоҳад гардид. «…Инсон агар сират дуруст кунад ва рафторашро нек созад, аз зарари мардум наҷот меёбад ва соҳиби ҳурмат мегардад. Инсон ба шарофати покӣ аз шарру ногуворӣ эмин мемонад. Агар кас ба мардум насиҳат кунад, ба онҳо раҳму лутф намояд, обӯруяш баланд мешавад». [1,122]

Розӣ некию накӯкорӣ ва хайрхоҳиро яке аз аломатҳои асосии иқболу давлат медонад ва соҳиб шудан ба ин сифатҳоро ба амри як қуввае вобаста медонад, ки ин қувва ба нафс алоқаманд аст ва дар ин бора чунин мегӯяд: «Аломати дигари иқболу давлат вобаста ба майл кардани шахс ба рафиқон, ҳамроҳон ва ёрони мувофиқ буда, онҳо

ҳамеша толиби салоҳияти корҳои ҳамдигар ва дар ҳар гуна вазъият тақозои дӯстии якдигарро дошта бошанд. Ғайр аз ин онҳо ба ҳамдигар ихлосманд бошанд. Барои амалӣ шудани ин амрҳо қувваеро дошта бошанд, ки он давомдиҳандаи сифатҳои нек ва касро ҳамеша ба ҷониби хайр биравонад. Ин гуна қувва бо нафси шахс алоқаманд буда, аз вай ҳаргиз ҷудоӣ намепазирад. Ва он қувва ҳеҷ гуна бадие ба шахсияти ӯ раво набинад. Онҳо бе якдигар зиндагиро ҳам тасаввур карда наметавонанд. Амалӣ шудани ин амрҳо, пеш аз ҳама, вобаста ба натиҷаи дурусти муборизаи онҳо бо қувваҳои рақибангез аст». [1,121]

Аз нигоҳи Розӣ қувваи бузурге, ки инсонро бо роҳи некӯ, накӯкорӣ ва хайрхоҳӣ ҳидоят менамояд, ҳамон нерӯи «ақл» аст, ки ҳамеша дар муқобили нафс ҳаракат мекунад ва бо ӯ дар набарди оштинопазир аст. Розӣ чунин мешуморад, ки роҳбар дар низоми идоракунӣ бояд накӯкор ва хайрхоҳ бошад ва дар фаъолияти худ, пеш аз ҳама, бояд ба ақл такя кунад, зеро ақл тамоми рафтору амалҳои инсонро идора ва ба фаъолияти ҳиссии ӯ назорат мекунад. Танҳо дар ҳолати ба ақл тобеъ шудани нафс инсон метавонад ҳавою ҳавасро шикаста, амалҳоеро иҷро намояд, ки оқибаташ ба некӣ анҷом ёбад.

Хулоса, ин андешаҳои мутафаккири бузург оид ба ахлоқи роҳбарӣ ва идоракунӣ дар замони мо ҳам арзиши худро гум накардаанд. Абӯбакри Розӣ разолатҳои ахлоқиро таҳлилу шарҳ дода, оқибати манфии онҳоро нишон медиҳад ва тавсия менамояд, ки ҳар он чизи бадеро, ки мо дар ҷомеа мебинем, бояд ба он пайравӣ нанамоем, балки аз вай барҳазар бошем ва дар муқобилаш ба он аз рӯйи фазилатҳои инсонӣ амал намоем.

Розӣ вазифаи асосии ахлоқу одоби роҳбариро дар ислоҳи ахлоқии нафси саркаш ба воситаи таълиму тарбия мебинад. Бо ин роҳу усул нафси нотиқа, ба камол расида, сабаби шикасти ҳавою ҳаваси нафси саркаш мегардад, ки дар натиҷаи он нафси саркаш ба ақл тобеъ мегардад ва он сабаби пайдоиши фазилатҳои ахлоқии инсонӣ мегардад. Чунин инсонҳо (роҳбарон) дар ҳаёти худ соҳиби сиёсати писандида мегарданд ва дигарон дар раванди зиндагӣ мехоҳанд, ки мисли онҳо шаванд.

Андешаҳои Розӣ оид ба ахлоқи роҳбарӣ ва идоракунӣ дар замони ҳозира низ дорои аҳамият аст. Онро метавон дар шароити кунунӣ дар тарбияи ахлоқии роҳбарон ва низомҳои идоракунии давлатӣ дар ҷомеа истифода намуд.

Албатта, замони мо ин замони Абӯбакри Розӣ нест. Фосила зиёда аз даҳ асрро ташкил мекунад, лекин сарфи назар аз ин дар тарбияи нафси саркаш ва ба ақл тобеъ намудани он, барои ноил шудан ба ахлоқи ҳамида дар замони ҳозира низ аз усулу роҳҳои нишондодаи Абӯбакри Розӣ эҷодкорона истифода бурдан мумкин аст.

**Адабиёт:**

1. Розӣ Закариё. Аломоти иқбол ва давлат.\\Мунтахаби осор. Душанбе: Адиб, 1989.С.156.119,120,121,122.

2. Абӯ Бакр ар – Рази. Духовная медицина . Душанбе, Ирфон. 1990.

3. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон (таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна) Душанбе, Ирфон 1998 .

4. Богоутддинов А. М. Очерки по истории таджикской философии. Сталинабад. Таджикгосиздат, 1961.

5. Богоутдинов А. М. Избранные произведения. - Душанбе, 1980

6. Геюшева З. Этические взгляды восточных мыслителей (перипатетиков). - Баку: , 1982. 180с.

7. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. Душанбе, Адиб, 1989.

8. Исоев М. Общность и отличие этики Рози и Мискавайха. \\ Известия Академии наука Республики Таджикистан. № 4, Душанбе, 1992 .

9. Қулматов Н. Сирати ахлоқии Абӯбакри Розӣ.\\ Садои Шарқ, № 11, 1988, Душанбе, саҳ. 110 – 115.

10. Осимӣ М. Алломаи машриқзамин.\\ Садои Шарқ, №8, Душанбе,1987.

11. Осимӣ М.Нобиғаи айём\\ Садои Шарқ.№9, Душанбе,1973.

12. Шад П.Г.Закария Рази-иранский материалист и атеист раннего средневековья.\\Вопросы философии.№3,1958.

13. Шамолов А.А. Ҳуҷҷатулислом Ғазолӣ андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ. Душанбе, 1996.

14. Шамолов А.А. Абу Бакр ар-Рази. Духовная медицина\\Известия АН РТ. Серия философии и прав. № 3.1991.

## ҶОМЕАИ ОРМОНИИ «МАДИНАИ ФОЗИЛА»-И АБӮНАСРИ ФОРОБӢ

***Абилова Гуландом Сардоровна*** - *н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,734003, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33, тел: (+992)918-79-08-87, e-mail: abilova.78@mail.ru*

***Бобоназаров Искандар Субҳонқулович*** *-магистранти Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33, тел: (+992)985 95 00 28.*

Дар мақола муаллифон шоҳкори илмию таърихии олим, ҷомеашинос, муаррих, файласуф, донишманд ва мутафаккири оламшумул Абӯнасри Форобӣ рисолаи «Мадинаи фозила» ва таълимоти ӯро дар бораи ҷомеаи ормонӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *давлат, давлатдорӣ, сарвар, подшоҳ, қудрат, инсон, иҷтимоӣ*

## ИДЕАЛЬНОЕ ГОСУДАРСТВО В ТРАКТАТЕ «МАДИНАИ ФОЗИЛА» АБУНАСРА ФАРАБИ

***Абилова Гуландом Сардоровна*** - *к.ф.н., доцент, заведующая кафедрой социально-гуманитарных наук Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33, тел: 918-79-08-87, e-mail: abilova.78@mail.ru*

***Бобоназаров Искандар Субхонкулович*** - *магистрант Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33, тел: 985 95 00 28.*

В статье авторы рассматривают шедевр научного и исторического труда выдающегося ученого, социолога, философа, энциклопедиста и всемирного мыслителя А.Фараби трактат «Мадинаи фозила» (Идеальный город) и его учение об идеальном обществе.

***Ключевые слова:*** *государство, государственность, глава, государь, сила, человек, общественный*

## AN ULTIMATE STATE IN THE TREATISE "MADINAI FOSILA" BY ABUNASR FARABY

***Abilova Gulandom Sardorovna***- *Candidate of Philosophy, Associate Professor, Head of the Department of Social and Humanitarian Sciences of the Institute of*

*Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: 918-79-08-87, e-mail: abilova.78@mail.ru*

***Bobonazarov Iskandar Subkhonqulovich*** - *postgraduate student of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: 985 95 00 28.*

The authors of the article consider the masterpiece of scientific and historical work by the outstanding scientist, sociologist, philosopher, encyclopaedist and world thinker A. Farabi "Madinai fozila" (Ideal city) and his doctrine of an ideal society.

***Key words:*** *state, statehood, head, prince, force, human, public*

Дар таърихи афкори ахлоқию сиёсӣ ва иҷтимоии башар нақши мутафаккирони бузурги Осиёи Миёна ва Шарқи Наздик ба мисли Абӯалӣ ибни Сино, Абӯалӣ ибни Мисковайҳ, Ибни Туфайл, Ибни Боҷа, Ибни Рушд, Муҳаммади Ғазолӣ, ки дар таҳқиқу баррасии паҳлуҳои гуногуни масоили сиёсию ҳуқуқӣ саҳми беназир доштанд, ниҳоят бузург аст. Зеро андешаҳои ахлоқии онон дар беҳбудии бисёр самтҳои ҳаёти иҷтимоӣ асрҳо инҷониб таъсири файзбахши бузурги худро мегузорад. Дар ин радиф таълимоти ахлоқию сиёсӣ ва иҷтимоии яке аз мутафаккирони маъруфи Осиёи Марказӣ – Абунасри Форобӣ мақоми шоиста дорад

Доир ба таҳқиқ ва омӯзиши афкори ахлоқӣ, сиёсиву иҷтимоии Форобӣ як қатор олимону донишмандон, аз ҷумла Қодиров К., Спиркин А., Ҳусейнзода Ш., Шарифов Х., Комилов Р., Диноршоев М., Сотиволдиев Р.Ш., Зокиров Г.Н., Камолова Х.Қ., Ҳайдарова С.С, Камолова М. Р., Гафуров Б.Г., Касымжанов А.Х., Диноршоева З. ва чанде дигарон нақши муҳим гузоштаанд. [1] Бо вуҷуди он ҳанӯз ҳама паҳлуҳои осори ин мутафаккири бузург пурра мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор нагирифтааст.

Форобӣ мероси басо ғании илмӣ боқӣ гузоштааст. Теъдоди асарҳои Форобӣ аз 80 то 130 номгӯйро, тибқи маълумоти дигар, 160 номгӯйро

[1] Гафуров Б.Г., Касымжанов А.Х. Ал-Фараби в истории культуры. Москва: «Наука», 1975.-181с. А.М.Богоутдинов. Очерки по истории таджикской философии. Сталинабад: «Таджикгосиздат», 1961.-332с. М.Д. Диноршоев, Р.С. Комилов. Таърихи фалсафа-Душанбе: «Собириён», 2011.-528с. К. Қодиров. Таърихи фалсафаи тоҷик-Душанбе: «Маориф», 1998.-272с. Ш.Ҳусейнзода, Х.Шарифов. Фанни шеър-Душанбе: «Ирфон», 1985.-192с. Комилов Р. Фалсафаи тоҷик аз аҳди бостон то имрӯз-Душанбе: «Ирфон», 2011.-304с. Р.Ш. Сотиволдиев. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ-Душанбе: «ЭР- граф», 2011.-460с. Назарияи ҳуқуқ ва давлат.- «Душанбе», 2002.-543с. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Ҷилди 1.-Душанбе: «Империал-Групп», 2010.-484с. Камолова Х.Қ., Ҳайдарова С.С, Камолова М.Р. Этика ва эстетика-Душанбе: «Истеъдод», 2010.-188с. Диноршоева З. М. Гражданская философия Ал-Фараби.- Душанбе,- 2005.-323с.

ташкил медиҳад. Асарҳои ӯ ба масоили мухталиф, аз ҷумла ба фалсафа, маърифат, таснифи илмҳо, риёзӣ, нуҷум, мусиқӣ, физика, кимиё, тиб, оптика, биология, назм, ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, сохти иҷтимоӣ, сиёсат, давлатдорӣ, ҳуқуқ, ахлоқ, тарбия ва ғайра бахшида шудаанд.

Бояд қайд кард, ки Форобӣ айбу иллати замонашро сахт танқид кунад ҳам, сабабҳои моддии ин бадбахтиҳоро ҳаматарафа маънидод карда натавонистааст. Ба фикри ӯ ҳамаи бедодӣ ва ҷаҳолат аз костагии ахлоқи одамон падид меояд. Аз ин рӯ, файласуф ақл ва донишро тарғиб карда, ба ҳамин восита одамонро аз бадбахтӣ ва ноумедиҳо дур карданист. Дарвоқеъ то замоне, ки вазъи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа тағйир наёбад, ахлоқу одоби одамон беҳтар намегардад. Форобӣ ҳамчун инсонпарвар ба дӯстию рафоқат аҳамияти махсус дода, мардумро қатъи назар аз нажоду миллаташон ба ягонагию муттафиқӣ даъват кардааст. Мақсади асосии таблиғи ин афкор аз он иборат буд, ки халқ осоишта ва бофайз зиндагӣ кунад. Бинобар ин, Форобӣ дӯстӣ ва бародариро ба бадӣ ва зиддияти байни одамон, ки дар ҳақиқат маҳсули ҷамъияти синфӣ мебошад, муқобил мегузорад.

Ғояҳои дӯстӣ дар афкори Форобӣ мазмуни умумибашарӣ дорад. Лекин бояд қайд кард, ки ӯ ба моҳияти асли (принсипи) дӯстӣ ва нақши он дар системаи муносибатҳои иҷтимоӣ сарфаҳм рафта наметавонист.

Аз қарори маълум, дар ҷомеае, ки истисмори одам аз тарафи одам ҳукмрон аст, муносибати байни одамон ба монеаҳои сиёсӣ-иқтисодӣ, табақавию синфӣ дучор мегардад. Бояд қайд кард, ки орзуҳои нек ва хаёлҳои ширини Форобӣ фақат дар ҷамъияти комили демократӣ ҷомаи амал пӯшида метавонист.

Дар низоми меъёрҳои иҷтимоӣ ҳуқуқ ва ахлоқ нақши асосиро мебозанд. Бештари муносибатҳои ҷамъиятӣ, масоили муҳимтарини ҳаётӣ тавассути ҳуқуқ ва ахлоқ танзим мегарданд. Ахлоқ асоси ҳуқуқро ташкил медиҳад. Аввал ахлоқ ва баъд ҳуқуқ пайдо шудааст. Муносибатҳое, ки онҳоро ҳуқуқ танзим мекунад аз тарафи ахлоқ низ танзим мешаванд, вале масъалаҳое, ки соҳаи танзими ахлоқианд, мавзӯи ҳуқуқи танзимӣ нестанд.

Бесабаб нест, ки таносуби ҳуқуқ ва ахлоқ яке аз масъалаҳои афкори сиёсиву ҳуқуқии башар гардидаанд. Оид ба ҳуқуқ назарияҳои ахлоқӣ ҷой доранд. И. Кант ва Гегел ҳуқуқро тавассути ахлоқ меомӯхтанд. И. Кант мафҳуми «қонуни ахлоқӣ»-ро пешниҳод мекунад, ки он дар ботини шахси алоҳида («қонунгузории дохилӣ») қарор дорад. Риояи ин «қонуни ахлоқӣ» асоси риояи ҳуқуқ мегардад. Форобӣ низ аҳамияти арзишҳои ахлоқиро дар таъмини адолат таъкид мекард. Дар эҷодиёти Форобӣ ахлоқ нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқӣ аввалин эътироф шуда, ахлоқи ҳамидаи шоҳон, вазирон, дигар мансабдоронро асоси бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва таъмини қонуният мешуморид. [7,177]

Ақидаҳои Форобӣ дар бораи тарбияи меҳнатӣ ва омӯхтани касбу ҳунар низ ҷолиби диққат аст. Дар назарияи Форобӣ меҳнату ҳунар на танҳо воситаи ба даст овардани неъматҳои моддӣ, балки воситаи тарбияи ахлоқ ҳам мебошад.

Тамоми сифатҳои ақлонӣ, ахлоқӣ ва эстетикии инсон дар раванди меҳнат инкишоф меёбад. Ҳамин тариқ. ба ақидаи Форобӣ барои ба мақсади олӣ расидан инсон бояд пайваста меҳнат, кӯшиш ва ғайрат кунад.

Форобӣ ба масъалаҳои таъсири муҳит ба инсон аҳамияти калон медод. Ӯ муҳитро тарбиятгари асосӣ, таъсири онро муҳимтарин омили инкишофу такомули одам мешумурд. Табиист, ки агар муҳити хубу вазъияти солими иҷтимоӣ-психологӣ ва ахлоқӣ муҳаё бошад, он ба таълим ва тарбияи шахс таъсири мусоид мерасонад.

Дар чунин муҳит ҳар гуна рафторҳои ношоиста, беадолатӣ, бадахлоқӣ ва ғайра маҳкум шуда, фазилатҳои ахлоқии шоистаи инсон таърифу тавсиф карда мешаванд. Мутафаккир, махсусан, ба таълиму тарбияи наврасон, ба муҳити онҳо диққат дода, навишта буд, ки муҳит ба кӯдак ҳам таъсири мусбат ва ҳам таъсири манфӣ расонида метавонад.

Бинобар ин, тарбиятгар бояд хислатҳои одамони гирду атрофро омӯхта, ба инкишофи кӯдакон ёрӣ расонад. Форобӣ таъсири муҳит ва тарбияи муайяни ташаккули инсонро хуб дарк кардааст. Мутафаккир қайд мекунад, ки одамон табиатан зишту хуб намешаванд, балки фақат дар натиҷаи таъсири муҳит, омӯзиш ва парвариш метавонанд хуб ё зишт шаванд.

Форобӣ исрор мекунад, ки инсон маҳсули муҳит мебошад. Форобӣ гарчанде ки мавқеи дар ташаккули шахсиятдоштаи муҳити иҷтимоиро дуруст таъкид намояд ҳам, онро ба таври илмӣ тавзеҳ намедод. Ӯ таҳти мафҳуми иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, шакли идоракунӣ ва қонунҳои ҷории давлатиро дар назар дошт. Ҳамзамон дар таълимоти фалсафии Форобӣ ақидаҳои этикӣ мавқеи хос доранд. Зимни баёни ақидаҳои иҷтимоию сиёсии худ ӯ ба мақулаҳои ( категорияҳои) муҳими этикӣ аҳамият додааст. Файласуф дар рисолаи «Китоб-ут-танбеҳ ало сабил-ис-саодат» бахтро дараҷаи камолоти инсонӣ медонад, ки ҳар фард барои ба он расидан бояд кӯшиш кунад. [12.579]

Адолат дар таълимоти фалсафии Форобӣ мавқеи махсусро ишғол намудааст. Ақидаи Форобӣ дар бораи адолат ва умуман ахлоқ ба шароити иҷтимоӣ ва мафкураи замонаш алоқаи зич дорад. Файласуф заминаи иҷтимоии масъалаи мазкурро, ки аслан аз воқеияти феодалӣ сар мезанад, ошкор карда натавониста, онро ба такмили ахлоқ, илму дониш, адолат вобаста мекунад.

Файласуф қайд мекунад, ки одамон аз ҷумла ҳокимони сиёсӣ ахлоқи худро такмил дода, нафси хешро покиза ва латиф дошта, илму донишро аз худ карда, аз ҷабру зулми иҷтимоӣ ва маънавӣ озод шуда метавонанд. Яъне Форобӣ низ чун Афлотун ва Арасту тағйирёбии ҷомеаро ба фаъолияти

шахсони алоҳида ва хусусан, шоҳон вобаста мекунад. Чунин тарзи ҳалли масъала ба шароити давраи феодализм вобаста буд, чунки тамоми масъалаҳои муҳими ҷамъиятӣ аз тарафи монархияи мутлақ ҳал карда мешуд.

Дар низоми андешаҳои сиёсию ичтимоии Абӯнасри Форобӣ назарияи ҷомеаи ормонӣ ва ё ба истилоҳ "мадинаи фозила" мақоми махсус дорад. Аз назари мутафаккир ҷомеаи инсонӣ ба маънои умумӣ инсониятро фаро мегирад. Аммо, бинобар ҷой доштани хусусиятҳои мутафовити халқҳои ҷудогона, иттиҳоди одамони мансуб ба халқияти муайян иттиҳоди алоҳидаи одамонро ташкил медиҳанд. Иттиҳоди хурдтар дар ҳудуди шаҳр ташкил мешавад. Ҳамзамон деҳот, маҳалла, кӯча, шаклҳои нопурраи иттиҳоди одамон ба шумор меравад.

Форобӣ дар зимни чунин тафовути шаклҳои иттиҳоди инсонӣ хусусиятҳои фарқкунандаи халқро муайян мекунад. Ба назари ӯ, як халқ аз халқи дигар «бо се хислати табиӣ фарқ мекунад: урфу одати табиӣ, феъли табиӣ ва … забон». Ин хислатҳои табиӣ, ки хоси ҳар халқ мебошад, зимни зисти халқ дар муҳити муайяни ҷуғрофӣ, истифода аз об, ҳаво, растаниҳо ва унсурҳои дигари табиӣ ташаккул меёбанд.

Форобӣ ду намуди мадинаро ҷудо мекунад: 1) мадинаи фозила («ал-мадинат ал–фозила») 2) мадинаи ҷоҳила («ал-мадинат ал-ҷоҳилия»).

Ҳамзамон хислати фозиларо дар назарияи Форобӣ мадина (шаҳр), ҷомеа, халқ, мадоин, ҳамаи халқҳо (кулли замин) дошта метавонад. Ба ақидаи ӯ, дар мадинаи фозила «иттиҳоди одамон ҳадафи кӯмаки ҳамдигарро дар корҳое доранд, ки зимни онҳо саодати воқеӣ муваффақ мегардад». Ҷомеае, ки «дар он одамон баҳри ноил гаштан ба саодат ба ҳамдигар кӯмак мекунанд, ҷомеаи фозила мебошад».

Мадинаи фозиларо Форобӣ ба бадани солими инсонӣ шабоҳат дода, алоқаву равобити байни узвҳои бадани инсонро мисли вобастагии байни ҳамаи аъзои мадина тавсиф мекунад. Ба назари ӯ ҳамаи аъзои мадина агар чанде вазъи мухталиф доранд, ба ҳам вобастаанд. Ҳамзамон таъкид мешавад, ки аъзои мадина зимни иродаашон амал намуда, мисли узвҳои бадан табиӣ нестанд. [4.451]

Сарвари (раиси) мадинаи фозила шахси накӯкори соҳибэҳтиром буда, ҳадафи асосии ӯ ноил гаштан ба саодати ҳамаи аъзои мадина аст. Сарвари мадинаи фозила бояд имом бошад. Имоми мадинаи фозила ҳам раҳбари ҷамоати мусулмонон ва ҳам ҳоким аст.

Дар мадинаи фозила танҳо некӣ ва адолат ҳукмфармо буда, дар он ҷо беадолатӣ ва бадӣ ҷой надоранд. Форобӣ сифатҳои зарурии сарвари мадинаи фозиларо муайян мекунад:

1) доштани узвҳои мукаммали фаъолият;

2) қобилияти дарки амиқи иттилоот;

3) фаромӯшхотир набудан;

4) қобилияти баланди зеҳнӣ;

5) нутқи возеҳу оммафаҳм;
6) завқ ба маърифат;
7) қаноатпешагӣ дар истеъмоли хӯрок ва амалҳои дигар:
8) майл ба ростӣ ва парҳез аз дурӯғ;
9) покии виҷдон;
10) ҳазар намудан аз симу зар;
11) адолатпешагӣ нисбат ба ҳама;
12) ҷасорату далерӣ, худдорӣ аз тарсу ҳарос.

Бояд гуфт, ки таваҷҷуҳи Форобӣ ба масъалаи зикршуда бесабаб набуд. Дар назарияи ӯ сохти иҷтимоии ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳими таҳлилӣ мебошад. Дар раванди таҳлили таркиби иҷтимоии аҳолӣ мутафаккир кӯшиши муайян намудани сохти иҷтимоии мадинаи фозиларо низ ба харҷ медиҳад.

Бояд гуфт, ки таҳлили таркиби иҷтимоии аҳолӣ дар робита бо ҳадафҳои асосии фалсафаи сиёсии мавсуф сурат мегирад. Ӯ, масалан, муътақид ба он аст, ки инсон ба туфайли ақлу фитраташ аз олами ҳайвонот фарқ мекунад, вале ин сифатҳои инсонӣ бинобар табиӣ буданашон қодир нестанд ба пуррагӣ камолоти инсонро таъмин намоянд. Аз ин рӯ, инсон ниёз ба нутқ ва касбу ҳунарҳо дорад. Ҳамзамон файласуф муътақид аст, ки нутқ ва касбу ҳунарҳо (санъат) танҳо зимни равобити байни одамон дар иттиҳоди инсонӣ имконпазиранд. Ҳамчунин нақши баланди омилҳои маънавии муваффақ гаштан ба саодат, пеш аз ҳама ахлоқ, таъкид мешавад.

Форобӣ зимни таҳлили намудҳои гуногуни касбу ҳунар ба кишоварзӣ, чорводорӣ, моҳидорӣ, бофандагӣ, санъати мусиқӣ, санъати ҳуқуқшиносӣ, тиб, суханварӣ, хаттотӣ ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

**Сохти иҷтимоии мадинаи фозиларо** низ Форобӣ дар робита бо таркиби аҳолии замонаш муайян мекунад. Ӯ аз ҷумла табақаҳои аҳолиро аз рӯйи вазъу қобилият ҷудо намуда, ба гурӯҳҳои зайл ишора мекунад: сарвари мадина ва муқаррабони ӯ **(зинаи аввал);** одамони дигар, ки дар робита бо ҳадафҳои гурӯҳи аввал фаъолият доранд (**зинаи дувум**); сипас, одамони дигар, ки дар робита бо ҳадафҳои гурӯҳҳои зикршуда амал мекунанд; одамоне, ки хизмат мекунанд (**зинаи поёнӣ**). Форобӣ ҳамчунин дар хусуси кишоварзон, чорводорон, ҳунармандон, руҳониён, одамони машғул ба меҳнати ҷисмонӣ ва маънавӣ сухан меронад. [1.154-155]

Тибқи назарияи ӯ, мадинаи фозила вазифаҳои зайлро ба ӯҳда дорад: таъмини адолат, баланд намудани сатҳи маърифати аҳолӣ, таълими илмҳо, тарбияи ахлоқиву зеҳнии аҳолӣ, тарғиби одобу рафтори накӯ, майл ба саодат ва кӯмак ба мадоини хориҷ аз ин бахш, ҳимояи сокинони мадинаи фозила аз ҳамлаи душмани хориҷӣ, равобити судманд бо кишварҳои хориҷӣ зимни эҳтироми одамон, ҳамзистии одамон дар ҳолати сулҳу ҳаёти осоишта, татбиқи адолати судӣ ва ҷазои мунсифона нисбат ба онҳое, ки ба муқобили мадинаи фозила ҷанг эълон намуда, амволи сокинонашро ғорат намудаанд.

Ба назари файласуф, вазифаи асосии давлат камолоти маънавии шахс баҳри саодат буда, ҳамаи вазифаҳои дигари иқтисодиву сиёсӣ бояд тобеи ин вазифаи асосӣ бошанд. Ба ақидаи ӯ, давлате, ки бо вазифаҳои танҳо иқтисодӣ маҳдуд гашта, сиёсатро ҳадафи асосии худ қарор медиҳад, давлати ҷоҳила аст.

Ғояи ҷомеаи ормонӣ дар таълимоти мутафаккир дар бораи мадинаи фозила ё ҷомеаи фозила инъикоси равшани худро ёфтааст. «Мадинае, ки — менависад Форобӣ - дар он иттиҳодияи одамон ба мақсади ба даст даровардани бахти ҳақиқӣ дар фаъолияти ба ҳамдигар муовинат мекунанд, мадинаи (шаҳри) фозила номида мешавад. Ва ҷомеае, ки ҳамкории одамон бо мақсади ба даст овардани хушбахтӣ нигаронида мешавад, ҷомеаи фозила номида мешавад». Тавре ки аз ин таъриф бармеояд, яке аз меъёрҳои муҳимтарини мавҷудияти низоми мадинаи фозила иттиҳодияи одамон ва муовинати байниҳамдигарии аъзои он дар раванди меҳнат ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти одамон мебошад, ки ба ҳайси истеҳсоли воситаҳои эиндагӣ ба амал бароварда мешавад. Тибқи таъйиноти роҳҳою ҷораёни ҳосил кардани саодати ҳақиқии инсон низ чизи дигаре ҷуз ҳамин мақсад нест.

Меъёри дуюми мавҷудияти мадинаи фозиларо Форобӣ ба фазилату низоми оқилона дар иҷрои корхои шахсию ҷамъиятӣ вобаста медонад. Ӯ муътақид буд, ки агар ниҳоди давлат дар асоси меъёрҳои оқилона ва дарки дурусту ҳақиқии қонуниҳои фалсафа танзим нашуда бошад, пас ҳатман бояд онро тағйир дод».[13.109] Мадинаи фозила, - менависад Форобӣ, — нафақат мадинаи муовинати байниҳамдигарию комёбшавӣ ба саодати ҳақиқӣ ва танзими оқилонаи он аст, балки мадина адолат низ ҳаст.

«Адолат - қайд мекунад файласуф,— ин пеш аз ҳама, таксимоти одилонаи тамоми неъматҳои моддӣ миёни сокинони мадина... ва инчунин маҳфуз доштани онҳо аст, ки байнашон тақсим мешавад. Ин неъматҳои моддӣ муҷиби офиятмандӣ, дороӣ, некуаҳволӣ ва дигар хайриёт ба сахо мансуб аст. Форобӣ ҳамчун инсони адолатпарвар рӯй додани ҳодисоти беинсофию суистеъмолкунии гурӯҳи муайяни намояндагони ашроф ё худи онҳоро мушоҳида карда, бо эътироз ва қатъиян бартараф кардани ин амалҳоро талаб мекунад. Дар баъзе мавридҳо, мегӯяд Форобӣ, накде, ки ҳиссаи василаи хушии афроде ғайриқонунӣ ва новобаста ба иродаи ӯ аз дасташ берун рафтааст, пас онро ҳатман бояд бо арзиши мутаносибаш ба соҳиби он баргардонда шавад, то ин ки меъёри адолат риоя гардад. Умуман, мафҳуми адолат дар андешаи Форобӣ ба маънои тақсимоти дурусти молҳои ниёзи ҳамагон ва низоми муайяни муқаррар кардани имтиёз аст ва ҷазоҳо дар миёни сокинони мадина вуҷуд надорад.

Форобӣ муътақид буд, ки фақат дар он ҳолат мадина фозила шуда метавонад, ки дар он муовинати байниҳамдигарии одамон, саодати ҳақиқӣ, раёсати оқилонаю одилона пойдор ва инчунин низому сохтори он мувофиқи талаб сурат гирад.

Яке аз тарафҳои сохтори мадинаи фозиларо мутафаккир дар низоми дурусти маъмурию усули садорату раёсат медид. Мувофиқи он, дар маснади олии низоми маъмурии мадинаи фозила подшоҳ — раис карор дорад. Азбаски мақсади мавҷудияти инсон ба даст овардани хушбахтист ва вазифаи аввалини инсон маърифат мебошад, вале барои он имкониятҳояш хеле маҳдуд аст, вай ба тарбиягару раҳнамое эҳтиёҷманд мешавад. Худи ҳамин эҳтиёҷот зарурати роҳбару раҳнамоеро ба миён меорад, ки ба фикри Форобӣ танҳо шоистаи имом аст. Имом ва раҳнамо дар мадинаи фозила ба таъбири файласуф «раис-ил- аъло- ал-итлок»' (дар интихоби амал озод) аст, ки тибқи ин дар силсилаи мартабаҳои иҷтимоӣ—сиёсӣ ба ҳеҷ ваҷҳ ниёзманди раис ва махдуме нест ва худ аз болои иҷтимоъ дастур медиҳад. Вай ҳар фардро вобаста ба лаёқату истеъдодаш ба ҳирфае (ҳунар), ки муносиби ӯ аст, тарбияву сафарбар намуда, саодати ҷомеаро таъмин мекунад.

Форобӣ ҳамчунин тарафдори консепияи фаъолиятнокии иктисобӣ ахлоқро ба ду қисм ҷудо мекунад: а**хлоқи ҳамида ва ахлоқи замима**. Аммо озодии ирода ба дараҷаи камолоти ахлоқ вобаста аст. Мувофиқи назарияи ӯ ирода мақулаи психологӣ мебошад. Бинобар ин, вақте ки дар бораи саодат ҳамчун мақулаи ахлоқӣ сухан меронад, вай чунин фикреро ба қайд мегирад, ки асоси рафтори инсон ба табъ, мизоҷ, феъли хуб ва табиати ӯ вобаста аст. Агар инсон ҷисми солим ва руҳи ором дошта бошад аз вай ҳамеша рафтори шоиста ва зебанда бармеояд. Агар ҷисму танаш солим набошад, руҳаш ва хаёлаш пароканда бошад, рафтор ва кирдораш ҳатман ба талаботи ҷомеа мувофиқ намеояд.

Сарвари давлати накӯкор, ба ақидаи Форобӣ, бояд сатҳи баланди такомули ақливу ахлоқӣ дошта бошад. Вазифаҳои давлатро мутафаккир дар пойдории адолат, маърифатии халқ, таҳсили одамон, тарбияи ахлоқиву зеҳнии халқ, паҳн гаштани некӣ ва ахлоқи ҳамида мебинад. Мақсади асосии давлат дар таъмини хушбахтии одамон аст.

Мутафаккир назарияи давлатдории мадинаи фазиларо инкишоф дода, муътақид аст, ки пешравии сиёсӣ бо роҳиислоҳот, таҳти сарварии ҳокими боақлу хирад ба амал меояд. Ба ақидаи ӯ аксари ҳунару касб барои хизмат ба дигарон ҳастанд, аммо санъати сарварӣ хизмат ба дигарон нест, он санъати идора кардани одамон аст. [14.59]

Форобӣ дар асарҳои худ «Сиёсат ал-маданийя», «Орои аҳли маданийят - ал -фозила» чунин қайд мекунад, ки мақсади олии инсон бо туфайли амалиёти неку саодатманд шудан аст. Одами накӯкор ҳамчун мавзӯи омӯзиши этика мафҳуми муҷаррад (абстракт) нест. Фақат он некӯиҳое, ки ба фоидаи давлат нигаронида шуда, тартиботи ҷомеаро бароварда мегардонад, писандида мебошад. Форобӣ некӯкориро ба **ду қисм** ҷудо кардааст. Қисми якуми онро ақлонӣ (**интеллектуалӣ)** номидааст, ки ҳамаи хусусиятҳои он бо роҳи тарбия ва омӯзиш ҳосил мешавад. Қисми дуюмашро ахлоқи некӯкорӣ номидааст, ки бо ёрии одат ба даст меояд. Ба фикри Форобӣ фазилати

ақлонӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Хулқу атвори бад, хасисӣ, бахилӣ, фиребгарӣ ва монанди он боиси залолат мегардад. Барои ҳамин ҳам инсонро тарбия лозим аст. Кори нек амалиёти бошуурона ва поквиҷдониро талаб мекунад. Инсон табиатан накӯкор нест. Табиат барои некӯкор шудан фақат имконият медиҳад. Ин имконият туфайли фаъолияти инсон воқеъ мегардад. Некӣ, ки сабаби саодат аст, некии табиӣ набуда, балки дар натиҷаи мудохилаи ирода некии табиӣ шуда метавонад. Бадие, ки барои ба даст овардани саодат халал мерасонад, бадии табиӣ шуда наметавонад, лекин он низ дар зери таъсири қувваи ирода ба вуҷуд меояд. Яъне ҳар дуи онҳо ҳам хубу ҳам бад, маҳз натиҷаи фаъолияти инсон мебошад. Некие, ки аз ирода бармеояд, фақат бо панҷ қувваи руҳии инсонӣ маърифат мешавад: назариявӣ, дарккунанда, амалӣ, хоҳишмандӣ, мутахаййила ва ҳиссӣ.

Саодате, ки инсон ба ақли худ мефаҳмад ва дарк мекунад, фақат бо ёрии қувваи назариявии дарккунанда ҳосил карда мешавад. Ин ҳамон вақт рӯй медиҳад, ки агар ӯ аз мабдаъ ва донишҳои аввалия, ки ба он ақли фаъол додааст, истифода барад. Вақте ки инсон саодатро дарк намуд, дар қувваи хоҳишмандии ӯ хоҳиши пурзӯре ҳосил мешавад ва фикр мекунад, ки чи бояд кард, ки онро бо ёрии қувваи амалии дарккунанда ба даст овард. Сипас он амалиётеро, ки ба ногузирии иҷрои он бо роҳи тафаккур омад, ба воситаи олатҳои қувваи хоҳишмандӣ анҷом медиҳад. Қувваи мутахаййила ва қувваи ҳиссӣ, қайд мекунад мутафаккир, бо ёрии қувваи идрок бармеоянд ва ба ӯ ёрӣ медиҳад, ки инсонро ба амалиёте, ки дар натиҷаи он вай соҳиби саодат мегардад, саргарм намоянд. Некие, ки аз ирода пайдо мешавад фақат ҳамин тавр ба вуҷуд меояд. На бо қувваи мутахаййила ва на бо қувваи ҳиссӣ саодатманд шудан ғайри имкон аст. Қувваи идрокӣ низ на ҳама қудрати дарк намудани онро дорад, вай онро ҳамон вақте дарк мекунад, ки агар барои ба даст овардани саодат кӯшиш кунад. Лекин, қайд мекунад Форобӣ, инсон аз қувваи хоҳишмандӣ истифода бурда, ба мақсади худ мекӯшад, барои ин бошад ба ӯ қувваи мутахаййила ва ҳиссӣ ёрӣ медиҳанд. Аммо ҳамаи он чизе, ки дар ин вақт ба вуҷуд меояд, бадист. Ба ҳамин монанд, агар инсон саодатро фаҳмад ва дарк намояд, вале барои ба даст овардани он истодагарӣ намояд ва онро мақсади охирини худ қарор надиҳад, ё онро нахоҳад, ё ки онро ба қадри зарурӣ хоҳад, ҳаргиз ба мақсади неки худ намерасад. Инсон баъзан ба ҷойи саодат дигар чизҳоро мақсади хоҳиши худ қарор медиҳад ва ҳамаи қувваашро барои ба даст овардани он сарф мекунад, аммо ҳамаи он чизе ки дар ин ҳолат ба вуҷуд меояд, вай бадӣ мешавад. ».[11.58]

Мафҳуми некӯ-некӯкорӣ дар таълимоти ахлоқии мутафаккир ҳаргиз муҷаррад нашуда, балки мазмуни мушаххаси иҷтимоӣ дошт. Абӯнасри Форобӣ, ки худ зидди макру фиреб буд, ҷаллобию порахӯрӣ, зулму ситам, бедодию беадолатии табақоти ҳоким ва доро аз болои табақаҳои поёнии камбизоат ва нотавонии ҷомеа, ки аз ҳадду ҳудуд гузашта буд, ба фикру

андешаҳои амиқ фурӯ рафта, табдил ва илоҷи ҳалли ин масъаларо ҷустуҷӯ мекард. Вақте ки Абӯнасри Форобӣ дар хусуси бартараф кардани зулму ситам, фисқу фасод ва умуман ҷамъи фаъолияти зишту зоҳирӣ ва ботинии инсоният сухан меронад ва тамоми ҷомеаро ба адлу инсоф, ростию накӯӣ даъват менамояд. Ӯ, пеш аз ҳама, табақаҳои доро ва ҳокими соҳибихтиёрро дар назар дорад, зеро тамоми ҷабру ситам, фисқу фасод ва маҷмӯи аъмоли зишт, ки ба харобӣ ва парешонии ҳаёти иҷтимоӣ мебарад, аз тарафи онҳо ба амал меояд. Бинобар ин, Абӯнасри Форобӣ ҳамчун мутафаккири инсонпарвар, зулму истобдод, беадолатӣ, фисқу фасод, кинаву адолатро мазаммат карда, накӯкорию хайрхоҳӣ, адолати иҷтимоӣ, эҳтироми тарафайн ва ғайраро тарғибу ташвиқ мекард. Маҳз, ба ҳамин мақсад вай ғоя ва назарияи ҷомеаи ормониро бо тамоми хусусияту вижагиҳояш офарида, ба ин восита подшоҳону сарварони замонашро ба сӯйи бунёди ҷомеаи солим раҳнамун гардонидааст.

Хизмати бузурги Форобӣ дар он аст, ки ӯ дар таърихи афкори асримиёнагӣ якумин шуда, таълимотро дар бораи тараққиёти ҷомеа кор карда баромад. Дар инкишофи минбаъдаи афкори сиёсии мардуми Шарқу Ғарб Форобӣ нақши босазое гузоштааст.

**Адабиёт**


1. Қодиров К. Таърихи фалсафаи тоҷик-Душанбе: «Маориф»,1998.-272 с.
2. Спиркин А. Асосҳои фалсафа-Душанбе:«Маориф»,1991.-544 с.
3. Ҳусейнзода Ш, Х.Шарифов.Фанни шеър-Душанбе: «Ирфон»,1985.-192 с.
4. Абӯнасри Форобӣ. Ас-сиёсат ал-мадания.-Теҳрон: «Суруш»,1996.-451 с.
5. Комилов Р. Фалсафаи тоҷик аз аҳди бостон то имрӯз-Душанбе: «Ирфон», 2011.-304 с.
6. Диноршоев М. Д., Комилов Р.С. Таърихи фалсафа-Душанбе: «Собириён», 2011.-528 с.
7. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат.-«Душанбе», 2002.-543с.
8. Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ-Душанбе: «ЭР-граф», 2011.-460 с.
9. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ-Душанбе: «ЭР-граф», 2010.-520 с .
10. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ - Душанбе: «Деваштич», 2007.-602 с.
11. Камолова Х.Қ., Ҳайдарова С.С, Камолова М.Р. Этика ва эстетика-Душанбе: «Истеъдод», 2010.-188 с.
12. Энсиклопедияи Советии Тоҷик, ҷилди 6. саҳ.579
13. Шаймухамбетова Т. Б. Арабоязызная философия средневековья и классическая традиция (нач. период).—Москва: 1979.-324 с.
14. Буриев И.Б.Таърихи афкори сиёсию ҳуқуқӣ.(Курси лексияҳо).-Душанбе:2002.- 224 с.

## МУҲАҚҚИҚИ ВАРЗИДАИ ТАЪРИХИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ХУРОСОН

***Қодиров Довар Саидаллоевич*** - *муаллими калони кафедраи идоракунии давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992) 987103625, e-mail: dovar.qodirov.88@mail. ru*

Дар мақолаи мазкур саҳми илмии Ҳақназар Назаров ҳамчун муҳаққиқи варзидаи таърихи Осиёи Марказӣ ва Хуросон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф иброз доштааст, ки мероси илмии Ҳақназар Назаров оид ба таърихи Осиёи Марказӣ ва Хуросон ӯро ба қатори чеҳраҳои мондагори илми таърихшиносӣ ва ҳамчунин ховаршиносии қарни XX ва ибтидои қарни XXI ворид месозад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *Ҳақназар Назаров, Осиёи Марказӣ, Хуросон, Сомониён, Дурраниҳо, ҷунбишҳои мардумӣ, Ҳабибуллоҳи Калаконӣ, Аҳмадшоҳи Масъуд*

## ИЗВЕСТНЫЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ИСТОРИИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ И ХОРАСАНА

***Кодиров Довар Саидаллоевич*** - *старший преподаватель кафедры государственного управления Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г.Душанбе, ул.Саида Носира 33. тел.: (+992) 987103625, E-mail: dovar.qodirov.88@mail. ru*

В настоящей статье рассматривается научный вклад Хакназара Назарова как известного исследователя истории Центральной Азии и Хорасана. Автор убеждён что, научное наследие Хакназара Назарова доказывают, что он является известным историком- востоковедом по изучение данного региона в период XX и начале XXI веков.

***Ключевые слова:*** *Хакназар Назаров, Центральная Азия, Хорасан, Дурраниды, Саманиды, народные движения, Хабибулло Калакони, Ахмадшах Масуд*

.

## PROMINENT RESEARCHER OF THE HISTORY OF CENTRAL ASIA AND KHORASAN

***Qodirov Dovar Saidalloevich*** - *senior lecturer of the Department of Public Administration of the Institute of Public Administration under the President of the*

*Republic of Tajikistan,734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33. Phone: (+992) 987103625, E-mail: dovar.qodirov.88@mail.ru*

This article examines the scientific contribution of Haknazar Nazarov as a prominent researcher of the history of Central Asia and Khorasan. The author is convinced that Haknazar Nazarov's scientific heritage proves that he is truly a well-known historian-orientalist on the study of this region during the twentieth and early twenty-first centuries.

***Key words:*** *Haknazar Nazarov, Central Asia, Khorasan, Durranids, Samanids, popular movements, Habibullo Calakoni, Ahmadshah Massoud*

Ҳақназар Назаров 20 апрели соли 1931 дар деҳаи Сангвори водии Вахиё дар хонаводаи Назари Бадеъ яке аз чеҳраҳои бонуфузи водӣ ба дунё омада буд. Дар мактаби деҳа бо шавқу ҳаваси беандоза таҳсил мекард. Соли 1940 падари ӯ Назари Бадеъ, ки худ яке аз масъулони муҳоҷиркунии аҳолии ин диёр буд, бо хонаводааш ба ноҳияи Ҷилликӯл (ҳоло ноҳияи Дӯстӣ-Д.Қ.) муҳоҷират намуд. Баҳори соли 1942 падари хонадон дар синни 45- солагӣ аз олам даргузашт. Модар низ муддате баъд аз реҳлати шавҳараш аз ҳаёт даргузашт. Ҳақназари ҷавон бесарпаноҳ ва бесарпаноҳ монд. Мавсуф пиёда ҳамроҳи модарандар ва хоҳарони хурдсоли худ аз Ҷилликӯл роҳи Вахиёро пеш гирифтанд. Дар солҳои 40-уми қарни XX Ҷанги Бузурги Ватанӣ идома дошт ва зиндагӣ дар тамоми гӯшаву канори мамлакат, аз ҷумла дар деҳот низ хеле мушкил гардида буд. Ҳақназар чанд муддат дар хонаи амакаш зиндагӣ намуд ва оқибат ӯро тирамоҳи соли 1943 ба хонаи бачагони деҳаи Шулмаки Ғарм супурданд. Акнун ӯ сарпаноҳ дошт, бо хӯроку пӯшок ва ҳам имконияти таҳсил дар мактаб таъмин буд.

Соли 1945 омӯзишгоҳи педагогии Ғарм ифтитоҳ гардид ва Ҳақназар Назаров дар омӯзишгоҳ ба таҳсил пардохта онро соли 1948 хатм намуд. Баъдан, солҳои 1948-1953 дар факултети таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи милии Тоҷикистон-Д.Қ.) таҳсил намуда, онро бо баҳои аъло хатм намуд ва солҳои 1953-1954 барои кор ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб фиристода шуд. Пас аз як соли муаллимӣ дар ин Донишкада дар соли 1955 ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, дар соли 1958 онро хатм намуд[11].

Худи ҳамон сол дар мавзӯи «Очерки таърихи Кӯҳистон дар нимаи дуюми асри XIX ибтидои асри XX» диссертатсияи номзадиашро дифоъ намуда, дараҷаи илмии номзади илмҳои таърихро соҳиб гашт. Бояд таъкид намуд, ки рисолаи номзадии худро устод таҳти роҳбарии узви вобастаи АИ ҶШСТ З. Ш. Раҷабов ҳимоя намуда буд[14].

Ҳақназар Назаров ҳангоми таълифи диссертатсияи номзадии худ, ки яке аз мавзӯъҳои кам таҳқиқшудаи таърихи Тоҷикистон ба шумор мерафт,

аз маъхазҳои зиёди бойгонӣ, осори хаттии адабиёти тоинқилобии рус ва маълумоти шифоҳие, ки аз мӯйсафедони ин минтақаи болооби Зарафшон гирд оварда буд, истифода намудааст. Мавсуф дар диссертатсияи худ дар бораи сохти сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии Кӯҳистон то ҳамроҳшавӣ ба Русия, ҳамроҳшавии Кӯҳистон ба Русия ва сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии Кӯҳистон дар нимаи дуюми қарни XIX ва ибтидои қарни XX маълумоти арзишманд фароҳам овардааст.

Бо ҳамроҳшавии Кӯҳистон ба Русия ба парокандагии сиёсии минтақа хотима гузошта шуд. Вале аҳволи оммаи заҳматкаш, ки дар шароити хеле вазнини иқтисодӣ зиндагӣ мекард, беҳтар нашуд. Ҷиҳати мутараққии ин ҳамроҳшавиро ёдовар шуда, муаллиф ҳамчунон сиёсати истисморгаронаи ҳукумати подшоҳии русро нисбат ба оммаи халқи заҳматкаши Кӯҳистон нишон додааст[11,14].

Як боби диссертатсия таҳти унвони «Сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии Кӯҳистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX» дар маҷмӯаи нахустини корҳои илмии аспирантони ДДТ ба номи В. И. Ленин соли 1957 ба табъ расида буд[14].

Баъд аз ҳимоя намудани диссертатсия Ҳақназар Назаров, як қатор мақолаҳоро аз қабили «Аҳамияти таърихии экспедитсияи Искандаркӯл», «Ба таълими фанни таърих бештар диққат дода шавад», «Рӯдакӣ ва даврони ӯ» дар матбуоти даврӣ ба нашр расонд[11].

Соли 1958 дар АИ РСС Тоҷикистон шуъбаи шарқшиносӣ таъсис ёфт ва устод аз зумраи аввалин ходимони илмии он буд. Дар ташаккулёбии Ҳақназар Назаров ҳамчун донишманди номдор сарвари шуъбаи шарқшиносӣ А. Мирзоев саҳми бориз гузошт ва ӯро ба масоили омӯзиши таърихи тоҷикони Афғонистон маҳз ӯ ҷалб намуд.

Аммо ин кори мушкил буд, зеро баъд аз тақсимоти сарзамини тоҷикон аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонӣ – русу англис, замони тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ ва сарҳадбандии сангини давлати Шӯравӣ дар таърихнигории навини тоҷик касе ба он иқдом накарда буд. Аз тарафи дигар, идеологияи давлати Шӯравӣ имконият намедод, ки ин мавзӯъ мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Дар ин хусус пажӯҳишгари таърихшинос Н. Амиршоҳӣ чунин нигоштааст: «Барои бошандагони Тоҷикистон масоил то ҳадде сахту пӯшида гашта буд, ки ҳатто Ҳақназар Назаров барин донишмандон тассавур карда наметавонистанд, ки дар Афғонистон тоҷик буда бошад. А. Мирзоев, ки шарти эҳтиётро ҳамеша риоя мекард, аз «фош шудани» ин мавзӯи пешниҳодкардаи хеш, ки барои он рӯзгор кофӣ буд, ки касро ба гунаҳгории сиёсӣ кашанд ва нобуд созанд, кори оқилонае кард, яъне номи мавзӯъро чунин сохт: «Таърихи равобити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Бухоро ва Афғонистон аз асри XVIII то замони мо» [18,50].

Донишманди дақиқназар Ҳақназар Назаров нахустин монографияи пурарзиши худро бо номи «Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурраниҳо то ғалтидани аморати Бухоро» [1] соли 1963

ба нашр расонд. Дар раванди таълифи монографияи мазкур устод аз маъхазҳои зиёди бойгонӣ, асарҳои муаллифони афғонӣ ва бухороӣ ва ғайра истифода намудааст. Умуман, муҳаққиқ мақсадҳое, ки барои инъикоси ин давраи таърихӣ дошт, аз уҳдааш ба хубӣ баромадааст. Ба ин монография муҳаққиқони хориҷӣ баҳои баланд доданд ва онро таҳқиқоти бунёдӣ дар илми таърихнигорӣ донистанд.

Устод баъди навиштани ин асари худ дар хусуси тоҷикони Афғонистон маълумоти зиёд дастрас намуд. Аммо боз ҳам идеологияи давр дар хусуси тоҷикони Афғонистон ошкоро ақида баён намудан, мамониат эҷод менамуд.

Новобаста аз фишору маҳдудиятҳо устод Ҳ.Назаров мехост, ки таърихи воқеии тоҷиконро эҷод намояд.

Устод Ҳ.Назаров дар омӯзиши таърихи Афғонистон аз пайравони консепсияи пешниҳоднамудаи олими рус И.М. Рейснер буд. Вале дар ин солҳо як навъ инҳирофе аз ин консепсия сурат гирифта буд, ки манофеи стратегии Шӯравӣ, таърихнигориро низ ба сиёсати худ тобеъ гардонида буданд. Дар Тоҷикистон ин қоида сахт риоя мешуд ва касе ҷуръат надошт, ки аз ин қолаби дар Маскав муайяншуда берун барояд. Консепсияи дар таърихнигории Шӯравӣ ҳукмрон ин буд, ки ба қавми паштун ҳамчун қавми аксарият ва қавми давлатсоз муносибат намуда, нақши дигар халқҳо, аз ҷумла тоҷикон (ҳамчун аққалияти миллӣ) дар таърих ва фарҳанги ин сарзамин нодида гирифта мешуд. [19,87]

Аммо ба қавли Н. Амиршоҳӣ, устод низ дар камоли эҳтиёткорӣ кӯшиш ба харҷ медод, ки дар таҳқиқоти баъдии худ номи «тоҷик»-ро камтар истифода бурда, бештар калимаи «мардум»-ро ҳамчун синоними калимаи «тоҷик» мастур дорад[18,51].

Дар солҳои баъдӣ мавзӯи марказии илмии муҳаққиқро ҷунбишҳои мардумӣ дар Афғонистон ташкил медод. Устод дар ин хусус асарҳои «Роҷеъ ба хислати ҷунбишҳои мардумии охири қарни XIX дар Афғонистон»[2] ва «Аз таърихи ҷунбишҳои оммавии мардуми Афғонистон дар ибтидои қарни XX» [3] ба чоп расонданд.

Сафари Афғонистон аз соли 1970 то 1973 дар ҷамъоварии маводи зиёд барои таҳқиқоти минбаъдаи муҳаққиқ замина гузошт.

Соли 1973 Ҳақназар Назаров дар ҳаммуаллифӣ китоби дарсии «Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Миёна»-ро[4] бо забони тоҷикӣ ба нашр расонид, ки ба он як зумра донишмандон тақриз навиштанд. Ин китоб низ аз ҷониби хонандагон хуб қабул карда шуд.

Донишманди нуктасанҷ Ҳақназар Назаров соли 1976 асари калонҳаҷми таҳқиқотии худро зери унвони «Ҷунбишҳои мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ дар Афғонистон (охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX)»[5] дар нашриёти «Ирфон», зери таҳрири Б.И. Искандаров ба нашр расонд, ки асоси диссертатсияи докториаш гардид. Соли 1978 дар Институти мамлакатҳои Осиё ва Африқои назди Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов онро бо

муваффақият ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих гардид. Ба монографияи устод як қатор муҳаққиқон М.Гулҷонов, А.Мухторов, М.Бобохонов ва И. Бечка баҳои баланд доданд.

Дар солҳои 80-уми қарни XX муҳаққиқ Ҳақназар Назоров машҳуртарин асарҳои худро бо номи «Омолу афкори Сайид Ҷамолиддин Афғонӣ»[6], «Афғонистони навин»[7], «Назаре ба равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон» [8] ва «Ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20-уми қарни XX»[9]-ро ба нашр расониданд, ки аз ҷониби аҳли илм ва хонандагон хуб пазируфта шуданд. Аз ин силсилаи китобҳо махсусан омӯзиши афкори иҷтимоӣ-сиёсии пешқадами Сайид Ҷамолиддини Афғониро махсус бояд қайд кард. Зеро ҷаҳонбинӣ ва таълимоти Сайид Ҷамоллидини Афғонӣ бешак имрӯз низ барои ҷаҳони Шарқ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дигар асари бунёдии муаллиф «Ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20-уми қарни XX» маҳсуб мешуд, ки дар он шӯриши деҳқонон бо роҳбарии Ҳабибуллоҳи Калаконӣ, машҳур ба Бачаи Сақо инъикос ёфтааст. Бояд иброз намоем, ки шӯриши деҳқонон бо роҳбарии Ҳабибуллоҳи Калаконӣ яке аз масъалаҳои баҳсноктарини таърихи навини Афғонистон ба ҳисоб меравад.

Бо барҳам хӯрдани давлати Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ барои устод Ҳақназар Назаров имконияти васеъ фароҳам омад, ки асару мақолоти ҷолибе мунташир созад. Дар ин робита асарҳои бунёдии худро оид ба Осиёи Марказӣ ва Хуросон аз қабили «Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва мактаби ҷамъиятию сиёсии вай» [10], «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» [12], «Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён»[13], «Аз таърихи пайдоиш ва паҳншавии ақвом ва халқҳо дар Осиёи Марказӣ» [16] ва «Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон» [17] -ро ба нашр мерасонад.

Дар китоби «Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва мактаби ҷамъиятию сиёсии вай» муаллиф фаъолияти ҷамъиятиву сиёсӣ ва илмию фалсафии Сайид Ҷамоллидини Афғониро дар мамлакатҳои Шарқи Миёна ва Наздик ҳаматарафа мавриди таҳлил қарор додааст.

Асари калонҳаҷми донишманди нозукбин Ҳақназар Назаров, ки дар ин солҳо нашр гардид, «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» мебошад. Ба ин асар як зумра муҳаққиқон аз қабили Қ.Искандаров, Ҳ.Нуриддинов, М.Лутфуллоев, Ф. Зикриёев, Ш. Имомов ва дигарон тақриз навиштанд ва аз таҳқиқоти устод ба хушнудӣ истиқбол намуданд[14].

Аз ҷумла, донишманди шарқшинос Ҷ. Назриев дар хусуси ин китоб чунин навиштааст: «Китоби калонҳаҷму пурмуҳтавои Ҳақназар Назаров «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» асари вежаест. Мақсад аз навиштани ин асар нишон додани мақому мартабаи ростини миллати тоҷик дар Афғонистон ва рафъи тасҳиф ва таҳрифи «таърихнигорон», аниқтараш паштунгароёну дуруғгӯёни олами илм дар Афғонистон аст»

[20]. Дар дигар тақризҳои муаллифони дар боло ёдгардида низ аз ин асар сутуда шудааст.

«Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён» низ асари бунёдии муҳаққиқ Ҳақназар Назаров ба ҳисоб меравад. Бо ин асараш муаллиф наслҳои имрӯзу фардои миллати тамаддунсози тоҷикро ҳушдор медиҳад, аз истиқлолияти давлатӣ ва озодии худ дифоъ намоянд ва онро чун гавҳараки чашм ҳифозат намоянд.

Дар асари «Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон» низ муаллиф андешаҳои ҷолиб баён намудааст. Аз ҷумла Ҳақназар Назаров дар такя ба Ибни Халдун таъкид менамояд, ки «Куллияи уламои илми калом ва низ муфассирони Қуръон эронӣ буданд ва ҷуз эрониён касе ба ҳифз ва тадвини улум қиём накард ва аз ин рӯ мисдоқи гуфтори пайғамбар (с) падид омад, ки фармуд «агар дониш ба гардани осмон даровезед, қавме аз мардуми форс бад-он ноил меоянд ва онро ба даст меоваранд» [17,194-195].

Ҳақназар Назаров се сол пеш аз марги нобаҳангоми худ 12 феврали 2006, мақолае дар бораи қаҳрамони миллии Афғонистон Аҳмадшоҳ Масъуд навишта буд. Дар ин мақола ӯ чунин нигоштааст: «Ба яқини комил метавон қазоват кард, ки дар миёни муборизони озодии Хуросони бузург шахсеро пайдо кардан душвор аст, ки бо хулқу атвор, шуҷоат ва ҷавонмардӣ, покӣ ва сафоии худ дар баробари Аҳмадшоҳи Масъуд қарор гирифта тавонад. Ҳарчанд вай бо ҷанговарӣ ва қаҳрамони миллӣ номдор шуда бошад ҳам, вале дар асл вай як шахси наҷиб ва фарзонаи фарҳангӣ буд ва дар тамоми даврони мубориза ва муҷоҳадаи худ ҳамеша «Қуръони Маҷид», «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ ва «Маснавӣ»-и Мавлавиро бо худ медошт» [15,21].

Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон ва берун аз он ба мероси илмии Ҳақназар Назаров баҳои баланд додаанд. Дар баробари осори дар боло номбаршуда оид ба таърихи Осиёи Марказӣ ва Хуросон устод як зумра мақолоти дигар мунташир сохтааст. Умуман доираи илмии профессор Ҳақназар Назаров фарох аст ва метавон мавсуфро ба қатори чеҳраҳои мондагори илми таърихшиносӣ ва ҳамчунин ховаршиносии қарни XX ва ибтидои қарни XXI дохил намуд.

**Адабиёт:**

1. Назаров Ҳ. Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурронихо то ғалтидани аморати Бухоро /Ҳ.Назаров. /Муҳаррири масъул М. Бақоев; Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттӣ Акад. фанҳои РСС Тоҷикистон.–Душанбе: Дониш, 1963.–179 с.
2. Назаров Х. К характеристике народных движений конца XIX века в Афганистане.-Душанбе: Ирфон, 1968.–48 с.
3. Назаров Х. Из истории движения народных масс Афганистана в начале XX века/ Х. Назаров. /Отв. ред. А. Г. Слонимский/-Душанбе: Ирфон, 1968.–87 с.

4. Асадуллоев Қ. Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Миёна/Қ. Асадуллоев, Ҳ. Назаров, Т. Муҳиддинов; Муҳаррири масъул Д. Саидмуродов/. –Душанбе: Маориф, 1973.–260 с.

5. Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков) / Х. Назаров /Отв. ред. Б. И. Искандаров/. – Душанбе: Ирфон, 1976–262 с.

6. Назаров Ҳ. Омолу афкори Сайид Ҷамолиддин Афғонӣ/ Ҳ. Назаров /Муҳаррири масъул Ғ.А. Ашӯров/.–Душанбе: Дониш, 1980.–105 с.

7. Назаров Ҳ. Афғонистони навин/Ҳ.Назаров, С.Мерганов.–Душанбе:Ирфон,1982.–174 с.

8. Назаров Ҳ. Назаре ба равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон /Ҳ. Назаров, И. Раҳматов: Муҳаррири масъул С. Мерганов/. Ин-ти шарқшиносӣ.–Душанбе: Дониш, 1987.–41 с.

9. Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане/Х.Назаров./Отв. ред. А.Г. Слонимский/.–Душанбе:Дониш,1989.–265 с.

10. Назаров Х. Саид Джамолиддин Афгани и его общественно-политическая школа/Х. Назаров /Отв. ред. М. Диноршоев/.–Душанбе:Дониш,1993–268 с.

11. Искандаров Қ. Очерки мухтасар аз фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилотчигии Ҳақназар Назаров /Қ. Искандаров // Ҳақназар Назаров. Материалҳо оид ба библиографияи олимони Тоҷикистон, барориши 55, Душанбе, 1993.– С.13-26.

12. Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон/ Ҳ.Назаров. –Душанбе, Дониш,1998.–656 с.

13. Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён/Ҳ.Назаров. –Душанбе:Ирфон, 1999.–138 с.

14. Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон /Қ. Искандаров.–Душанбе: Амри илм, 2001.–118 с.

15. Назаров Ҳ. Абармарде, ки дар пешгоҳи мардуми Афғонистон ояндаи дурахшонро ифтитоҳ намуд./Ҳ.Назаров.//Фарҳанг.–2003.-№7-9.-С.18-21.

16. Назаров Х. К истории происхождения и расселения племен и народов Центральной Азии/Х.Назаров.–Душанбе, 2004.–103 с.

17. Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) /таҳти назари К. Олимов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009.–646 с.

18. Назриев Ҷ. Аввалин таърихшиносе, ки унвони номзади фанҳои таърихро гирифт *[манбаи электронӣ]. URL:* http://www.ruzgor.tj/tarih/4995-avvalin-tarikhshinose-ki-unvoni-nomzadi-fanhoi-tarikhro-girift-9295.html *(санаи истифодабарӣ:* 20.04.2011*)*

# ҚОИДАҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД

«Идоракунии давлатӣ» - маҷаллаи илмӣ – сиёсии Донишкадаи идоракуни давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар он маводи илмӣ, илмӣ – методӣ, таълимӣ доир ба соҳаи хизмати давлатӣ, идоракунии давлатӣ ва масоили марбут ба такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ интишор мешаванд.

Ба маҷалла мавод ба забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ қабул карда мешавад. Муаллифон бояд қоидаҳои муайянро риоя намоянд. Маводи пешниҳодшаванда бояд нав ва пеш аз ин дар дигар нашрияҳо чоп нашуда бошад. Ҳаҷми маводи чопӣ бояд аз 1500 аломати чопӣ зиёд набошад. Маводи ба маҷалла пешниҳодшаванда бояд пурра таҳриршуда ва он аз хатогиҳои имлоию грамматикӣ ва услубӣ орӣ бошад.

## Талабот ба маводи пешниҳодшаванда

1. Матни мақола дар шакли чопӣ ва электронӣ бошад. Дар саҳифаи охири мақола муаллиф бояд имзо гузошта, нишонии ҷойи кор ва манзили худро (бо рақами телефон ва e-mail) нишон диҳад. Матни электронӣ бояд дар муҳити Word-2007 ё баъдӣ (шрифти Times New Roman Tj, андозаи 14, фосилаи 1,0; хати сурх 0,5 см.) ҳуруфчинӣ шуда бошад. Дар зери сарлавҳаи мақола ному насаб, дараҷа ва унвони илмӣ, мансаб (вазифа), мақомот (ҷойи кор), нишонӣ ва рақами телефон барои иртибот нишон дода шуда, инчунин овардани аннотатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва вожаҳои калидӣ ҳатмист. Дар матн ҷадвал ё расмро бо риояи шартҳои зерин ҷой додан мумкин аст: ҷадвал бояд бе автоформат ҳуруфчинӣ шуда бошад (на ин ки ҳамчун тасвир, масалан, тавассути сканнер). Рақамҳои даҳӣ бояд бо вергул, бефосила навишта шаванд. Масалан, 19,6 на ин ки 19.6. Расмҳо бояд андозаи то 12x20 см, сиёҳ-сафед, дар қолаби *.jpg ё *.gif бошанд. Харита ва ё расмҳои мураккаб дар формати CorelDraw низ қобили қабуланд. Расмҳои қолаби дигардошта қобили қабул нестанд.

Рӯихати адабиёт дар охири матн аз рӯйи алифбо, бо рақами тартибӣ оварда шуда, ишораҳо ба сарчашма дар дохили матн дар қавси чоркунҷа [5,34] нишон дода мешаванд.

Қарор оид ба чопи мавод аз ҷониби ҳайати таҳририя қабул карда мешавад. Матни барои чоп тавсияшуда ба муаллиф барои мувофиқа ирсол карда мешавад. Маводи ба маҷалла пешниҳодгардида ба муаллифон баргардонида намешаванд.

# ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

**МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ – СИЁСИИ ДОНИШКАДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

(№ 1) 2018

Нишонӣ:
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Email: info@did.tj
Тел.: 224-83-93, 224-17-86 (факс)

Ба матбаа 6.03.2018 супурда шуд. Ба чоп 7.05.2018 имзо шуд.
Андозаи 70x100 1/16. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 8,6.
Супориши № 83. Адади нашр 500 нусха

734018, ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16
КВД КТН "Шарқи озод"-и Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон